ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ

Ба ҳукми дастнавис

ВБД: 891.550 (81.2 (2Т))

Сафаралиева Манижа Рӯзиевна

ЗАБОН ВА УСЛУБИ МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ САДРИДДИН АЙНӢ

(дар заминаи мақолаҳои солҳои 20-уми садаи XX)

Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– Забони тоҷикӣ

Роҳбари илмӣ: д.и.ф., профессор
Мирзоева Матлюба Ҷаҳонгировна

Душанбе – 2024

Мундарича

МУҚАДДИМА……..……4-6

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....6-11

БОБИ 1. ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВИЮ УСЛУБИИ ЗАБОНИ МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ САДРИДДИН АЙНӢ…….....…12

1.1. Матолиби муқаддамотӣ…….……..…….....13-22

1.2. Истифодаи калимаҳои аслӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ.....23-25

1.3. Мавқеи калимаҳои арабӣ дар мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ.....26-45

1.4. Истилоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар мақолаҳои Садриддин Айнӣ.....46-52

1.5. Калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ……..53-58

БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ УНСУРҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ СОЛҲОИ БИСТУМИ САДРИДДИН АЙНӢ.....59-60

2.1. Сермаъноии калимаҳо дар мақолаҳои устод Айнӣ.....61-73

2.2. Истифодаи синонимҳо дар мақолаҳои Садриддин Айнӣ.....74-90

2.3. Мутазодҳо дар мақолаҳои Садриддин Айнӣ.....91-95

2.4. Гурез аз такрор ва забонзада шудани калима дар мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ.....……..……96-106

2.5. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ…….....…….....107-119

2.6. Ифодаҳои маҷозӣ дар мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ.....120-123

БОБИ 3. БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СИНТАКСИСИИ ЗАБОНИ МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ САДРИДДИН АЙНӢ.....124-126

3.1. Хусусиятҳои услубии ибораҳои масдарӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ.....……...127-129

3.2. Ҷумлаҳои сода дар мақолаҳои Садриддин Айнӣ…….....130

3.3. Ҷудокунии таркиби ҷумлаҳои мураккаб……...131-137

3.4. Баъзе қайдҳо доир ба сабаҳои устод Айнӣ аз забономузӣ ва ҳусни баён……...138-160

3.5. Воситаҳои муассири наҳвӣ……...161-167

3.6. Ҷумлаҳои саволии риторикӣ……168-171

3.7. Такрори унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ дар мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ.....172-176

ХУЛОСА.....177-178

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....179

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....180-189

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....190-191

МУҚАДДИМА

Кори диссертатсионӣ ба забон ва услуби мақолаҳои устод Айнӣ (дар заминаи мақолаҳои солҳои 20-уми садаи XX) бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Агар забон ҳамеша дар рушду инкишоф набошад, вазифаи ҷамъиятии худ, яъне муносибати афкори байни одамонро иҷро карда наметавонад. Забони тоҷикӣ ин вазифаи муқаддаси худро асрҳо боз иҷро карда истодааст. Албатта, барои он ки забон пойдор бимонад, соҳибзабонон онро бояд гиромӣ доранд ва барои тозагӣ ва рушду инкишофи он мубориза баранд. Маҳз, ҳамин ҷонфидоиҳои соҳибзабонон буд, ки забони форсии тоҷикӣ дар солҳои 20-уми асри XX босуръат рушду такомул ёфт. Яке аз онҳо асосгузори адабиёти навини форсии тоҷикӣ Садриддин Айнӣ буд, ки бо осори гаронбаҳояш то охири умр баҳри покизагиву беолоишии забони ноби тоҷикӣ талош намуд. Бинобар ин забони осори адиб имрӯз ҳам ҳамчун намунаи (эталони) забони адабии тоҷикӣ эътироф гардидааст. Ин аст, ки омӯзиши паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти адиб, хосса публитсистикаи ӯ, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар таҳқиқи мазкур хусусиятҳои лексикию фразеологӣ ва синтаксисии мақолаҳои устод Айнӣ мавриди пажуҳиш қарор мегиранд.

Ин масъала аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар ин давра як зумра равшанфикрони тоҷик, аз қабили Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Мирзо Абдулқодири Мунзим, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Сайидризо Ализода ва дигарон бо як руҳияи баланди инқилобӣ ба арсаи бозсозии ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ қадам ниҳода, дар атрофи масъалаҳои забон ҳам баҳсу мунозираҳои илмӣ кардаанд. Ҳамин қазия боиси он гардид, ки забони нахустин мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ, чӣ тарз тадриҷан такмил ёфтани онҳо ва баҳси гарме, ки охири солҳои бистум дар атрофи забони тоҷикӣ ба миён омад ва ба ақидаҳои адиб бетаъсир намонд, ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Фаъолияти илмию адабӣ ва ҷамъиятии С. Айнӣ барои ҳамаи услубҳои ҷории забони тоҷикӣ, аз ҷумла, ба таҳқиқи услубҳои бадеӣ ва публитсистии забони тоҷикӣ, маводи фаровон фароҳам меорад. Агар чунин шахсият дар мардумони дигар пайдо мешуд, шояд даҳҳо асарҳои таҳқиқии бунёдӣ бо унвонҳои «С. Айнӣ – шоир», «С. Айнӣ – нависанда», «С. Айнӣ – адабиётшинос», «С. Айнӣ – забоншинос», «С. Айнӣ – фолклоршинос», «С. Айнӣ – журналист», «С. Айнӣ – тарҷумон», «С. Айнӣ – ношир», «С. Айнӣ – муҳаррир», «С. Айнӣ – таърихшинос» ва ғайра ба вуҷуд меомаданд. Ҳоло гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи ин соҳаҳои фаъолияти С. Айнӣ аз ҳар ҷиҳат, бахусус аз лиҳози илми забон, услубшиносӣ, матншиносӣ, омӯхта нашудааст.

Устод Айнӣ – нависандаи заҳматписанду ҳақиқатнигор, дар рушди соҳаи рӯзноманигорӣ низ хизматҳои шоиставу омӯзандае кардааст ва тамоми умри бобаракати худро сарфи ободии кишвар ва равнақи забону адабиёт ва журналистикаи тоҷик намудааст.

Н. Маъсумӣ ҳангоми таҳқиқи повести «Марги судхӯр» ба чунин хулоса меояд: «Айнӣ дар интихоби калимаҳо ниҳоят эҳтиёткор аст, аз ин сабаб дар забони асарҳои ӯ ба таври тасодуфӣ кор фармуда шудани ягон хел калима ва ибора дида намешавад» [Маъсумӣ Н., 1959].

Забоншиносон Н. Маъсумӣ [1959], М. Шакурӣ (2005), Р. Ғаффоров [1966], М.Н. Қосимова [2005], Б. Камолиддинов [1967], Ҳ. Маҷидов [2007], Н. Гадоев [2017], дар солҳои охир М. М. Мирзоева [2008], Қ. Мухторӣ [2006], М. Ҷумъаев [2009], Б. Шодиев [2013], Н. Саидов [2016] ва дигарон доир ба масъалаҳои мухталифи лексикология таҳқиқот бурдаанд.

Дар қатори таҳқиқоте, ки ба масъалаҳои гуногуни наҳви забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, метавон як силсила рисолаву мақолаҳои олимонро номбар намуд. Аз ҷумла, таҳқиқоти С. Ализода [2007], Б. Ниёзмуҳаммадов [1981], Х. Ҳусейнов [1973], Б. Камолиддинов [1992] , Ш. Рустамов [1988], М. Норматов [2001], Д. Хоҷаев [2021], М. Ҷ. Мирзоева [2013] ва дигарон масъалаҳои гуногуни воҳидҳои наҳвиро дар бар гирифтаанд.

Сарфи назар аз ин, забон ва услуби мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ (дар мисоли мақолаҳои солҳои 20-уми асри XX) дар шакли таҳқиқи монографӣ мавзуи баҳси муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Мубрамияти мавзуи мазкурро ин ҷанба собит менамояд.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқи мазкур бо барномаҳои таълимии муқарраршуда робитаи бевосита дошта, барои такмили он мусоидат менамояд, зеро мавзуи баррасишаванда як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ ба ҳисоб меравад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади таҳияи рисола аз таҳқиқи забон ва услуби мақолаҳои дар солҳои 20-уми садаи XX таълифнамудаи устод Айнӣ иборат буда, дар доираи як диссертатсияи илмӣ фаро гирифтани ҳамаи ҷиҳатҳои услубии мақолаҳои устод Айнӣ ғайриимкон аст.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ба ин мақсад расидан дар рисола иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида шуд:

- муайян намудани хусусиятҳои луғавии мақолаҳои нависанда, аз ҷумла, истилоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтибосоти арабӣ, калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ;

- таҳлили вижаҳои услубии вожаҳои сермаъно, муродифот, мутазодҳо, гурез аз такрори калима;

- муайян намудани мавқеи калимаву таркибҳои маҷозӣ дар мақолаҳо;

- баррасии сабақҳои устод Айнӣ дар истеъмоли воҳидҳои луғавӣ;

- таҳқиқи қайдҳои нависанда дар ҳошияи асарҳои бадеӣ ва тарҷумавӣ, ки дар мақолаҳояш низ зикр гардидаанд;

- таҳлили хусусиятҳои наҳвии мақолаҳои адиб;

- муқаррар намудани қолабҳои наҳвӣ дар онҳо;

- таҳқиқу баррасӣ намудани ҷумлаҳои содаю мураккаб ва муқоисаи онҳо ба солҳои баъдӣ.

Объекти таҳқиқ. Тамоми мақолаҳои дар солҳои бистуми садаи XX таълифнамудаи устод Айнӣ, ки дар маҷмуаи «Ахгари инқилоб» [1974], ва ҷилди 9-и “Куллиёт”-и Садриддин Айнӣ [1977], фароҳам омадаанд, аз нигоҳи хусусиятҳои луғавию фразеологӣ ва грамматикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқ. Забон ва услуби мақолаҳои дар солҳои 20-ум эҷоднамудаи устод Айнӣ.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Ҳангоми таҳлилу таҳқиқи забони мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ба асарҳои илмии забоншиносон В. В. Виноградов, Л. С. Пейсиков, Ю. А. Рубинчик, А. Н. Гвоздев, Д. Т. Тоҷиев, М. Шакурӣ, С. В. Хушенова, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, М. Н. Қосимова, М. Муҳаммадиев, М. Юсуфова, Р.Ғаффоров, С.Ҳалимов, Т.Бердиева, М.Норматов, Д.Хоҷаев, М.Ҷ. Мирзоева, Қ. Мухторӣ, М. Ҷумъаев, М.М. Мирзоева, С. Низомова, Ҳ. Дӯстзода, Ҳ. Сафаров, Б. Шодиев, Г. Зоғакова ва дигар муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ такя намуда, забон ва услуби мақолаҳои публитсистии дар солҳои 20-уми асри ХХ эҷоднамудаи С. Айниро мавриди баррасӣ қарор додем.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Барои баррасӣ ва ҳалли ниҳоии мавзуъ аз дастовардҳои забоншиносии муосир доир ба масъалаҳои забон ва услуби асарҳои публитсистиву бадеӣ, назарияи забон, лексика, фразеология, грамматика ва услубшиносӣ истифода карда шудаанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ мақолаҳои устод Айнӣ, ки дар “Ахгари инқилоб” , ҷилди 9-и “Куллиёт”-и адиб[22] ва “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш[23] (дар фасли калимаҳои иқтибосии арабӣ) интихоб шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Рисолаи мазкур нахустин кори илмиест, ки дар асоси маводи мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ навишта шудааст. Назари С. Айнӣ ба масъалаи муносибати забони адабии тоҷикӣ бо забонҳои дигар, иқтибоси калима ва покизагии забони адабии тоҷикӣ аз ибтидои фаъолияти илмӣ, публитсистӣ ва адабиаш якмаром намондааст. Устод Айнӣ дар мақолаҳои публитсистиаш дар истеъмоли калимаю истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз тақозои сабки маъмули нигориши ибтидои асри гузашта канор нарафтааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Бартарии забони мақолаҳои устод Айнӣ аз нигоҳи воҳидҳои луғавӣ бо пуробурангии худ тафовут дорад.

2. Таркиби луғавии мақолаҳои нависанда аз нигоҳи баромад якранг нест. Дар онҳо аз калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла, калимаҳои арабӣ, хеле зиёд ва мувофиқи талаботи замони худ истифода шудаанд.

3. Дар мақолаҳои нависанда категорияҳои семантикӣ аз қабили сермаъноӣ ва муродифот мақоми хосса доранд. Мавҷудияти онҳо аз боигарии забони мақолаҳои устод шаҳодат медиҳад.

4. Азбаски мақолаҳои устод Айнӣ дар замони амирӣ навишта шудаанд, калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ зиёд истифода гардидаанд, инчунин, истилоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ мақоми хосса пайдо кардаанд.

5. Гурез аз такрори калима дар мақолаҳои устод хеле моҳирона ва ҷолиби диққатанд. Устод аз ин тарзи ифода мувофиқи мақсад ва забонзада нашудани калима истифода кардаанд.

6. Дар мақолаҳо қолабҳои наҳвӣ, аз қабили хусусиятҳои услубии ибораҳо, ҷумлаҳои содаву мураккаб, қайдҳо аз сабақҳои устод, воситаҳои муассири наҳвӣ истифода шудаанд, ки мундариҷаи мақолаҳоро пуробуранг ва ба хонанда хеле наздику фаҳмо гардонидаанд.

7. Саволҳои риторикӣ дар мақолаҳо мувофиқи мақсад истифода шуда, бисёр ҳам ҷолибанд.

8. Такрори унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ яке аз хусусиятҳои хоси услуби нигориши устод Айнӣ ба ҳисоб рафта, забони мақолаҳоро рангин намудааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ба ҳалли бисёре аз масъалаҳои назарии лексикология, фразеология ва грамматикаи жанрҳои журналистика, аз ҷумла, мақолаҳои публитсистӣ, навиштани қисматҳои ҷудогонаи медиалингвистика, таҳқиқи минбаъдаи хусусиятҳои забониву услубии жанрҳои дигар мусоидат менамояд.

Маводи рисола метавонад, дар мавридҳои зайл бевосита истифода шавад:

– таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои факултаҳои филологӣ ва журналистикаи мактабҳои олӣ;

– ташкили курсҳо ва семинарҳои махсус, корҳои амалӣ ва лабораторӣ аз фанҳои лексикология, фразеология, синтаксис, услубшиносӣ ва ғайра;

– таълифи корҳои курсӣ ва хатм аз фанҳои лексикология, фразеология, синтаксис, услубшиносӣ ва таҳлили забони асари бадеӣ;

– чун мактаби маҳорати эҷодӣ барои адибони ҷавон.

Мутобиқати мавзуи дисертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсия дар мавзуи “Забон ва услуби мақолаҳои Садриддин Айнӣ (дар заминаи мақолаҳои солҳои бистуми садаи XX)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Муаллифи диссертатсия дар ҳама зинаҳои таҳқиқ – аз ҷамъоварии маводи амалӣ, азхудкунии адабиёти илмӣ то ба анҷом расидани қисматҳои кор, иштироки фаъолона кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқро дар рафти дарс истифода бурдааст. Инчунин, муҳтавои рисола дар мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф инъикос гардидааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати тақрибан сездаҳсолаи муҳаққиқ маҳсуб ёфта, натиҷаву хулосаҳои таҳқиқ дар маърузаҳои диссертант дар конфронсҳои илмии ҳарсолаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои 2010 – 2023, аз ҷумла конференсияи ҷумҳуриявии “Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ” (2011 – 2014 ва 2017 – 2023) ва конфронсҳои илмии ҷумҳуриявии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, аз ҷумла, “Забон – ҳастии миллат” (Душанбе, 2022), “145-солагии устод Айнӣ” (Душанбе, 2023) дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқ дар ҷараёни таълими «Назарияи фразеология», «Забони муосири тоҷикӣ», «Курси лексика ва

фразеологияи забони тоҷикӣ», курси махсус доир ба забони ВАО истифода гардиданд.

Рисола дар ҷаласаи васеи кафедраҳои услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ ва забони адбиии муосири тоҷикии ДМТ (суратҷаласаи №11, аз 20.06.2023) муҳокима ва ба дифоъ пешниҳод шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 15 мақола, ки 8-тои он дар нашрияҳои феҳристи КОА ФР ва КОА ҶТ ба қайд гирифта шудаанд, инъикос ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 191 саҳифаи чопи компютерӣ ҳуруфчинӣ шуда, он аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт таҳия гардидааст.

БОБИ I
ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВИЮ УСЛУБИИ ЗАБОНИ МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С.АЙНӢ

Вақте ки сухан дар бораи мақола меравад, албатта, Аҳаммияти публитсистии он пеш меояд, ки дар ин хусус муҳаққиқони соҳаи журналистика ақидаҳои худро баён кардаанд.

Иброҳим Усмонов доир ба мақола чунин ақида дорад: “Дар публитсистика мақола жанри марказӣ аст. Вай беҳтарин василаи баёни фикр ва дарҷи ақида аст. Талошҳо барои озодии баён бештар дар атрофи ҳамин жанр сурат мегиранд” [Усмонов И., 2009, с. 59].

Пайванди Гулмуродзода хусусияти аслии мақоланависиро дар масъалагузорӣ, баррасии ҳамаҷонибаи мавзуъ, тадқиқи мавзуъ мебинад [Гулмуродзода П., 2006, с. 42-43].

Муҳаққиқ Н. Бозоров менависад, ки “алоқамандии фикр ва факт аз вазифаҳои иҷтимоии публитсистика ба шумор меравад... (ва) факт маводи ибтидоист, ки публитсистика ба он пурра такя мекунад” [Бозоров Б., 2004, с. 29-30].

А. Азимов бошад, аҳаммияти таърихӣ, адабӣ ва публитсистии онро зикр мекунад [Азимов А., 2004, с. 42].

Мақола ақидаи як кас дар бораи муҳимтарин воқеаҳои зиндагӣ, буда, он фикри шахсӣ аст, аммо бояд аз асосҳои илмӣ ва таҷрибаи зиндагӣ бархӯрдор бошад. Мақола дар батни худ баҳс дорад, мувофиқ будан ё набуданро ифода мекунад ва ба ҳамин шева ба аудитория таъсир мерасонад. Мақола баёни публитсистӣ аст ва дар иртибот ба мавзуъ аз унсурҳои муассиркунандаи бадеӣ, аз ҷумла шеър, латифа, қисса, ривоят, зарбулмасалу мақол ҳам дар он истифода бурдан мумкин аст. Мақола хислати сиёсӣ дорад, бинобар ин ҳар гоҳ аз сиёсатмадоре, олиме ёд шуд, манбаи суханаш бояд ба тавре ки хонандаи шубҳакарда пайдо карда метавониста бошад, зикр гардад. Мақола жанри ҷиддӣ аст ва матни он таҳдиду дашномро намебардорад [Усмонов И., 2005, с. 67].

1.1. Матолиби муқаддимавӣ

Дар бобати таҷдид ва такмили меъёрҳои забони адабӣ саҳми устод Айнӣ бузург аст. Ин донишманди беназир забони адабии ҳазорсола ва забони зиндаи халкро медонист. Дар навиштаҳои ӯ сарвати бепоёни забони мо бисёр мукаммал ҷамъ омадааст. Устод Айнӣ бештар аз ҳама доираи забони адабии тоҷикро васеъ кард, имкониятҳои услубии онро вусъат дод. Назариёти С. Айнӣ дар хусуси ба кор даровардани «забони содаи оммафаҳм» дар даврони нав мувофиқи принсипи халқияти забони адабӣ, ки ҳар гуна содакунии сунъӣ ва омиёнаро рад мекунад, сурат гирифтааст [Тоҷиев Д., 1976, с. 85].

Навиштаҳои устод Айнӣ ба услуби нав, «бо забони хушкардаи худаш» ба адибони дигар намунаи ибрат шудаанд. Бисёр нависандагон ва тарҷумонҳо дар ин мактаби адабӣ тарбия ёфта, равиши устоди худро бомуваффақият идома доданд. Ба ин васила услуби фардии С. Айнӣ дар соҳаи тағйир ва инкишофи забони адабӣ ранги умумӣ гирифт. Дар натиҷа, забони адабии тоҷикӣ дар давраи расидан ба пояи забони адабии миллӣ бо роҳи тамоман дуруст пеш рафт.

Адибони ҳозира навиштаҳои устод Айниро ҳар қадар дақиқтар мутолиа карда, аз ҳунарҳои саррофонаи ӯ дар соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории воситаҳои забонӣ зиёдтар файзёб ва баҳрабардор шаванд, савияи маданияти забонии онҳо ҳамон қадар боло рафта, барои пешрафти минбаъдаи забони адабӣ фоидаҳо меоранд [Таджиев Д. Т., 1955, с. 80].

1. Сабақи интихоб ва истеъмоли вожаҳо

С. Айнӣ дар мақолаҳои худ як миқдор калимаю таъбирҳоеро ба кор бурдааст, ки ҳоло тарзи нодурусти истифодаи онҳо дар забони матбуот пайдо шудааст. Аз ҷумла, калимаҳои **хатогӣ, зарурият, фарқият, муқобилият, мусбӣ, ёрдам кардан** ва ғайра мебошанд, ки шакли солими онҳо **хато, зарурат (зарур (ӣ)), фарқ, мусбат, муқобилат, ёрӣ (ёрмандӣ)** аст.

С. Айнӣ дар ҳошияи романи «Шодӣ» дар забони тоҷикӣ ғалат будани феъли «*ёрдам кардан*»-ро муфассал шарҳ дода, тоҷикии онро «*ёрӣ расонидан*» ё «*ёрмандӣ кардан*» шуморидааст: Матн: Аз мо *ёрдамашро* дареғ надорад. *Таҳрир: ... ёриашро дареғ надорад.*

Қайд: Калимаи *ёрдам* ҳам аз он ҷумлаи калимаҳост, ки касони ғайритоҷикзабони нодон сохта баровардаанд ва аз забони онҳо ба тоҷикон гузаштааст. Ба ҷойи **ёрдам** «*ёрӣ*» ё «*ёрмандӣ*» кор фармудан даркор аст. Аммо ин ду калимаи охир дар ҷумла фарқ мекунанд: «*ёрӣ медиҳанд*», «*ёрмандӣ мекунанд*» мешавад. Маънои ин ду калима як аст. Агар мо калимаи «*ёрдам*»-ро таҳлил кунем, **ҳамдам-ҳам дам** барин як чиз мешавад [Тарҷума ва балоғати сухан, 2004, с. 10].

Ҳамон маъние, ки дар боло шарҳ дода шуд, дар матнҳои мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ бо ёрии вожаҳои «*ёрмандӣ*» ва «*ёрӣ*» дар шакли дурусташон истифода шудааст: *Ба Афгонистон, Эрон ва Туркия муоҳидаҳои дӯстона баста, ҳаргиз ҳимоят ва* ***ёрмандии заҳматкашони*** *Русияро аз эшон дареғ надошт* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 80); *Дар поёни гуфтор ба дӯстоне, ки ба ин кор ба ман* ***ёрмандӣ*** *карданд, ошкоро аз воҷиба медонам* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 82); *Бинобар он то он поя муовинат ва* ***ёрмандӣ*** *лозим аст* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 82); Ман сар карда «Ҷаллодони Бухоро» ном асари худамро ба хониши умумӣ гузошта, аз **ёрии рафиқон** фоида бурдам (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 105); ...хулоса, чизе ва касе, ки барои ба вуҷуд омадани газета ва матбуот **ёрӣ диҳад** ва хидмат кунад, набуд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб,136).

Чунон ки аз мисолҳои боло аён мегардад, дар ин ҷумлаҳо феълҳои «*ёрмандӣ карданд*»**,** «*ёрӣ диҳад*» мувофиқи мазмуни матн ва меъёри таркиббандии забони тоҷикӣ сохта шудаанд.

Дар забони матбуоти имрӯзаи мо **«хато»**-ро **хатогӣ** менависанд. Ин нуктаро М. Шакурӣ низ хотирнишон кардааст:

«Калимаи **хатогӣ,** ки ҳоло дар матбуоти мо ва сухани ҳамагон мушоҳида мешавад, калимаи нодурустест, чунки ин **«хатогӣ»**-ро ба ҷойи ҳамон калимаи муқаррарии **«хато»** кор мефармоянд. Аз ин ҷо пасванди **«-гӣ»** тамоман зиёдатист, яъне онро партофта, калимаро ба шакли аслии он – ба шакли **хато** даровардан лозим аст.

Дар забони тоҷикӣ калимаи **хатоӣ** низ ҳаст. Маънои он **хато** будан, **нодуруст** будан мебошад. Агар барои равшан шудани масъала инро ба русӣ тарҷума кунем, **хато-ошибка,** аммо **хатоӣ- ошибочность** мешавад. Бинобар ин **«хатогӣ»** ва **«хатоӣ»**-ро ба маънои **хато** кор фармудан мумкин нест.

Агар, фарзан, калимаи **хатогӣ** аз ҷиҳати маъно дуруст мебуд ҳам, онро ба эътибори шакл нодуруст ҳисоб кардан лозим меомад, зеро, чунон ки маълум аст, калимае, ки бо ҳарфи **«о»** тамом шудааст, пасванди **«-гӣ»** не, балки пасванди **«-ӣ»** мегирад. Аз ин ҷиҳат калимаи **хатогӣ** ҳам маъноан ва ҳам шаклан нодуруст аст» [Шакурӣ М., 2005, 185].

С. Айнӣ чандин бор таъкид карда буд ва дигарон (Аз ҷумла Т. Зеҳнӣ) ҳам дар матбуот қайд кардаанд, ки, агар калима бо ҳарфи **«а»** тамом шуда бошад, пасванди **«-гӣ»** қабул мекунад (хона- хонагӣ), лекин, агар охири калима **«о»** бошад, ба он пасванди **«-ӣ» ҳ**амроҳ кардан лозим аст: *доно-доноӣ, хоно-хоноӣ* ва ғайра [Шакурӣ М., 2005, 185].

Ба гуфти С. Айнӣ, М**.** Шакурӣ, Т**.** Зеҳнӣ, калимаи **хатогӣ** хатост ва дар публитсистикаи Айнӣ ин калима дар шакли солим кор фармуда шудааст:

*Ба ислоҳи **хатоҳои** воқеъшударо аз арбобаш самимона илтимос менамоям* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 83); *Аҷаб нест, ки дар тарҷума ва ё ин ки дар иборот баъзе **хатоҳо** бошад* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 136).

Дар расонаҳои хабарии имрӯза, ба қоидаи дурусти истифодаи ин калима диққат надодаанд ва онро ба шакли **хатогӣ** кор мефармоянд:

Ҳангоми харидории ошхона ӯ ба ***хатогии*** *ҷиддие роҳ медиҳад* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 160).

Чизи дигаре, ки дар навиштаҳои устод ба чашм расид, феъли **«нақл кардан»** аст, ки ҳоло дар байни рӯзноманигорон бемаврид истифода бурда мешавад. С. Айнӣ дар навиштаҳояш ин феълро ба тарзи зайл истифода кардааст:

Мо барои мисол як воқеаи пеш аз шастсолаи ин ҳукуматро ...аз китоби...амир ***нақл мекунем.*** *Амир,...аз сӯйи сулуки Амир Музаффар* ***ҳикоят мекунад...*** (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 176).

Дар ин матн аввал феъли **«нақл кардан»** ва баъдан **«ҳикоят кардан»** омадааст, ки ҳардуи ин як маъноро ифода накардаанд. Яъне дар ин ҷо устод Айнӣ «ин воқеаро аз китоби амир **нақл мекунем»** гуфтааст ва дар ҷумлаи дигар худи амир «аз сулуки амир Музаффар **ҳикоят мекунад»** оварда шудааст. Яъне он чиро, ки амир бо чашми худ дидааст, онро ҳикоят мекунад, аммо чизеро, ки хондааст, ба дигарон нақл мекунад.

Ба ин маънӣ дар китоби академик М. Шакурӣ феъли **«нақл кардан»** чунин шарҳ дода шудааст:

Ин феъл ба ҳар ду маънӣ, яъне **ҳикоя кардан** ва **аз забони касе гуфтан** дар адабиёти имрӯза, масалан, дар асарҳои Айнӣ бисёр омадааст. Чунончи, дар ин ҷумлаҳои Айнӣ ба маънои чизеро аз ҷое ба ҷое овардан, аз ҷое ба ҷое кучондан аст:

«Ман дар «Намунаи адабиёти тоҷик» намунаҳои шеъри Исоро ***нақл кардам.*** Ё ки ман ба тарзи мисол баъзе фирқаҳои он бобро... аз ҳар ҷо чида, ***нақл мекунам***», яъне нависанда аз китоби Аҳмади Дониш ба «Ёддоштҳо»-и худ кучонидани баъзе фирқаҳоро дар назар дорад.

Барои он ки чӣ нодурустӣ доштани ин феъл маълум гардад, мулоҳизаи зеринро ба назар гирифтан лозим аст: маънои аслии **«нақл»** аз **«ҳикоя»** фарқ дорад. **Нақл** чизеро аз ҷое ба ҷое гузарондан ва аз ҷое ба

ҷое гузаштан мебошад. Калимаҳои «*нақлиёт*» ва «*ноқил*» (гузаронандаи электрик) аз ҳамин ҷост. Агар **нақл** карданро доир ба сухан кор фармоем, асли маънои он гаперо аз забони худ не, балки аз забони каси дигаре гуфтан аст» [Шакурӣ М., 2005, с. 63].

Калимаҳои дигаре, ки устод Айнӣ истифода кардааст, **зарурат** ва **фарқ** мебошанд, ки имрӯзҳо дар забон ба шакли ғалат истифода мешаванд. Шакли дурусти онҳоро сарфи назар намуда, **заруриат** ва **фарқият** мегӯянд, ки ин хатои маҳз аст. Ҳоло аз мантҳои зерин хоҳем фаҳмид, ки устод Айнӣ онҳоро чӣ гуна истифода намудааст:

Ҳарчанд воқиф шудани ӯ ба ҳоли ман барои ӯ **зарурате** надорад,... (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 136).

Калимаи **фарқ**-ро низ **фарқият** гуфтан хатост. Аз ин рӯ хеҷ гоҳ Айнӣ **фарқият** нагуфтааст:

Баъзе касоне, ки ба забони тоҷикӣ дуруст ошно нестанд, «забони тоҷикӣ аз форсӣ чӣ қадар **фарқ** дорад?» гуфта мепурсанд, аммо касе, ки ба адабиёти куҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ шиносоӣ дорад, ба хубӣ медонад, ки дар миёни инҳо **фарқ**и асосӣ нест (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 105).

Калимаи дигаре, ки дар байни мардум ба шакли нодурусташ истифода мешавад ***муқобилият*** мебошад, ки шакли дурусташ дар мақолаҳои С. Айнӣ – ***муқобилат*** кор фармуда шудааст:

Акнун ки ту ба маҷлиси сулҳ ҳозир нашудӣ, **муқобилат**и худатро рӯйрост нишон додӣ, беҳтар он аст, ки ба пеши мо наист, ба тарафи Ҳисору Душанбе рафта, аз он ҷо ба сари худ кор сар кун (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 317).

Калимаи дигаре, ки дар мақолаҳои устод истифода шудааст, **рол** мебошад, ки ҳоло дар забони мо онро бо ***нақш*** иваз кардаанд.

Истифодаи калимаи **нақш** ба ҷойи **рол** мувофиқ нест. Калимаи **рол** чиҳил-панҷоҳ сол ба забони тоҷикӣ ба чанд маъно ва бисёр ба кор рафт.

«Солҳои охир ба ҷойи **рол** калимаи **нақш** ҳам кор фармуда мешавад. Чунончи, мегӯянд:

Дар оини ҷавонмардӣ тариқатҳои гуногун чандон **нақше бозӣ** намекунанд.

Ин тарз ба ҷойи **рол** истифода шудани **нақш** ҳеҷ гоҳ дуруст нест. **Нақш** калимаи арабист, ки дар забони тоҷикӣ маъниҳои гуногун дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳашт маънои он қайд шудааст: *ранг, сурат, навштан, лоиҳа, бахт* ва ғайра. Ягон маънои он ба маънои **рол** мувофиқ намеояд» [Шакурӣ М., 2005, с. 39].

Ҳатто дар театр истифодаи **нақш** роиҷ гардидааст. «*Нақшҳои офаридаи ин артист ҷолиби диққатанд*». Дар чунин ҷумлаҳо ҳам, ба ақидаи мо, **нақш** ҷойи **ролро** гирифта наметавонад.

Дар матни мақолаҳои С. Айнӣ калимаи **рол** дар мавридаш истифода шудааст.

Албатта, дар ин муваффақият **роли** аввалӣ ва асосиро партияи болшевикӣ бозӣ кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 160). Дар ин роҳ мазмуни навиштаҳо **роли** калон бозӣ мекунад (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 60).

Ба ин калима ибораҳои гуногуне ҳам сохта шудаанд: *роли муҳим, роли бузург*.

С. Айнӣ феълҳои «*раҳоӣ ёфтан*» ва «*раҳо кардан*»-ро аз рӯйи талаботи фикр дар мавқеи созгорашон ба кор бурдааст:

Дар хотири мо – туркистониён, қавме, ки дар вақти ҳукумати Николай аз аскарӣ то беруни ҳудуд мегурехтанд, барои халос шудан аз аскарӣ даст, пой, чашм ва соири аъзои муҳимаи худро талаф мекарданд, худро ба ҳар гуна таҳлука андохта, барои **раҳоӣ ёфтан** аз аскарӣ чора меҷустанд…

Дар ин ҷо таъбири ***раҳоӣ ёфтан*** бамавқеъ истифода шудааст. С. Айнӣ ҳангоми ислоҳ кардани асарҳои тарҷумавӣ тафовути маъноии таркибҳои *раҳоӣ ёфтан* ва *раҳо кардан*ро чунин шарҳ додааст:

Матн: «…ватанро ***раҳо кард*** ва ҷаҳонро ҳам *раҳо намуд*».

Қайди С. Айнӣ: «Дар ин ҷо тарҷумон «*раҳо кард*» ва «*раҳо намуд*»-ро ба маънои «*озод кард*» кор фармудааст ва ҳол он ки маънии ин калимаҳо «*сар дод*» гуфтан аст. Суханон ҳарчанд аз як реша бошанд ҳам, басо мешавад, ки дар шакли корфармоӣ маънии дигар пайдо мекунанд. Дар ин ҷо ҳам ҳамин тарз аст: «*раҳонид*» ба маънои «*озод кард*» меояд, аммо «*раҳо кард*» ва «*раҳо намуд*» ба маънои «*сар додан*» меояд. Агар касе чизеро маҳкам дошта ё баста нигоҳ дошта бошад ва баъд аз он чизро ба ҳоли худ гузорад, «*раҳо кард*» ва «*раҳо намуд*» мегӯянд. Аммо агар чизе дар банде ё таҳлукае бошад ва касе он чизро аз он банд ё таҳлука халос кунад, «*раҳонид*» мегӯянд. Агар маънии луғавии ин ду калимаро батафсил баён кунем, ҳамин тарз мешавад: «*раҳо кардан*» – *сар додан, ба ихтиёри худ гузоштани чизе аст*, ки дар банд ва қайди моддӣ (зиндон, занҷир) ё *маънавӣ* (таҳлука, беморӣ ё ягон офати дигар) афтодааст ва он қайду банд ғайри қайду банди раҳонанда аст» мебошад. Дар байни мардум мегӯянд: «Ҳар сухан 366 паҳлу дорад», ин сухан тамоман дуруст аст. Тарҷумон ва нависандагони мо ҳеҷ набошад ду-се паҳлуи суханро риоя карданашон даркор аст. Алифбои забоншиносӣ ва забондонӣ ва тарзубонӣ, ки «тарҷумон» аз ҳамин сухан гирифта шудааст – ҳамин аст. Касе, ки ҷойгоҳи забонро надонад, ба забон даст заданаш дуруст нест» [Тарҷума ва тарҷумаи бадеӣ, 2011, с. 74 – 78].

Дар матни зерин таъбири «***ғафлат кардан***» омадааст, ки устод Айнӣ доир ба он чунин ақида баён кардаанд:

Таркиби *ғафлат кардан* ба маънои хоб ё пинак рафтан истифода шудааст ва ҳол он ки маънои *ғафлат бехабар, фаромӯш, бетадбир, бепарвоист.* Устод Айнӣ ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, ғалат истеъмол ёфтани ин калимаро (дар ҷумлаи мазкур) чунин шарҳ дода буд:

«Маълум мегардад, ки тарҷумон *гафлат*ро ба маънои *хобидан* кор фармудааст, аммо ин нодуруст аст. Чунки *гафлат* дар мавриди ҳикояе аз ғайри мавриди хоб намеояд. Танҳо шахси аз хоб бедоршуда ба тарзи маҷоз – яъне хоби онвақтаи худро нодуруст вонамуда, аз нафси худ чашми маро ғафлат бурд – гуфтанаш мумкин аст. Ман ин корро дар «Дохунда» дар боби «Хӯҷаин» ба ҳамин тарзи маҷозӣ махсус кор фармудаам, аммо тарҷумон ба маънои хоб кор фармудааст. «Пеши бача ҳавлӣ магӯ, ки ҳалво гумон мекунад» мегӯянд, рост аст».

С. Айнӣ оид ба ҷумлаи *Гидеон ҳам гоҳ-гоҳ гафлат мекард* (тарҷумон Э. Э. Муллоқандов) навиштааст: «*Ғафлат* ба маънои пинак ё хоб дар мавридҳои махсус – дар мавридҳое, ки каси пинакрафта ё хобида он ҳолати худро бемаврид мешуморад, кор фармуда мешавад, аммо умуман ғафлатро ба маънои хоб ё пинак кор фармудани мумкин нест» [Тарҷума ва тарҷумаи бадеӣ 2011, с. 6]. Матн аз С. Айнӣ: *Пеш аз Иинқилоби Уктабр олами Шарқ ба эътибори умумият ба хоби ғафлат ғунуда буд* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 63].

2. Сабақҳои истифодаи унсурҳои грамматикӣ

Дар навиштаҳои С. Айнӣ як ҳодисаи дигар ҳам ба назар мерасад, ки пешоянди «*ба*» ба ҷойи пешоянди «*дар*» истифода шудааст. Азбаски дар забони имрӯзаи тоҷик ин гуна пешояндҳо ба чашм намерасад, сирри инро фаҳмидан хоста китобҳои забоншиносонро варақгардон кардем, зеро ба ҳар яки мо маълум аст, ки устод Айнӣ ҳеҷ гоҳ калимаеро бемаврид кор нафармудааст. Ба ин маънӣ дар китоби Н. Маъсумӣ чунин маълумот оварда шудааст: «Дар забони адабӣ ва насри классикӣ (монанди назм) дар байни пешоянди «*ба*» ва «*дар*» як навъ умумияти истеъмолӣ ва ҳолати муштарак мавҷуд аст. Пешоянди «*ба*» ғайр аз вазифа ва мавқеи асосии истеъмоли худ аксар вақт ба ҷойи пешоянди «*дар*» кор фармуда шуда, дар ҳамон ҳолат тобиши маънои дигар пайдо

карда, вазифаи «*дар*»-ро адо мекунад. Ва, баръакс, пешоянди «*дар*» ғайр аз мавқеъ ва вазифаҳои хоси худ ҷойи «*ба*»-ро мегирад.

*«Ҳоҷати ман он аст, ки **ба** вақти муроҷиат гузар бар ин ҷо кунӣ». «Ман фурсатро ғанимат шумурда..., хостам, ки **дар** роҳ дароям».*

Чунин ҳолати муштарак ва ҳамвазифагии «*ба*» ва «*дар*» дар забони адабии ибтидои асри XX дида мешавад [106, 139]. Чунон ки аз маълумоти овардашуда маълум гардид, истифодаи ин пешояндҳо ба ҷойи якдигар ҳанӯз дар забони классиконамон дида мешуд ва дар ибтидои асри XX низ маъмул буд. Чунон ки аз мақолаҳои С. Айнӣ ин тарзи истифодаи пешояндҳо пайдо гардид:

*Ҳамчунин ҳар қавме, ки **ба** дунё зинда аст, дардҳо дорад, муҳтоҷиҳо дорад ва мусибатҳо дорад* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 65); *Шогирдон шабу рӯз **ба** мактаб истиқомат карда, илм меомӯзанд* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 63).

Чи наъе ки дар ин ҷо низ дида мешавад, пешоянди «*ба*» ба ҷойи «*дар*» истифода шудааст.

Дар ин матн пешоянди «*ба*» ғайр аз вазифаи муқаррарии худ барои ифодаи мафҳуми макони воқеи амал ба ҷойи «*дар*» кор фармуда шудааст, ки ин гуна хусусият доштани пешояндҳои мазкурро Н. Маъсумӣ дар китоби худ шарҳ додааст: «Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ин гуна ҳолати дар ифодаи мафҳуми маконӣ, замонӣ ва сӯй баробар кор фармуда шудани пешояндҳои «*ба*» ва «*дар*» монанди пешина бештар дар назм дида мешаванд. Дар наср ва дар забони умумии адабӣ ҳар кадоме аз ин пешояндҳо мавқеъ ва мавриди истеъмолӣ дорад ва аксар ба ҷойи якдигар кор фармуда шудани онҳо на танҳо услубан, балки аз нуқтаи назари грамматикӣ ҳам мувофиқати пурра надорад. Хусусан дар насри бадеӣ ба ҷойи ҳамдигар омадани «*ба*», «*дар*» ва дигар пешояндҳо вобаста ба ибора ва матни муайян аҳамияти махсуси

грамматикӣ ва услубӣ пайдо мекунад. Ин қоида хусусан дар забони асарҳои Садриддин Айнӣ характернок аст» [Шакурӣ М., 2005, с. 139].

Инак, мисоли дигаре, ки дар мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ пайдо кардем:

Ба ҳама маълум аст, ки тоҷикони Туркистон дар бобати илму маърифати замонӣ аз дигарон **ба** қафо мондаанд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 60).

Пешоянди «*ба*» ба ҷойи «*дар*» барои ифодаи мафҳуми замон кор фармуда шудааст.

Аз зикри чанд сабақи С. Айнӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ дар луғатдонӣ, маънишиносӣ, донистани қонуну қоидаи ҷумлабандӣ қобилияту истеъдоди фавқулодда доштааст. Воқеан, он сабақҳо барои ҳар фарди қаламкаш омӯхтанӣ ва басо манфиатбахшанд.

1.2. Истифодаи калимаҳои аслӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ

Калимаҳои аслии тоҷикӣ, ки аз замонҳои хеле қадим дар забонамон вуҷуд доранд, бунёди забонамон – пойдевори ҳастии онро ташкил медиҳанд [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 88].

Оид ба калимаҳои аслӣ олимони зиёде тадқиқот бурдаанд. Монанди Н. Маъсумӣ, Д. Т. Тоҷиев, Т. Зеҳнӣ, А. Муъминов, Қ. Тоҳирова, Муҳаммад Тақӣ Баҳор ва ғайраҳо. Ҳамчунин, доир ба хусусиятҳои лексикию услубии калимаҳои аслӣ муҳаккикони бешуморе тадқиқот ба анҷом расонидданд, ки чанде дигарро номбар карда метавонем.

Забони адабии муосири тоҷик таркиби луғавии бой ва фаровон дорад, ки дар заминаи худи забони тоҷикӣ дар асоси тараққиёти мустақили воситаҳои лексикиву грамматикӣ, инчунин дар натиҷаи инкишофи мустақили маъноҳои лексикӣ калимаҳои гуногун ба вуҷуд омадааст.

Тадқиқи калимаҳои аслӣ дар мақолаҳо амри воқеист, зеро калимаҳои аслӣ ҷавҳари забонро ташкил карда, бо як қатор хусусиятҳояшон аз гурӯҳи калимаҳои забон фарқ мекунанд. Пеш аз ҳама, аксарияти онҳо калимаҳои сермаъноянд, қисми зиёди онҳо захираи фаъоли луғавиро ташкил намуда, бо серистеъмолиашон фарқ мекунанд, онҳо асоси калимасозии забонро ташкил дода, аз нигоҳи тобишҳои услубӣ, маъноӣ низ ғанӣ ҳастанд. Ҳамаи ин хусусиятҳо ва як силсила ҷиҳатҳои дигари калимаҳои аслиро дар мақолаҳои устод Айнӣ дидан мумкин аст. Чунончи:

Калимаҳои ифодакунандаи исмҳои шахс дар шакли ҷамъ аз қабили: **фарзандон, одамон, оилаҳо, писарон, омӯзгорон, бародарон, чорбозоргардон** ва ғайра дар мақолаҳои солҳои 20-ум бештар ба назар мерасанд:

Чунончи ҳеҷ ҷондоре бе обу ҳаво зиндагӣ карда наметавонад, инчунин *фарзандони одам* низ бе илму маърифат зиндагӣ карда наметавонанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 14) барои *омӯзгор* расонидан ба ҳар тарафи мамлакат ва ба ҳар ҷое ки худи мо хостем, курси *омӯзгорон* кушода, маишати давомкунандагонро аз худ таъмин кард [Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,16]. Муқаррар хоҳанд гуфт, ки “мо интихоб накардаем, зеро мо ба фирқа дохил нестем, фалонӣ ва фалониҳо интихоб кардаанд...” ва дар ин сурат мо мегӯем: *бародарон*! Ин интихобот абадӣ ва умрӣ нест... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 18). Чунон ки *чорбозоргардон* ҳар қадар ширинзабонӣ кунанд ва худро манфиатрасони аҳли қишлоқ ба қалам диҳанд, мақсади аслиашон буду нобуди аҳли қишлоқро...ба ҷайби худ кашидан ва... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 20).

Калимаҳои ифодакунандаи исмҳои шахс дар шакли танҳо аз қабили **сарбоз, гадо, соҳибхона, рафиқ, ҳамдигар, мардум, бемор ва ғ.:**

Лекин мо ҳанӯз фарзандонамон оқибат *сарбоз* мешавад, гуфта ба хаёлоти бемаънӣ ва гуфтаҳои беасос машғулем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 17). Имрӯз як қисм аз **мардум** аз ҳукумат шикоят мекунанд ва аз ҳаракоти баъзе ашхос изҳори норозигӣ менамоянд!.. (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 18). Гар гадо коҳил бувад, тақсири *соҳибхона* чист? (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 18). ... аҳли Шарқ дар ин солҳои охирӣ *бемор*еро монанд буд... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 22).

Калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамчун ифодагари мафҳумҳои муҳими ҳаётӣ аз обурангҳои эҳсосии махсус орӣ буда, дар забонамон асрҳои аср вуҷуд доранд ва ба таъсири забонҳои бегона хуб тоб оварда метавонанд. Сабаб ҳамин аст, ки бисёре аз калимаҳои қадими тоҷикӣ имрӯз ҳам бо ҳамон маъноҳо ва тақрибат ҳамон қолабҳои оозӣ дар истеъмоланд, чунон ки дар гузаштаи қадим доштанд [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 90]. Аз қабили ин гуна калимаҳои решагӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ вожаҳои

субҳ, шаб, дил, гиря, ханда, ту, ман, дунё, гадо, коҳил, ҷон, кӯҳ, олот, ранг, хок, мева ва ғайра хеле зиёд истифода шудаанд. Чунончи:

Бе*субҳ шаб*е хоҳам,

Бо *ту* ғами *дил* гӯям.

Ман *гиря*му ту хандӣ

Танҳо туву танҳо *ман* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 21).

Гурӯҳи дигари калимаҳои ҳаётан муҳим: **боғ, замин, сарой, хона, раста, иморат, шаҳр, раста, давохона, кӯча, маҳалла** ва ғайра:

Боғ, замин, сарой ва *хонаҳоямон* бисёрӣ ба бонкҳои рус гарав ё ба судхӯрҳои худамон ... фурӯш шуда буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 15). *Иморатҳо*и шоҳонаи *шаҳр*и нав ва *раста*ҳои хушсавдои шаҳри куҳна, ҳама моли аромина ва русҳои сарватдор шуда буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 15). Аз он ҷое, ки асли марази мо ҷаҳлу нодонист, аввал ба мо дари *давохона*и илму маърифатро бикушод (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 15). Дар ҳар *кӯчаву маҳалла*и мо мактабҳо барпо шуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,15).

Хулоса, калимаҳои аслӣ калимаҳое мебошанд, ки барои шевову равон ва оммафаҳм шудани чӣ забони адабии ҳозираи тоҷик ва чӣ забони муоширати ҳаррӯзаи мардум хизмат мекунанд. Ҳар як нигоранда ва ё гӯянда ҳангоми нутқ, агар аз калимаҳои аслии худамон истифода намояд, хеле нутқаш зебо хоҳад шуд ва ба қадрдонони забони тоҷикӣ хеле писанд хоҳад афтод.

Азбаски устод Айнӣ худ пуштибони забони ноби тоҷикӣ буд, то ҳадди имкон аз калимаҳои аслан тоҷикӣ дар мақолаҳояш истифода намудааст.

1.3. Қайдҳо доир ба мавқеи калимаҳои арабӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ

Тағйироти ҷиддие, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз асрҳои VIII – 1X ба амал омад, фаровон дохил шудани калимаю истилоҳоти арабӣ мебошад, ки ин на танҳо ба воқеаҳои таърихии дар асрҳои минбаъда рӯйдода вобаста аст, балки ин ҷараёни дохилшавии унсурҳои забони арабӣ дар тамоми даврахои минбаъдаи таърихи мардуми Осиёи Миёна ва бахусус баъди Эронро истило кардани арабҳо, дар мамлакат тадричан афзудани нуфузи дину забони арабӣ алоқаманд аст [Бердиева Т., 1991, с. 83].

С. Айнӣ ҳанӯз солҳои 20-ум ба ҳалли масъалаҳои илман бузург, амалан таъхирнопазир шуғл варзида буд. Дар мақолаҳои публитсистии солҳои 20-ум таълифкардааш калимаҳои арабиро зиёд кор фармудааст. Аммо гумон кардан лозим нест, ки ҳамаи он иқтибосоти арабӣ вожаҳои камистеъмоли душворфаҳманд. Аз ҷумла, он калимаҳое, ки дар мақолаҳои ӯ ба кор рафтаанд, ба соҳаҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, муҳити зиндагӣ, шуғли инсон, касбу кор, олоти меҳнат, асбобу анҷоми рӯзгор ва ғайраҳо истифода намудаанд.

Баробари бисёр калимаҳои арабии дар забони тоҷикӣ маъмул ва кайҳо ҳазмшуда аз қабили калимаҳои *қавм – 50м, соир – 50м, мустабид – 32м, атфол – 32м, қиём – 19м, мухторият – 14м, ирқ – 10м, авоил – 10м, масоил – 7м, бизот – 6м, тасаллут – 4м, фавқ – 4м, савқ – 3м, таъбия – 3м, татабуъ – 2м, вуқуф – 2м, аглаб – 2м, мусаввада – 1м*. калимаю истилоҳоте низ дучор омаданд, ки барои хонандагони имрӯза чандон фаҳмо нестанд.

Муҳаққиқони масъалаи иқтибосоти арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар чунин ақидаанд, ки қисми зиёди чунин калимаю истилоҳоти арабӣ ифодакунандаи мафҳумҳои на ашёҳои мушаххаси

муҳити зиндагии инсон, балки калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ғайримоддӣ, аз қабили илму фарҳанг, дин, расму оин ва муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат ва ғайраанд. Мо ҳам ба таснифоти соҳаҳои истифодаи унсурҳои луғавӣ, ки аз тарафи забоншиносони тоҷик анҷом дода шудааст, такя намуда, калимаҳои арабии мақолаҳоро гурӯҳбандӣ намудем. Азбаски қисми зиёди мақолаҳои С. Айнӣ ба масъалаҳои мактабу маориф бахшида шудаанд, дар навбати аввал калимаю истилоҳоти ҳамин соҳаро баррасӣ мекунем.

2.2. Калимаю истилоҳоти соҳаи мактабу маориф:

Сабаби ба кор бурда шудани калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ба назар мерасанд, шояд ин бошад, ки дар он замон зиёиён ва аҳли савод арабидон буданд, хатти арабӣ истифода мешуд, ба аҳли маърифат маънои он вожаҳо маълуму фаҳмо буд, зеро С. Айнӣ дар ҳамон солҳо ҳам кӯшиш мекард, ки навиштаҳояш аз забони омма дур наравад ва он чи ки дар байни мардум роиҷ буд, рӯйи коғаз меовард.

Бояд қайд кард, ки масъалаи маориф, усули таълиму тадрис дар мактабҳо то замони инқилоб дар асарҳои бадеӣ ва китобҳои таълимии С. Айнӣ ҳам муфассал тафсир шудааст. Мо дар ин ҷо аз мақолаҳои публитсистии муаллиф баъзе порчаҳоро намуна оварда, дар бораи калимаҳои иқтибосии онҳо фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунем.

– Оре! Мактабҳои ибтидоӣ таъсис ёфт, кам-кам асоси таълими умумии маҷбурӣ дар ҳаққи атфоли хурдсол дар шуруфи татбиқ аст (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб,61).

Дар ин матн исмҳои *мактаб, таълим, атфол, шуруф, татбиқ, таъсис, асос* ва сифатҳои *ибтидоӣ, умумӣ, маҷбурӣ* калимаҳои иқтибосии арабӣ буда, ба ҷуз калимаҳои *атфол* (32) ва *шуруф* (4м) вожаҳои бегонаи дигар дар забони тоҷикӣ ҳазмшуда ба шумор мераванд.

Шуруф – 1. баландӣ; 2. наздикӣ, қарибӣ, арафа [110, 606].

Аён аст, ки аз калимаҳои аслии тоҷикӣ: сифатҳои *хурдсол, кам-кам*, феъли *ёфт*, ҳиссачаи тасдиқии *оре*, пешоянди *дар* ва бандаки хабарии *аст* чизи дигаре вуҷуд надорад.

Маълум аст, ки дар забони публитсистикаи солҳои 20-уми асри гузашта миқдори иқтибосоти арабӣ хеле зиёд буд. Шакли танҳои исми *тифл* дар забони тоҷикӣ нисбатан камистеъмол бошад ҳам, аксари хонандагони рӯзнома маънои онро мефаҳманд, вале шакли ҷамъи он «*атфол*»-ро на ҳама ба осонӣ мефаҳмад.

Модом ки калимаи *тифл* ба ҳамагон фаҳмост, дар шакли ҷамъи арабии *атфол* кор фармудани он ҷоиз нест. Маълум мешавад, ки С. Айнӣ ба услуби нигориши рӯзноманигорони ҳамонвақта пайравӣ карда, он калимаро дар ҳамин шакл кор фармудааст. Бояд қайд кард, ки дар марҳалаҳои фаъолияти адабӣ, рӯзноманигорӣ ва ноширии С. Айнӣ назари ӯ нисбат ба иқтибосоти арабӣ ва дигар унсурҳои луғавии забон бетағйир намондааст. Барои далели ин ақида аз мақолаҳои ӯ, ки дар солҳои гуногун нашр шудаанд, намунаҳо оварда, онҳоро аз лиҳози истифодаи иқтибосот ва сабки нигориш бо ҳам муқоиса мекунем:

Дар боло гуфта шуд, ки ҷойи *танвири афкор макотиб* (11м) ва *мадорис* (4) аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 104). Воқеан барои таълим ва тарбияи умуми фарзандони ранҷбарон, аз тарафи ҳукумати ранҷбарон (217м), *мактабҳои мутааддид* кушода шуд, боз ба ҳар қадар *мактаб*, ки эҳтиёҷот дошта бошем, аз ғайри *музояқа* кушодан мумкин аст. Лекин ҷавонон ва афкоре, ки аз ин *макотиб тарбия ёфта, берун меоянд,* то вақте ки ба дарди мо бархӯранд, ақаллан 7-8 сол интизорашонро бурданамон даркор аст… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,113**. *Танвири афкор* 1919).**

Дар солҳои бистуми асри бистум таъбирҳои *мактаб кушодан, савод даровардан, ба мактаб давом кардан, хату савод ёд гирифтан (омӯхтан;* сифатҳои *басавод, саводнок, хатту саводнок, кӯрсавод, чаласавод, бесавод, бехату савод;* феълҳои *расидан (расондан)*, яъне ба *воя расондан, ёд додан, ёд гирифтан* ва ғайра дар гуфтори мардум зиёд кор фармуда мешуданд.

Ба таъсири муҳити ҳамон давра *мактаб кушодан* барин таъбирҳоро С. Айнӣ ҳам ба ҷойи «*таъсис додани (кардани, ёфтани) мактаб*» ба кор бурдааст, ки обуранги услубии гуфтугӯйӣ ва андаке омиёна доштаанд.

Агар ин шахс *бесавод ё кӯрсавод* аст, ба *макотибе*, ки барои бузургон *кушода шудааст*, *давом карда савод мебарорад* ё ки *хату саводи* худро такмил мекунад, лоақал ба анҷуманҳои илмӣ ва иқтисодӣ ба ихлос *давом карда*, чизе ёд мегирад, ба тамошохонаҳои мисли кинометуграф ва амсолаш ба нияти ибрат (на ба қасди *лавҳу лааб)* рафта, ҳисса мебардорад… (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 48. **Акнун навбати қалам аст 1920).**

Камтаҷрибагии *муаллимин* як амри табиист, ки ба мурури айём кам-кам зоил хоҳад шуд. Чунончи, *муаллимине*, ки дар *авоили* инқилоб ба *маслаки таълим* даромада буданд, имрӯзҳо хеле соҳибтаҷриба шудаанд, ононе, ки пастар дар ин *маслак* қадам ниҳодаанд, пастар соҳиби таҷриба хоҳанд шуд. «Таҷриба» ба қонуни *тадриҷ* вобаста аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9**, 59. *Масъалаи маориф ва китоб* 1921).**

Аммо сабаби дувумӣ, ки бекитобист, сабаби асосии адами истифода аз *макотиби* ҳозира аст. Ҳарчанд масъалаи *китоб* чанд бор ба саҳфаи матбуот музокира ёфт,… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 59).

Дар ин ҷо басомади калимаҳои иқтибосии арабии соҳаи маорифро, ки дар матнҳои боло истифода шудаанд, шумурдем: *китоб (54м), таълим (20м), муаллимин (11м), макотиб (11м)*.

Партияи болшевикӣ ва Ҳукумати Советӣ ин эҳтиёҷро ба назар гирифта, чораҳои бузург дида истодаанд. Дар Самарқанд кушода шудани институти тарбия ва *таълими* Тоҷикистон, дар Сталинобод барои кушодани Дорулфунуни давлатӣ тайёрӣ диданд, дар *Москва*, Ленинград таҳияи ташкил намудани аспирантура барои аспирантҳои гуногунтахассуси Тоҷикистон ва дигарҳо аз ҷумлаи ҳамин чорабиниҳост. Лекин аз ҳамаи ин чорабиниҳо, масъулияти пурра истифода бурдан ба гардани *Вазорати маорифи Тоҷикистон* ва коркунони ӯ ва аз ин ҷумла ба гардани *муаллимон* меафтанд. Ба назари аввал ҳамин тавр менамояд, ки

гӯё масъулияти аз *аспирантура* ва аз *мактабҳои олӣ* пурра фоида бурдан ба гардани як *муаллими мактаби ибтидои*и кӯҳсор ва деҳот намеафтода бошад. Аммо, дар ҳақиқат ин тавр нест, дар ҳақиқат масъулияти аз ҳама вазнинтар ба гардани *муаллимони мактаби ибтидоӣ* меафтад. Зеро *аспирантҳо* аз байни *студентҳои мактабҳои олӣ* мерасанд, *студентҳо* бошад, аз байни *талабаҳои мактабҳои куҳна* мебароянд ва *талабаҳои мактабҳои миёна* вақте қобили *студентӣ* мешаванд, ки *мактаби ибтидоӣ* ва *ҳафтсола* вазифаи худро адо карда бошад» (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб**,** 216. ***Масъалаи кадррасонӣ масъалаи таъхирнопазир аст* 1947**).**

Аз муқоисаи матнҳои мақолаҳои С. Айнӣ, ки дар солҳои гуногун таълиф шудаанд, маълум мешавад, ки як миқдор калимаҳои иқтибосии арабӣ, аз қабили *танвир* (мунаввар кардан, равшан намудан. Танвири афкор-маърифат, маориф), *мутааддид* (сершумор), *музояқа* (душворӣ), *лаҳву лааб* (лаҳвиёт-бозӣ, вақтгузаронӣ), *мисдоқ* (маъно), *маҳд* (гаҳвора, иқоматгоҳ, оромгоҳ), *зоил* (нобуд, маҳв, фонӣ, нопадид, сокит) ва ғайра чун унсурҳои луғавии аз фаҳму шуури мардум дур, ба эҳтиёҷоти замони навин ношоям тадричан аз забони мақолаҳои С. Айнӣ нопадид гардидаанд. Дар ин бобат Н. Маъсумӣ менависад: «Дар ҳақиқат, агар дар ҷараёни ҳазорсолаи забони адабии тоҷикӣ беҳадду ҳисоб дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ давом карда бошад, аз ибтидои асри XX ҷараёни аз унсурҳои номафҳум ва нодаркори арабӣ тоза кардани забони адабии тоҷик сар шуда буд» [Маъсумӣ Н., 1976, с. 216].

Исмҳои дар шакли ҷамъбандии арабии шикаста, ба мисли *макотиб, муаллимин, мадорис, атфол, авоил* ва ғайра низ аз истеъмол баромада, ҷойи онҳоро шаклҳои ҷамъбандии тоҷикӣ: *мактабҳо, муаллимон, мадрасаҳо, тифлон, аввалҳо* гирифтаанд. Аз қабили *«масъалаҳои муҳимма», «аҳамми матолиб»* ва ғайра низ дар шакли тоҷикии «*масъалаҳои муҳим»* ба кор рафтаанд.

Дар фаъолияти минбаъдаи публитсистию адабии С. Айнӣ ворид шудани истилоҳоти русию байналмилалӣ аз рӯйи талаботи сиёсати пешгирифтаи ҳокимияти ҳамондавра, фишори ошкорои забонҳои бегона

ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Чунин вазъияти муҳити сиёсию давлатдории онзамона С. Айниро водор намудааст, ки ба ҷойи истилоҳот ва калимаю таъбирҳои маъмули тоҷикӣ ё арабизмҳои тоҷикишуда калимаю таъбирҳои бегонаро ба кор барад. Далели ин гуфтаҳо мактуби С. Айнӣ аст, ки ҷавобан ба эроди муқарризи «*Луғати нимтафсилӣ*» Е.Э. Бертелс навишта буд.

Устод Айнӣ калимаҳои русӣ ва интернатсионалиро дар эҷодиёташ истифода мебурд, вале дар луғатномааш калимаҳои русиро ҷой надодааст. Як сабаби қабул нашудани луғатномаи С. Айниро Е. Э. Бертелс дар набудани калимаҳои советӣ ва интернатсионалӣ донистааст. Ӯ, инчунин, дар ҳамон мактуб навиштааст: «Дар луғати Шумо бо он ҳама сарват, ки дорои он ҳаст, калимаҳои советӣ ва интернатсионалӣ ҳеҷ ёфта намешавад. Агарчи ман сабабашро мефаҳмам, агар ин китоб дар ҳамон шакли ҳозирааш аз чоп барояд, баъзе танқидчиёни мӯшикоф як ҳаёҳуе хоҳанд баровард, ки он сараш нопайдо хоҳад буд. Хоҳанд гуфт, ки шумо мухолифи дохил кардани чунин калимаҳо дар забони адабии тоҷик ҳастед» [Қаландаров С., 2010, с. 37]. Устод Айнӣ пас аз мактуби Бертелс дар эҷодиёти худ, хусусан, дар мақолаҳои публитсистиаш калимаҳои русиро хеле зиёд кор фармудааст. Шояд сиёсати давлатии шуравӣ ба С. Айнӣ таъсир кардааст, ки чунин истилоҳҳоро (Москва, студентҳо, аспирантура) ба кор бурдааст.

Ҷиҳати фарқноки дигаре, ки дар ин муддат дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ба миён омадааст, ба вуҷуд омадани истилоҳоти нави соҳаи маориф, аз назири *Вазорати маорифи Тоҷикистон, мактабҳои ибтидоӣ, ҳафтсола, миёна, олӣ, талаба* ва ғайра аст.

Дар матни боло вожаи арабии *шуруф* (4м) маънои ба наздикӣ чоп шудани китобҳоро мефаҳмонад.

Дар мақолаҳояш нависанда калимаҳои *аҳам* (2м) ва *масоил*ро (7м) кор фармудааст:

Сабаб ҳамин буд, ки масъалаи Шарқ дар байни ҷаҳонгирон аз *аҳамми масоил* ба шумор мерафт (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 91).

Бинобар ин, ба *шуъбаҳои маориф* ва ҳамаи *маорифхонаҳо* лозим аст, ки ин *масъаларо* аз ҳамаи *масоил аҳамтар* дониста, як қисм *китоби мактабии узбакӣ ва форсиро* ҳозир намоянд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 82).

Аҳам – муҳимтар, заруртар, муҳимтарин, заруртарин [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 116].

Маорифхонаҳо – муассисаҳои таълиму тарбия.

Устод Айнӣ барои гурез аз такрор аввал калимаи умумиистеъмолии *масъала* ва бори дуюм *масоилро* истифода кардааст. Калимаи *аҳамтар* бошад, ба маънои *муҳимтар* омадааст ва, чунон ки аз муқоисаи ин ду матн маълум мегардад, аввал *аҳамми масоил* ва баъд «*аз ҳама масоил аҳамтар*» гуфтааст.

Ҳангоми таҳрири матн устод Айнӣ бо мақсади таъсирбахш шудани гуфтаҳояш маҳз аз ҳамин гуна калимаҳои муътадилмаъно чашм пӯшида ба ҷойи онҳо таъбирҳои арабии дар байни мардум серистеъмолро истифода кардааст:

Агар андаке сустӣ ва *мусоҳила* ба кор равад, Тоҷикистон аз 25 *варақи* табъи Маскав маҳрум хоҳад монд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 85]. *Мусоҳила* (1м) // *мусоҳилат*. 1. нармӣ, мулоиматӣ, сустӣ; 2. бепарвоӣ намудан, бедиққатӣ кардан; дониста сустӣ кардан дар коре; осон пиндоштан, саҳлгирӣ [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 574].

Инчунин дар ин матн истилоҳи дар ҳамон замон маъмул – *варақи табъ* истифода шудааст, ки имрӯз *ҷузъи чопӣ* ном гирифтааст.

Дар матни овардашуда калимаи *мусоҳила*и арабӣ, ки дар фарҳанг *нармӣ, мулоиматӣ, сустӣ* шарҳ дода шудааст, омадааст.

Дар забони адабии ибтидои асри XX дар наср равияи соданависӣ, тарзи дурусти ҷамъсозии арабӣ нисбатан кам дида мешавад. Ин аст, ки кор фармуда шудани шаклҳои ҷамъи муқассири арабӣ, мисоли *авоил*, *ашхос, автон, машогил, дувул*, *мадорис, макотиб, асокир* ва ғайра дар насри Айнӣ ва дигарон ҳамчун давоми хеле сустшудаи истеъмоли

анъанавии қоидаи ҷамъсозии арабӣ дар забони тоҷикӣ зоҳир мегардад [Энсиклопедияи насри тоҷику форс, 2010, с. 321].

Лекин ба назари тадқиқ бингарем, авлоди Туркистон аз ин *макотиб* ба қадри гумони халқ ба орзуи Ҳукумат баҳраманд нагардидаанд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 95).

Дар он замон, ки С. Айнӣ ба рӯйи кор омада, нахустин мақолаҳояшро дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои башумори он давра дарҷ мекард, на танҳо забони рӯзноманигорӣ ба як меъёри муайян ворид нашуда, балки дар атрофи забони адабии тоҷикӣ баҳсу мунозираҳо оғоз ёфта буд. Табиист, ки дар нигоштаҳои С. Айнӣ ҳам унсурҳои луғавии бегона ба кор рафтаанд:

Тоҷикистоне, ки аз *фунуни ҷадида* ва таърихи олам, аз *муҷоҳада* ва муборизаи *сунуф* ва *билҷумла* аз тамоми *вуқуот*и дунёи куҳна ва нав *билкуллия* бехабар буд, бояд ба воситаи *макотиб*, огоҳӣ ёфта, ба майдони инқилоб як наслӣ расонад (Айнӣ С. Ахгари иинқилоб, 71).

Дар ин матн калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки дар шаклҳои ҷамъи солим (вуқуот) ва шикастаи арабӣ *(фунун, сунуф, макотиб)* омадаанд ва иқтибосоти дигар, ки дар шаклҳои гуногун: *ҷадида (5м), муҷоҳада (2м), муборизa (23м), билҷумла (4м)* ва *билкуллия (2м)* оварда шудаанд, ба равшан дарк намудани мазмуни ҷумла барои хонандаи имрӯза мушкилӣ эҷод мекунанд.

Ҷамъи шикаста бо роҳи тағйири сохтори овозии дохили калима сохта мешавад. Ҷамъи шикастаи арабӣ қоидаи махсуси сохтан надорад. Аз ин рӯ, хонандаро лозим меояд, ки ҳам шакли танҳо ва ҳам шакли ҷамъи шикастаи калимаро дар ёд нигаҳ дорад [Қаландаров С., 2010, с. 86]. Дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда ҷамъи шикаста нисбат ба ҷамъи солим бештар аст.

Дар матни зерин С. Айнӣ ба ҷойи калимаи тоҷикии *сиёҳнавис мусаввадаро (1м)* кор фармудааст, ки дар он вақт шояд умумиистеъмол будааст. Калимаи иқтибосии *мусаввада* дар луғат *когази*

сиёҳнавискардашуда, *сиёҳнавис* маънидод шудааст [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 748].

Ҳоло ба ҷойи *мусаввада* калимаи тоҷикии *сиёҳнавис*ро кор мефармоянд:

Мактубҳоро худи қозӣ *мусаввада* карда медод; Тобам нест, бинобар ин *мусаввада* карда дода наметавонам (Айнӣ С. Ахгари иинқилоб,75).

2.2. Калимаю истилоҳҳои иҷтимоию сиёсӣ дар мақолаҳои С. Айнӣ фаровон кор фармуда шудаанд. Сабаби ин ба воқеаҳои сиёсию иҷтимоии он давра, ки мардуми тоҷик аз сар мегузаронидaнд, вобаста аст. С. Айнӣ ба он ҳама воқеаҳое, ки дар ҷумҳурии тозабунёд рӯй медоданд, бетараф истода наметавонист. Ба ҳар падидаи зиндагии нав ҳамовозӣ мекард, рӯйдодҳои номатлубро бо хашму ғазаб маҳкум менамуд. Дар байни истилоҳоти сиёсию иҷтимоии он давра, ки дар забони расонаҳои хабарӣ хеле серистеъмол гардида, руҳияи инқилобӣ пайдо карда буданд, аз қабили *инқилоб (186м), анҷуман, ҷумҳурият, иштирокиюн (16м), фирқа (108м), аксариюн (3м)* ва ғайра истилоҳоти сиёсӣ, ба қавле «*зебу ороиши сиёсии*» нигоштаҳои аҳли қалами он замон шуда буданд.

Чунончи, устод Айнӣ дар мақолаҳои худ ҳар як калимаи иқтибосии арабиро хуб санҷида, дар ҷойи мувофиқаш кор мефармуд. Аз он ҷумла, калимаи *аҳдро (19м)* дар матни зерин ба маънои *замон* ва *давр* истифода кардааст. Инчунин калимаҳои *тасаллут (2м)* ва *мустабид (32м)* низ ба назар мерасанд, ки дар фарҳанг чунин тафсир шудаанд:

«*Тасаллут-зердаст кардан, ҳокимият, ҳукмронӣ, дастёбӣ*» (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 335).

Дар *аҳди* амирони манғития Бухоро ва Бухорои Шарқӣ ба осонӣ ба *тасаллути* манғития сар фуруд наёвард (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 87).

Муаллиф дар ин маврид калимаи *тасаллутро* ба маънои *Ҳокимият*, яъне «Бухорои Шарқӣ ба осонӣ ба *Ҳокимияти* манғития сар фуруд наовард» истифода кардааст. Калимаи *мустабид* бошад, дар фарҳанг ба ду маъно омадааст: 1. *истибдодкунанда, худсар, худрой*; 2. *ҳокими мутлақ* [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с, 755].

С. Айнӣ дар ин ҷо калимаи арабии *мустабид*ро барои ифодаи ҳисси нафрат ва бадбинии худ истифода кардааст, ки маънои худсар ва худройро дорад ва нависанда истифодаи маҳз ҳамин калимаро ҷоиз донистааст, зеро нисбат ба *худсар* ва *худрой* калимаи *мустабид* дар он давра таъсирбахштар буд:

Ҳангоме ки ранҷбарони Русия алами инқилобро бардошта моро аз асорати панҷоҳсолаи ҳукумати *мустабида* халос кардаанд, …мо тамошобинӣ мекунем, мо ҳанӯз ин ҳама сели инқилобро абри даргузар, ин ҳама шӯру ғавғоро талотуми ҳавоии айёми баҳор мепиндорем (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 65).

Калимаи *ирқ*, ки дар мисолҳои зерин оварда шудааст, калимаи арабӣ буда, дар байни тоҷикон низ як андоза мустаъмал гардидааст. Дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда ҳамагӣ 8 маротиба истифода шудааст, вале маънои онро на ҳамаи мардум ба осонӣ мефаҳманд. Дар фарҳанг *ирқ* чунин шарҳ ёфтааст:

1. раги бадан; 2. раги хешӣ, мансубият, хешию таборӣ, қавму хешӣ [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 19]:

Таъсири ин маданият буд, ки ҷаҳонгири бузург, Темури курагон, бо вуҷуди ин ки *ирқан* турк буд, «Тузуки темурӣ»-ро ба тоҷикӣ навишт (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 86). Мақсади ин ҷамъият, чунон ки аз номаш маълум аст, дар бораи таърих, *ирқ,* урфу одат, забон ва луғат, ҷуғрофӣ ва адабиёти тоҷик тафтишот ба кор бурдан аст (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 66).

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Айнӣ ба воситаи калимаи арабии *ирқ,* ки маънои *хешию табори*ро дорад, дар матни мақолаҳояш истифода карда, инчунин ба воситаи пасванди «*-ан*» шакли сохтаи *ирқанро (2м)* ба кор бурдааст. Хусусияти калимасозӣ пайдо кардани калимаҳои иқтибосии арабӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин унсурҳои луғавии бегона ба забонамон дохил шуда, як дараҷа ҳазм шудаанд, яъне нишонаҳои тоҷикӣ пайдо кардаанд:

Ҳукумати Шурої ба ҳар миллат ва қавм, хусусан ба касоне, ки мисли тоҷикон зиёда *фақир* ва пасмондаанд, ҳар вақт раҳнамойӣ кунад (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 66).

Дар ин матн истилоҳоти *ҳукумат (241), шуро (295), миллат (44м), қавм (50м)* иқтибосоти сиёсӣ буда, дар забони матбуоти солҳои бистуму сиюми асри гузашта хеле серистеъмол шуда буданд. Аз ин намунаҳои дуюми солҳои сиюм калимаи *Шурої (Шуравӣ)* бо *советӣ* иваз карда шуд. Калимаҳои дигари дар матни боло ишорашуда мафҳумҳои муҳити зиндагиро воқеӣ ифода мекунанд. Аммо сифати *фақир* ва исми *фақирон* ҳамчун муродифи тоҷикии *камбағал* ва *камбағалон* аз ҷумлаи суханони маъмули иҷтимоии забони рӯзномаву маҷаллаҳои он давра шуда буданд:

Калимаи **фақир**и арабӣ дар фарҳанг ба маъноҳои *камбағал, нодор, муҳтоҷ, он ки фақат дорои қути лоямут мебошад; муқобили ганӣ* омадааст [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 428].

Калимаи *фақир* низ дар байни мардуми тоҷик ҳазм гардидааст ва ба ҷойи муродифҳои арабию тоҷикиаш, ба монанди *камбағал, нодор, қашшоқ* ва ғайра бештар истифода мешавад. Дар мақолаҳои С. Айнӣ калимаҳои *фақир 17 м., фуқаро 25* маротиба ва *фақирон 4* м. истифода гардидаанд. Ба ин маънӣ муҳаққиқ С. Қаландаров дар монографияи худ қайд мекунад: «Баъзе калимаҳои ҷамъи шикастаи арабӣ, ки бо қонунҳои дохилии инкишофи забони тоҷикӣ мувофиқати пурра надоштаанд, бо ду шакл: ҳам ба шакли шикаста ва ҳам бо пасванди калимасози тоҷикии – *он шакли ҷамъи исм* сохта шудаанд. Масалан, *фақирон // фуқаро, тифлон // атфол* ва ғ.» [Қаландаров С., 2010, с. 89].

Дар матни зерин истилоҳи арабии *қавм* (50м) истифода шудааст, ки ҳоло дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида, тамоми мардум маънои онро чун калимаи тоҷикӣ мефаҳманд:

Маълум аст, ки асоси тараққӣ ва тамаддуни ҳар *миллат* ва *қавм* вобаста бар маориф ва макотиб аст (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 58).

Қавм – 1) мардуми як маҳалла, гузар ва ё деҳа, ки дар як масҷид ва аз паси як имом намоз мехонанд; 2) ду тоифа, қабила, халқ, мардум

[Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 663]. Дар ин ҷо С. Айнӣ қавмро ба маънои дуюм истифода намудааст.

Истилоҳи *қавм* дар солҳои бистуми садаи гузашта аз ҷумлаи истилоҳоти серистеъмоли забони матбуот ба шумор мерафт. Бинобар ин дар мақолаҳои дар мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ навиштаи С. Айнӣ бисёр корбурд шудааст. Баъдтар нуфузи истеъмоли он камтар шуд ва ба ҷойи он истилоҳи «миллат», ки маънои иҷтимоии дигар дорад, серистеъмол гардидааст.

Чунон ки мебинем, С. Айнӣ калимаи *вобаста*ро дар матни боло бо пешоянди *бар* кор фармудааст, на бо пешоянди *аз.*

Ба ин маънӣ М. Шакурӣ чунин мегӯяд: «Дар навиштаҳои ҳозира – чи дар матбуоти ҷорӣ ва радиову телевизион ва чи дар адабиёти бадеӣ бо пешоянди *аз* омадани калимаи *вобаста* расм шудааст: Бахти ҳар кас *аз* худаш *вобаста* аст.

Бояд гуфт, ки дар ин гуна мавридҳо фақат бо пешоянди *ба* омадани феъли «вобастан» дуруст аст, аммо бо пешоянди *аз* омадани онро дуруст шумурдан ҳаргиз мумкин нест. Чаро ки *вобаста* аз феъли *бастан* аст ва ҳол он ки *бастан* ба тоҷикӣ пешоянди *ба* талаб дорад: одатан, дар забони мо чизеро ба чизе мебанданд мегӯянд, на чизеро аз чизе бастан. Пас ҷумлаи болоро ба ин тарз ислоҳ кардан лозим аст: Бахти ҳар кас *ба* худаш *вобаста* аст» [Шакурӣ М., 2005, с. 248].

Чунон ки дар матни боло ишора кардем, вобаста ба тағйири ҳаёти ҷамъият як миқдор калимаҳои арабӣ маънои сиёсӣ гирифта, ба лексикаи фаъоли забони адабии тоҷикӣ дохил гардидаанд: *ҷумҳурият, шуро, фирқа* бо ёрии воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ аз онҳо як қатор калимаҳои нав сохта шуда буданд: *фирқавӣ, фирқагӣ, бефирқагӣ (вӣ) бафирқадорӣ* ва ҳоказо [Камолиддинов Б., 1967, с. 25].

Эшон, ба ҷойи он ки қадри ин неъмати ғайримутараққибаро (1м) (ғайричашмдоштро) дониста ба Ҳукумати Шӯроии Русия ҳампойӣ намуда, ҳуҷум ва фишори давлатии императории Русия ва соири давлатҳои империёлистиро аз хотир набароранд, ба иғвои ду-се нафар

сарватдорони хурд ва найрангҳои давлатҳои ҷаҳонгири дунё фирефта шуда, ба Инқилоби Кабири Русия кӯрнамакӣ карда, ҳуҷум намуданд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 67)

Дар матни овардашуда калимаи *соир* (50м) истифода шудааст, ки дар фарҳанг ба ду маъно омадааст: *Соир*-1. дигар, боқимондаи чизе, соири дигар; боқӣ, боқимонда. *Соир*-Айнӣ С., Ахгари инқилоб. сайркунанда, раванда, 2. машҳур-шоеъ [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 257]. Дар мақолаҳои С. Айнӣ ба маънои якум – боқӣ, боқии, дигар кор фармуда шудааст.

Хусусияти забони матбуот аст, ки дар марҳалаҳои муайяни рушди ҷомеа як миқдор **истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ** серистеъмол гардида, сарбории маънои мусбат ё манфӣ касб мекунанд. Чунончи, дар ифодаи табақаи камбизоати ҷамъият истилоҳи *камбағал, ҷаҳолаткаш, фақир, қашшоқ, побараҳна, кулак, бой, сарватдор* дар шакли ҷамъ: *камбағалон, заҳматкашон, фақирон (фуқаро), қашшоқон, побараҳнагон, кулакҳо, боён* аз ҳамин гуна табақаҳои ҷомеаи он давра ба шумор мераванд. Ҳамин сарбории мусбат ва манфии чунин истилоҳоти иҷтимоии он давра дар мақолаҳои С. Айнӣ ҳам барҷаста ифода ёфтааст.

2.3. Қисмати зиёди иқтибосоти арабӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардум далолат мекунанд: *қиём (19м), масоил (7м), савқ (3м), татабӯъ (2м), фавқ (2м), авқот (1м)* ва ғайра.

Баъд аз *татабуъ* ва заҳмати бепоён ба ёрмандӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи дӯстон ин маҷмӯа ба поён расид. Лекин ба ин ҳама саъю кӯшиши нигоранда ва сарфи *авқот* ин китоб ғайр аз маҷмуаи намунаҳои адабии ҳазорсола будан дигар *мазият* надорад (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 93).

Татабуъ – 1. аз пайи чизе рафтан, ба талошу кӯшиш ба талаби чизе рафтан; ҷустуҷӯ кардан; 2. Тадқиқ, тадқиқ кардан; тобеӣ, тобеъ шудан; пайравӣ [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 638].

Авқот – ҷ. вақт [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 637].

Мазият (1м) – афзалият, бартарӣ [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 21].

Дар матни боло калимаи *татабуъ* ба маънои талошу кӯшиш омада, калимаи *авқот* бошад, ҷамъи *вақт*ро мефаҳмонад. Калимаи «*татабуъ*» бо «*заҳмат*» ҳамроҳ омадааст. Аз маънои «*заҳмат*» пай бурдан мумкин аст, ки «*татабуъ*» ба маънои амале, мисли кӯшишу коре далолат мекунад. Баробари калимаҳои арабии *заҳмат, ҳусн, таваҷҷуҳ, маҷмуа, саъй, сарф, китоб, гайр, адаб,* ки дар забони тоҷикӣ кайҳо ҳазм шудаанд, аз қабили *татабуъ* калимаҳое истифода шудаанд, ки дар забон камистеъмол буда, ба ҳамаи хонандагон фаҳмо нестанд.

Дар матни зерин калимаи *восил* омадааст, ки маънои он на ба ҳама маълум аст:

Восил – расанда, фарорасанда, васлшаванда, пайвастшаванда, пайваста, васлшуда [Назарзода С., 2004, с. 242].

Қувваи инқилобӣ ҷаҳонро умуман ва озодии ҷаҳони Шарқро хусусан, лозим аст, ба васиятҳои Ленин амал намоянд ва дастурамалҳои ӯро ба кор баранд ва аз хати ҳаракатҳои ӯ набароянд, то ки ба мактабе, ки озодист, *восил* шаванд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 82).

Аз шарҳи маънои «*восил шудан*» аён аст, ки он дар забони тоҷикӣ вожаҳои ҳаммаънои зиёде дорад. Ҳатто феъли «*васл шудан*», ки ҳиссаи номии он бо «*восил*» ҳамреша аст, мафҳуми амалро возеҳ ва фаҳмотар ифода мекунад.

…ҳамин қадар муомилаи амир ва хонҳо, ки ҳақиқатан ба чизе намеарзид, ҷавононро ба сӯйи адабиёт *савқ* мекард (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 92).

Дар ин ҷо низ *савқи* арабӣ маънои *ба сӯе равон карданро* дорад.

Савқ – майл, рағбат, кашиш, рондан, рониш, равон кардан, фиристодан [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 191];

Лекин агар дар ин кор мардум *бизот* иштирок намоянд ба осонӣ ба матлаб хоҳем расид [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 62];

Ба ҳар ҳол, ин қабил курс аз курсҳое, ки дар соли нуздаҳум ва бистум барои узбакон дар Самарқанд кушода шуда буд, нофеъ ва самарадортар хоҳад шуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 69).

Дар матнҳои боло калимаҳои *бизот* ва *нофеъ* истифода шудаанд, ки дар фарҳанг б*изот* – аз рӯйи ҳастию моҳият ва нафсу табиат; зотан, моҳиятан, аслан [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 183] ва *нофеъ* фоиданок, судманд, манфиатнок, бофоида шарҳ дода шудааст [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 873].

Лекин ин ҳам бояд аз хотир бароварда нашавад, ки барои самарадор шудани курс ба диққат қабул кардани шогирдон аз *аъзам*и шартҳост (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 69).

Дар ин ҷо С. Айнӣ *аъзами шартҳо* гуфта шарти асосӣ, муҳимтарини корро дар назар дорад, *аъзам* – азимтар, бузургтар, калонтар аст [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 110].

Дар матнҳои зерин калимаҳои *филҷумла, вуқуф, фавҷ* ва *аҳд* истифода шудаанд, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ҳам гоҳ-гоҳ истифода мешаванд:

Ҳар китобе, ки барои Тоҷикистон тартиб меёбад, бояд дар Самарқанд ва Бухоро бо иштироки касоне, ки *филҷумла*, ба маишат, одат, ислоҳоту шеваи тоҷикон *вуқуф* доранд, тартиб ёбад (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 85).

Маънои *филҷумла* – 1. ҳосили калом, хулласи калом, хулоса; 2. умуман, ба таври умумӣ; ба ҳар сурат, ба ҳар ҳол [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 443]; *Вуқуф* 1. ист, даранг, таваққуф; 2. огоҳӣ, хабардорӣ аст [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 246].

Дар забони адабии китобии тоҷикӣ пешоянди арабии «*фӣ*» аз асрҳои миёна то ибтидои солҳои бистуми асри бист дар истеъмол буд [47, 147]. Инчунин, пешоянди арабии “фи” бо калимаҳои зерин ҳамроҳ меояд:

Филҷумла – дар ҷумла, аз ҷумла, умуман; хуласи калом;

Филмасал – дар масал, масалан;

Фисад – дарсад фоиз;

Филҷумла дар мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ 5 маротиба истифода шудааст.

Дар воқеъ Туркистон дар ин чаҳорсолаи инқилоб хеле муассисаҳои илмӣ ва соҳиби *фавҷҳо, муаллим* ва *мутааллим* гардид (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 58).

Фавҷ (2м) 1. даста, гурӯҳе аз мардум; дастаи муайяни лашкар [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 404].

Бо вуҷуди ин дар *аҳди* подшоҳони мустабиди Шарқ, *билхоса (5м)* дар замони амир ва хонҳои охирини Бухоро ва Туркистон, аҳли қалам, чунон ки бояду шояд, қадру эътибор наёфтанд [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 91].

Калимаҳои арабии *бизот, филҷумла, билхоса* дар забони матбуоти солҳои бистуми садаи гузашта чун унсурҳои туфайлӣ дар тарғиби ҷумла як андоза серистеъмол буданд. Бо таъсири услуби рӯзноманигории ҳамондавра дар мақолаҳои С. Айнӣ ҳам корбаст шудаанд, вале солҳои минбаъда он калимаҳо бо муродифҳои маъмули арабию тоҷикиашон иваз шудаанд: ***бизот*** *– ба зот, зотан, моҳиятан,аслан;* ***филҷумла*** *– дар ҷумла, аз ҷумла, умуман, ба ҷумлагӣ, хуллас, хулласи калом, хулоса;* ***билхоса*** *– ба хоса, ба хусус, хосатан, алалхусус, махсусан.*

Дар ин ҷо С. Айнӣ бо мақсади гурез аз такрор як маротиба *аҳд* гуфта, бори дуюм муродифи он-*замон*ро кор мефармояд. Калимаи арабии *аҳд* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба се маъно омадааст: *ваъда, шарт, паймон, қарордод, муоҳида* (аҳди дуруст, аҳду паймон); *маҷмӯи ихтиёр, тасарруф; замон, давр* тафсир шудааст [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 117].

Дар матни боло ба маънои *давр* омадааст.

Дар интиҳо муайян кардан хостем, ки ҳамасрони С. Айнӣ калимаҳои арабиро дар кадом сатҳ кор фармудаанд. Вобаста ба ин эҷодиёти яке аз

поягузорони матбуоти тоҷик Сайидризои Ализодаро дида мебароем. Ҳангоми мутолиаи 5 мақолаи ин муаллиф чунин калимаҳои арабиро дучор омадем:

Муаҳҳара, маркази қалбӣ, марҷаун, равзаи муттаҳҳара, марбут, нуфус, масофатан, асокир, англисҳои мудаббир, кунҳҳи ҳуррият, воҷиб, мухотара, аксариюн (болшевикҳо), муҷоҳидин, мутолиба, мутазалзил, маҳкур, машруъ, мустабид, эъдом, аглаб, зимом, госибони ситамгар, мутаалим, гасб, ҷароид, ҷадид, иҷтимоъ, иштирокиюн (коммунист), фирқаи иштирокиюн, масоили фирқагӣ, тасвид, иқдом, фосид, вукало, вазоифи лозимуличро, камоҳҳуваҳаққуҳу, фавҷҳои сурх, ашхоси муфсид ва муфаттин, танвир, муаллим, муаллимин, мувоҳот, ҷаҳолат, милали мухталифаи олам, мулоҳиза, қавм, муқаддар, иттиҳоз, мунозиа, мунҷар, ихтилоф, тазаруан [Ализода С. 2007, с. 29 – 44].

Аз калимаҳои арабии дар ин матн истифодашуда дар мақолаҳои С. Айнӣ танҳо вожаҳои *аксариюн, муҷоҳидин, мустабид, госибон, муттаалим, ҷадид, иҷтимоъ, иштирокиюн, фирқаи иштирокиюн, масоили фирқагӣ, фавҷҳо, танвир, муаллим, муаллимин, қавм* дида мешаванд. Аз ин муқоиса ба хулоса омадан мумкин аст, ки С. Айнӣ нисбат ба С. Ализода аз калимаҳои арабӣ камтар истифода кардааст ва забонаш нисбат ба ӯ содатар аст.

Муаллифи «Сабкшиносӣ» Муҳаммад Тақии Баҳор дар хусуси аввалин иқтибосот дар давраи пас аз истилои арабҳо ба Осиёи Миёна ва Эрон ба забони дарӣ сухан ронда, қайд мекунад, ки: «танҳо луғоте, ки форсӣ надошта ва луғоти идории арабӣ ва баъзе муродифот, ки дар нигориш ба кор меомад ё ба дарди қавофии шеър мехӯрад ва ё луғоти кӯтоҳ ва фасеҳи арабӣ, ки дар баробари он луғоти дароз ва ғайри фасеҳи форсӣ будааст, дохили адабиёти форсӣ шуд». Дар ин ҷо ба «луғоти кӯтоҳ ва фасеҳ» гуфтани муаллиф ба пуррагӣ розӣ мешавем [Қосимова М. Н., с 2005, с. 103], зеро дар байни калимаҳои иқтибосии арабии дар «Наводир-ул-воқеъ»-и Аҳмади Дониш ва мақолаҳои С. Айнӣ ба кор рафта низ калимаҳои душворфаҳм, ки дар зер оварда мешаванд, дар забони тоҷикӣ

мавқеъ пайдо накардаанд. Онҳо ё дар эҷодиёти ин ё он нависанда як-ду маротиба ба кор рафтаанд ё давраи муайяне дар забони тоҷикӣ буданду бас.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи истеъмоли калимаю истилоҳоти арабӣ дар асари ёддоштии Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» ва дар мақолаҳои С. Айнӣ дар поён порчаи асари мазкурро интихоб намуда, калимаҳои иқтибосии арабии онро бо калимаҳои арабии матни чанд мақолаи дар солҳои 20-ум таълифнамудаи С. Айнӣ муқоиса менамоем:

«**Наводир-ул-вақоеъ**»-и Аҳмади Дониш:

Лобуд, бидоят, рубъи маскун, баррмасаллам, софӣ ва бенизоъ, ҷанби охирати бениҳоят, манозеъ, ҳақир, тақрир, мустаор, раоё, қозиюлқуззот, муқтазо, тавозуъ, интизори арбоби ҳоҷат, нофила, аврод ва азкор, навофил (Аҳмади Д., 1989, с. 40).

Тавақуъ, талатуф, аозими мақом, истишора, мавоҷиб, умури мулкӣ, мушоиарат, манофеъ, раъйи султон, масун, камоҳия, бисоти қурб, умури азима, эҳтимом, ҷалоили умури салтанат, таҷвиз, заъм, гавр, маҳалли дахли вилоят, мутаҳаққиқ, рафъат, муҷиб, маар раият, кумош, хазоин маъмур гардад (Дониш А., 1989, с. 56).

Тафаррус, илтифот, истиптоъ, хуфия, билҷумла, иртифоъ, муҳил, авқот, мунаббат, дакокин, анвои амтиа, ақмиша, байъу ишро, мавқуф, амфия, қубайл, ишоъ, тавф, мусалло, издиҳом, алалфавр, маскунини, сутур, музоҳим, мулоқӣ, магмум, ҳулӣ, ҳалал, мофавқ, мутасаввир, қадҳ (Дониш А., 1989, с. 112).

С. Айнӣ:

Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод? (1919)

Лузум, маҳкам, ҷаҳолат, завол, фосид, байъи ҷоизи шаръӣ, ирқ, рафоҳи ҳол, танвири афкор, тадохул, базлӣ, тазминот, тарқим, мултафит, изъофан, музоифатан, афиф, маъмула, мусрифона, музмина, нофеъ, ҷиргаи миллали мухталифа (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 37).

Қавми тоҷик ва рӯзнома (1921)

Мазбуҳона, эътизор, аҳами масоил, эҳма, ихтилол, мусиран (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 65).

Масъалаи маориф ва китоб (1924)

Музокира, мубоҳиса, аъзами шартҳо (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 67).

Аз муқоисаи саҳифаи аввал, мобайн ва охири асар маълум мешавад, ки Аҳмади Дониш барои наздик кардани забони адабӣ ба забони халқ то андозае майл намудааст. Бо вуҷуди он забони асари Донишро чандон содаю оммафаҳм гуфтан мумкин нест, вале кӯшишҳои истилоҳпарастии ӯ доир ба забон дар он давра қадами ҷиддие ба пеш буд [Қаландаров С., 2010, с. 91]. Ба қавли Н. Маъсумӣ «вобаста ба шароити таърихии ҳамонвақта, забон ва тарзи баёни Аҳмади Дониш дар истеъмоли калимаҳои арабии ба омма нофаҳмо ва куҳнашуда аз нормаи забони адабии пешина берун набаромадааст» [Маъсумӣ Н., 1976, с. 57-62].

Азбаски «Наводир-ул-вақоеъ» асари ёддоштию таърихист, дар он истифодаи калимаҳои арабӣ мувофиқи талаби замон аст ва зиёд истифода шудани калимаҳои арабӣ ба ҳамин вобастагӣ дорад.

Аз ин муқоиса ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар замони С. Айнӣ истифодаи иқтибосоти душворфаҳми арабӣ аз байн рафта, ягон-ягон калимаи ба омма нофаҳмо дар мақолаҳои минбаъдаи С. Айнӣ дида мешавад.

Хулоса, назари С. Айнӣ ба масъалаи муносибати забони адабии тоҷикӣ бо забонҳои дигар, иқтибоси калима ва покизагии забони адабии тоҷикӣ аз ибтидои фаъолияти илмӣ, публитсистӣ ва адабиаш якмаром намондааст. Дар мақолаҳои публитсистиаш дар истеъмоли калимаю истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз тақозои сабки маъмули нигориши ибтидои асри гузашта канор нарафтааст. Дараҷаи истеъмоли калимаю истилоҳоти арабӣ дар мақолаҳои ӯ ба мисли қаламкашони дигари ҳамондавра будааст.

Зимнан бояд гуфт, ки ба шарофати забони арабӣ олимони аҷамзод илму фарҳанги худро дастраси халқиятҳои зиёди Шарқ, ки забони арабӣ онҳоро муттаҳид карда буд, шинос намуданд ва худ низ тавассути забони арабӣ аз маърифату дониши онҳо мутаассир гаштанд, бо вуҷуди ин ки Б. Ғафуров навиштааст: «Забони арабӣ-забони табақаи болои хилофат ва дини ҳукмрони он, чун аслиҳаи идеологии истилогарони араб хизмат мекард» [Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо, 2007, с. 25].

Бо ин ҳама забони арабӣ сабабгори мутамарказияти фарҳангии халқҳои сершумори Шарқи исломӣ гашт ва бешубҳа, дар инкишофу рушди фарҳангии халқиятҳои аҷамзод ҳиссае гузоштааст.

1.4. Истилоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар мақолаҳои С. Айнӣ

Дар адабиёти илмӣ роҷеъ ба мафҳуми истилоҳ таърифҳои мухталиф вуҷуд доранд. Тибқи таърифи фалсафӣ-маърифатшиносӣ, ҳамаи воситаҳои моддие, ки барои таҳкиму тақвияти натиҷаву дастовардҳои илмӣ хизмат менамоянд, бо кӯмаки истилоҳот ба вуҷуд оварда мешаванд. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар таърифи мазкур истилоҳ дар қатори дигар воситаҳои маърифат ҳамчун як унсури таркибии дастгоҳи илмии назарияҳо ва консепсияҳои мухталифи илмӣ шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Ҳамин тавр, истилоҳот донишҳои иқтибосии аллакай ҳосилшудаву мавҷудро тақвият мебахшанд ва дар якҷоягӣ бо соири воситаҳои дигар барои рушди соҳаҳои гуногуни илм мусоидат менамоянд.

Ба ақидаи истилоҳшиноси тоҷик Назарзода С., яке аз хусусиятҳои истилоҳот дар гурез аз муродифдоштан аст. Агар чунин ҳолат пеш омад, ба тадриҷ яке аз онҳо, ки муносибтар аст, мавқеи асосӣ пайдо карда, «рақибони» худро аз қатори истилоҳот берун мекунад [Назарзода С., 2013, с. 40]. Ин гуна хусусияти истилоҳот дар мақолаҳои С. Айнӣ ба чашм расиданд. Чунончи: шуро – совет, фирқа – партия, рӯзнома – газета, маҷалла – журнал. Инчунин, дар забони имрӯзаи тоҷикӣ низ ин хусусияти синонимии истилоҳотро пай бурдан мумкин аст. Мебинем, ки ин принсип на танҳо фаъол шудааст, балки дар раванди он «бозгашт» сурат мегирад, яъне дубора *совет* ба *шуро, газета* ба *рӯзнома*, *журнал* ба *маҷалла* ва ғайра табдил шуда истодаанд.

Ҳамин тавр, ҳар як эҷодкор дар навиштаҳои худ аз истилоҳоти гуногун истифода мебарад. Дар маводе, ки мо мавриди тадқиқ қарор додем, истилоҳҳо хеле зиёд истифода шудаанд, ки дар ин ҷо танҳо истилоҳоти сиёсиву иҷтимоии онро меовардем. С. Айнӣ дар мақолаҳои солҳои 20-ум истилоҳоти сиёсии *синф, синфи коргар, синфи деҳқонро* бештар истифода кардааст, ки дар аввали солҳои бистуми садаи гузашта гунаҳои гуногун дошт: *синфи фаълаву деҳқон, синфи заҳматкашон* ва

ғайра. Истилоҳи арабии *фаъла* ба маънои “коргар” бештар дар ашъори шоирони ҳамондавра ва бо таъсири он дар забони мақолаҳои марҳалаи аввали фаъолияти рӯзноманигории С.Айнӣ серистеъмол гардида буд. Калимаи *заҳматкаш* дар ифодаи ҳар ду табақаи ҷомеа (коргару деҳқон) ба кор мерафт. Азбаски сохти сотсиалистӣ ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳ ва эҳтироми хоса дошт, ин истилоҳ сарбории услубии мусбат пайдо карда буд. Баъдтар ҷойи калимаи *заҳматкаш* ё *заҳматкашон*ро калимаи *меҳнаткаш* ва *меҳнаткашон* ишғол намуд ва дараҷаи корбурди *заҳматкаш* (*заҳматкашон*) кам шудан гирифт. Ин ҳолатро дар забони мақолаҳои С. Айнӣ ҳам пай бурдан мумкин аст. Айнан ҳамин гуна тағйиротро дар истифодаи истилоҳоти сиёсии *фирқа, фирқаи иштирокиюн, ҷумҳурият* ва ғайра низ мушоҳида кардан мумкин аст:

Аз шаҳри Самарқанд иддае хонанда дорад, ки эшон низ ба воситаи саъю кӯшиши саркорони хукумат ва *фирқа* ба майдон омаданд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 45). Маст ва қиморбозро дар *фирқаи иштирокиюн* роҳ надод... (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 41). Пеш аз ин, аз инъиқод ёфтани *анҷумани якуми фирқаи иштирокиюни* Туркия ба воситаи ахбори тилғироф иттилоъ ёфта будем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 222). Сохтмони Вахш ва дигар сохтмонҳо дар зери роҳбарии партияи тавонои Ленин бо маблағи *Ҳукумати советӣ*, бо ёрии коркунони инженер-техникии *советӣ*, бо ёрии бевоситаи халқи кабири рус барои хушбахтии меҳнаткашон ба вуҷуд омаданд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 148).

Инчунин, дар мақолаҳои солҳои 20-уми устод Айнӣ истилоҳи сиёсии *инқилоб* зиёд истифода гардидааст, ки дар мақолаҳои солҳои 30-юми нависанда аллакай ҷойи ин калимаро *револютсия* иваз кардааст:

Дар ин замони таърихӣ, ки *инқилоби иҷтимоӣ* барқвор интишор меёбад, империализми ҷаҳон қарор ба як ҷанги қатъӣ ва охирӣ додааст… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 101). *Револютсия*и Кабири Сотсиалистии Октябр ба охири саҳифаҳои сиёҳ... ишорати “тамом”-ро гузошт (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 148).

Истилоҳи сиёсӣ иҷтимоии *муттафиқҳо* ба мисли *таътил* барои ифодаи маънои *иттифоқчиён* кор фармуда шудааст, вале он ҳам дар забони матбуоти солҳои 20-ум як муддат ба кор рафта, минбаъд ҷойи онро калимаи ҳамрешаи дигари он *иттифоқчиён* гирифтааст, ки имрӯз ҳам дар забони матбуоти тоҷик ба кор бурда мешавад. Инро низ қайд кардан ҷоиз аст, ки дар мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ ин калима дар шакли ҷамъбандии тоҷикии *муттафиқҳо* 36 маротиба ва дар шакли ҷамъбандии арабӣ – *муттафиқин* 19 маротиба истифода гардидааст.

Муттафиқҳо баъд аз он ба гардани коргарони Олмон *бори сангин*ро гузоштанд, ҳоло ба тақсими Туркия шуру ъ кардаанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 102).

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи услуби С. Айнӣ бо ташбеҳ ифода кардани истилоҳҳои сиёсӣ мебошад, ки ин танҳо хоси ӯст. Дар навиштаҳои ҳамасрони С. Айнӣ ин хусусият дида намешавад. Сабаб дар он буд, ки устод Айнӣ ҳам нависанда буд ва ҳам шоир, ин нозукиро хеле хуб эҳсос мекард ва дар мақолаҳояш низ аз ин фаровон истифода мебурд.

Дар аввалҳои солҳои бистуми садаи гузашта ягона калимае, ки ба аҳли заҳматкаш ба воситаи он муроҷиат шавад, калимаи “*бародарон*” буд, ки бунёди он шояд чунин таъбири дини ислом бошад: ”Муъмин – бародари муъмин!”. Аз ибтидои солҳои сиюми садаи гузашта калимаи русии “*товариш*”-ро “*рафиқ*” (лафзи арабӣ бо маънои ҳамсафар, дӯст) тарҷума карда, дар муқобили калимаи русӣ ҳамчун муроҷиати боэҳтиромонаи расмӣ барои ҳаммаслакон ҷорӣ намуданд. Бинобар ин дар ҳамаи мақолаҳои аввали С. Айнӣ калимаи *бародар (бародарон)* ва дар мақолаҳои давраи минбаъда калимаи *рафиқ* ба кор рафтааст:

Бародарони ӯзбекамон як қадаре осори интибоҳ (бедор гардидан) нишон дода истодаанд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 45). Зуд ба кор бошед, *бародарон*! (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 52). Дар ин бора анҷуман маърӯзаи *рафиқ Ленинро* шунида, қарори зайлро қабул кард (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 227). ... ба идораи *рафиқамон* “Меҳнаткашлар товушӣ”

аз ҳар тарафи вилояти Самарқанд... кам ҳам бошад, асари таваҷҷуҳ ва мукотибот ба миён меояд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 45).

Он солҳо дар ин замина ҳам кӯшиш шуд, ки ин истилоҳот, пеш аз ҳама, бо вожагони ҷорӣ баён ва ё баргардонида шаванд. Дар натиҷа, бо истифода аз таҷрибаи забон дар ин арса барои як миқдор истилоҳоти идорӣ ва коргузории тозаворид, аз ҷумлаи луғоти идораи куҳна, баробариҳое баргузида шуд ва ё вожагони ҷорӣ ба шакли дигар ба маънои нав истифода гардид [Назарзода С., 2013, с. 188]. Азбаски С. Айнӣ рӯзноманигор ва маорифпарвари пешқадам буд, дар мақолаҳояш ин гуна навгониро истифода кардааст:

Номи унвонҳо, мансабҳо: садр, ноиб, арбоб, ходим, мудир, роҳбар, сардор, сарвар, қозӣ, муҳаррир, мухбир, саркотиб, сармуҳаррир.

Назар ба маълумоте, ки **садри кумитаи иштирокиюни Эрон** рафиқ Ҳайдархон ба **мухбир**и ҳайати тилғирофи Озарбойҷон додаст, дар Теҳрон дар зери **садорати шоҳ** аз асноф ва партияҳои мухталифи Эрон як анҷуман ороста шуда, баъд аз музокара аҳдномаи Эрон – Англисро рад кардааст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 226).

Истилоҳоти маъмурӣ: идора, авқоф, маориф, зироат, забтия (милитсия), молия, ичроия, адлия, маҳкама, шуъба, дорулмуаллимин, матлубот, лашкар, урду, фавҷ, қӯшун, ҷабҳа, ариза, дафтардорӣ, матбуот, матбаа, нашриёт, дорулфунун, касалхона, муассиса:

Барои ташкилоти **забтия (милитсия)** низомнома ва дастурамалҳо ба чопхона дода шуд. Дар бораи **адлия** қонуни мулкӣ, қонуни ҷиноят, қонуни меҳнат ва қонуни муҳокима дар дасти тарҷима аст.

Як гурӯҳи сершумори дигар дар мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ вожаҳои тоҷикиеанд, ки аз забони умумихалқӣ ба истилоҳоти рӯз дохил шуда, мафҳумҳои ичтимоӣ ва сиёсии навро ифода мекарданд. «Аксари ин вожагон дар забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ доштанд ва ба таври васеъ ба кор бурда мешуданд. Аммо дар ин давра доираи истифодаи онҳо маҳдуд гардид ва аксарияти онҳо маънои вижа гирифта, дар баробари истилоҳоти мушаххасшудаи сиёсӣ ва ичтимоии замони нав истифода шудаанд

[Назарзода С., 2013, с. 188]. Ин гуна истилоҳот дар навиштаҳои устод Айнӣ истифода гардидаанд: *Ҳукумати Шуроӣ, қавм, миллат, мамлакат, туркистониён, фирқа, амонӣ, асорати сиёсӣ, асорати иқтисодӣ, аромина, яҳудӣ, рус, муҳоҷир, Николай, сафҳаи таърих, амлок, қитъа, "Новая Русия", ҳукумати Николай, қонуни асосии Ҳукумати Шуроӣ, соҳибҳуқуқ, миллат, ранҷдида, аҳди Николай, ирз, хонахаробӣ, ҷиноят, ҳукумати мустабидда, фирқаи иштирокиюн, маҳкамаи адлия, ҷазо.*

Азбаски яке аз манбаъҳои муҳим барои баррасии вазъи луғавии забон ва чигунагии истилоҳоти сиёсиву иҷтимоии давраи инқилоб мақолаҳои солҳои 20-уми устод Айнӣ ба шумор мераванд, луғат ва истилоҳоти мақолаҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1.Вожа ва истилоҳоти хоси мактабу маориф: ҷаҳлу нодонӣ, мактаб, хату савод, синни таҳсилӣ, курсҳои бегоҳӣ ва шабона, таъсис гардидан, омӯзгор, курси омӯзгорон кушодан, маишати давомкунандагон, танвири афкор, рӯзнома, рисола, хитобнома, баённома, нашр кардан, курс, китоб, маҷмуа, давомат кунондан, маълумот, мактабҳои ибтидоӣ, илм, маориф, маърифат, қавми беилм, беилмӣ, ҷаҳолат, мутафаккир.

2. Луғату истилоҳоти марбут ба тиб: омосдор, ништари ҷарроҳ, мараз, давохона, табиб.

3. Истеъмоли калима ва истилоҳоти соҳаи тиҷорат: сарф кардан, коло, сарват, сарватдор, тазминот андохтан, мусодира кардан, ҳисоб ва тарқим кардан, рақам задан, пул, ҳисоби пешакӣ, исметаи яксола, миллион, нисф, чоряк, ҳаштяк, масорифи яксола, манот, қадоқ, як пуд, як ман, қаҳтӣ, бонк, гарав мондан, судхӯр, "байъи ҷоизи шаръӣ", маблаг.

4.Калима ва истилоҳоти гуногун, ки дар ин давра дар забон истифода мегардиданд, монанди: кофир, ҷадид, даҳрӣ, зиндиқ, ахлоқ, амну харҷ, посира кардан, исроф, бидъат, оила, нуфус, хаммор, қимор, базмӣ, кӯбкоритоз шудан, боғ, замин, сарой, ҳукумат, тадохул, музофот, вилоят, хадешарасонӣ кардан, раия, базли ҷаҳд кардан, салтанат, давои иллатҳои

музмина, интихоб кардан, ба фирқа дохил шудан, сиёсати дохилӣ, сиёсати хориҷӣ, ҷиргаи милали мутамаддинаи ҳайя.

Як гурӯҳи сершумори дигар дар мақолаҳо вожаҳои тоҷикиеанд, ки аз забони умумихалқӣ ба истилоҳоти рӯз дохил шуда, ба танҳоӣ ва ё дар таркибот истилоҳот ва мафҳумҳои иҷтимоӣ ва сиёсии навро ифода мекарданд. Аксари ин вожаҳо дар забони тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ доштанд ва ба таври васеъ ба кор бурда мешуданд. Аммо дар ин давра доираи истифодаи онҳо маҳдуд гардид ва аксарияти онҳо маънои вижа гирифта, дар баробари истилоҳоти мушаххасшудаи сиёсӣ ва иҷтимоии замони нав истифода шуданд, монанди *давлат, ҳукумат, халқ, миллат, ташвиқот, аъзо, вукало, интихобот, мухторият, истиқлол, намоиш, таътил (корпартоӣ), ҳаваскор, мустамлика, ниммустамлика, назария, доҳӣ, зиёӣ, лоиҳа, маслак, ҳуррият, нутқ, маърӯза, омма, камбаҒал, нимкамбаҒал, қашшоқ* ва ғайра.

С. Айнӣ истилоҳҳои русиро ба талаффузи тоҷикӣ мувофиқ карда, кор фармудааст, ки хоси он замон буд. Дар ин маврид забоншиноси тоҷик С. Назарзода чунин мегӯяд: “Ҳанӯз дар оғози интишори ин истилоҳот дар Осиёи Миёна тоҷикон барои рангубори худӣ додан ба онҳо дар талаффуз ва навишт аз садоҳо ва ҳарфҳои тоҷикишудаи арабиву туркӣ истифода карданд ва ин анъана дар солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ низ идома ёфт, монанди программа- пуруғром; комитет-қумита; курс-қурс; конференсия-қунфаронс; большевик-болшавиқ; кабинет-қобина; митинг-митинҒ” [Назарзода С. 2013, с. 188]. Ин гуна истилоҳоти тоҷикишудаи давраи инқилобӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ чунинанд: комиссия-*қумисия, капиталист-қопитулосиюн, сотсиалист-сусиёлист* ва ғайра.

Барои тафтиш ва назорати гирифти андоз, аз деҳқонони маҳаллӣ **қумиссия** ташкил дода мешавад… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 228). Аҳдномаи куҳнаи **қопитулосиюн,** ки Туркия ба муносибати ҷанги умумӣ карда буд… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 175). Дар ин зимн аз **сусиёлист**ҳои машҳури Туркия рафиқ Мустафо… рӯзнома таъсис кард… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 223).

Дар мақолаҳои устод Айнӣ номҳои шаҳру давлатҳо ва ё мавзеъҳои ҷуғрофӣ аҷиб кор фармуда шудаанд, аз ҷумла номи давлатҳо:

Маскав, Лӯндун, Фарокия (Фракия), Финландиё, Румониё, Пӯлша, Қафқозиё, Литво, Лотвиё, Истониё (Эстония), Епониё, Амриқо, Сибирия, Сибириё, Влодивостук, Итолиё, Жопониё, Булгориё:

Дар мақолаи соли 1925: *Маскав*, дар соли 1947 *Москва*:

Агар андаке сустӣ ва мусоҳила ба кор равад, Тоҷикистон аз 25 вараҚи табъи **Маскав** маҳрум хоҳад монд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 67). Бинобар ин конференсияи маълуми **Лӯндун**ро эҷод карда, аз Анқара ҳам намоянда даъват карданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 231). Масъалаҳои маҳаллӣ, масъалаҳои Сурия, Ироқ, Арабистон, Она-тулӣ, **Фарокия (Фракия)**. Ботум, Лозистон (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 182). Намояндаи **Финландиё**, ки муқими пойтахти **Румониё** буд, дар роҳи иттифоқи Румониё, Финлондиё ва **Пӯлша** барои маърӯза хондан ба пойтахти Финлондиё бозмегардад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 270).

Хулоса, таҳлилу баррасии мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ аз лиҳози вожасозӣ ва истилоҳофаринӣ нишон медиҳад, ки забони тоҷикӣ барои баёни мафҳум ва матлабҳои гуногуни илмӣ имконият ва тавоноии кофӣ доштааст. Устод Айнӣ низ ин гуна истилоҳотро моҳирона ва ба талаботи замони худ мувофиқ ба кор бурдааст.

1.5. Калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ

Дар мақолаҳои С. Айнӣ масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсию иҷтимоии солҳои бистум дар ҳаёти мардум ҷойдошта инъикос ёфтаанд. Бинобар ин, дар мақолаҳои публитсистии ӯ як миқдор калимаҳои таърихӣ ва архаистӣ мушоҳида мешаванд.

Калимаҳои таърихӣ барои тасвири воқеаву ҳодисаҳои куҳнашудае кор фармуда мешаванд, ки вобаста ба эҳтиёҷоти замони худ истифода гардидаанд. Вале баробари аз байн рафтани ҳамин эҳтиёҷот, аввал ҳамон маъно ва баъдтар худи он калимаю таъбирҳо низ куҳна шуда, ба гурӯҳи калимаҳои архаистию таърихӣ табдил меёбанд.

Мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ба як марҳилаи ҳассоси рушди иҷтимоии ҳаёти ҷомеа бахшида шудаанд. Давраи гузариши як сохтори ҳаёти иҷтимоӣ ба сохтори дигар ҳамин гуна марҳилаи табаддулоти сиёсию иҷтимоии ҳаёти мардуми тоҷик, инчунин дигар қавму миллатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар таърихи кишварҳои дунё кам воқеъ мегардад, ки дар як муддати на чандон тӯлонии таърихӣ ба мисли *инқилоб, ҷумҳурият* барин истилоҳот ду маротиба табдил ёфта бошанд. Дар таърихи мардуми тоҷик чунин шуд, ки аввал калимаи *инқилоб* ба истилоҳи байналмилалии *револютсия* ва *ҷумҳурият* ба истилоҳи *республика* табдил ёфта, пас аз муддате ин истилоҳоти *байналмилалӣ* боз ба калимаҳои *инқилоб* ва *ҷумҳурӣ* иваз шудаанд.

Калимаҳои таърихӣ ва куҳнашуда (архаизмҳо)-и мақолаҳои дар солҳои 20-ум таълифнамудаи С. Айниро таҳлил намуда, муайян кардем, ки ин табаддулот дар калимаю истилоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ маишӣ ё муҳити зиндагии ҷомеа чӣ тарз сурат гирифтааст.

Дар мақолаҳои солҳои 20-ум ибораи аз ҳама серистеъмол *Ҳукумати Шурой* мебошад, ки *12 маротиба* истифода шудааст. Баъди ғалабаи пурраи иинқилоб тадриҷан, хусусан, баъди солҳои 30-юм ҷойи онро истилоҳи русии «Ҳукумати Советӣ» гирифт. Ин ибора дар мақолаи

«Обёрӣ», 29 феврали соли 1940 дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» ба тарзи «Ҳукумати Советӣ» чоп гардидааст. Мисол: *Обу замин бо декрети ленинии Ҳукумати Советӣ аз они деҳқони меҳнаткаш шуд* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 148).

Калимаи дигаре, ки дар мақолаҳои С. Айнӣ серистеъмол буд, калимаи *тазминот* (ба маънои андоз) мебошад. Мисол: *Воқиан маблағҳо* ***тазминот*** *афтод, анборҳо мусодара шуд ва ҳам аз ҳамин шаҳрҳои Туркистон зиёдтар* ***тазминот*** *ба Самарқанди мо афтод* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 40).

Чанд муддат нагузашта, ин истилоҳ ҳам аз истеъмол баромада, ҷойи худро ба истилоҳи «*андоз*» вогузошт. Замони ҳукмронии подшоҳу амиру хонро дар гузашта бо калимаи «*аҳд*» ифода мекарданд. Бинобар ин С. Айнӣ ҳам дар як мақолааш ду маротиба «*аҳди Николай*» навиштааст: *Аз он ҷое ки қонуни асосии Ҳукумати Шуроӣ ба ҳоли мазлумон ва фақирон пардохтан аст, ки вом ва давоми Ҳукумати Шуроӣ вобаста ба рафоҳи ҳол ва соҳибҳуқуқ шудани миллатҳои маҳкумаи ранҷдидаи дар* ***аҳди Николай*** *аст, ба ҳоли мо пардохтанӣ шуд* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 39).

Курсҳои бегоҳӣ ва шабона истифода шудааст, ки ҳоло ба ҷойи он *курсҳои рӯзона ва ғойибона* қабул шудааст. Ҳоло ба ҷойи *курси омӯзгорон такмили ихтисос* қабул гардидааст. Ба ҷойи *раста* ва *қария-қария*, ки 1 маротибагӣ омадаанд, имрӯз *кӯча* истифода мешавад. Ҷойи *фирқа*ро бошад, *гурӯҳ* гирифтааст. Дар замони Шуравӣ калимаи дигаре ба ҷойи *фирқаи иштирокиюн* қабул гардид, яъне *партияи коммунистӣ*, ки устод Айнӣ дар мақолаи мазкур як маротиба кор фармудааст. Ҳамин тавр, калимаҳои дигаре низ истифода шудаанд, ки имрӯз онҳо барои забони ҳозираи тоҷикӣ калимаҳои куҳнашуда ба ҳисоб мераванд: *туркистониён – 1 м; писарони вафодори Николай – 1 м; Ҳукумати Николай – 1 м; «Новая Русия» – 1 м; асорати сиёсӣ – 1 м; салтанат – 1 м; ҷазои боданӯшон – 1 м; маҳкамаи адлия – 1 м; аҳолии машриқзамин – 1 м; музофот – 1 м; шуро мекунем – 1 м; сиёсатан – 1 м. ва ғайра.*

Калимаҳои таърихӣ барои тасвири воқеаву ҳодисаҳои куҳнашудае кор фармуда мешаванд, ки вобаста ба замони худ истифода гардидаанд, бояд қайд кард, ки калимаҳои таърихан маҳдудшуда аз калимаҳои умумиистеъмол муродиф надоранд ва ягона воситаи луғавии ифодакунандаи ҳодисаҳои таърихии аз байн рафта ба шумор мераванд. Калимаҳои таърихӣ дар асару навиштаҳо бо мақсади инъикоси фосилаи замон ва тасвири ҳақиқати воқеаҳои замони гузашта дар ҳамон шакли маъмули худ ба кор бурда мешаванд.

Калимаю таъбирҳои куҳнашудаи забони мақолаҳои С. Айниро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мансабҳои давлатӣ*:* *амир (36), хон (6), қозӣ (4), бӣ (1), қушбегӣ (1), туқсабо (2), муфтӣ (2), хоқон (3), мирзо (1), оқсақол (1), қӯрбошӣ (1) бег (1) ва ғ.*

Зоти ***амир*** дар сарои шоҳонаи худ нишаста, **байтулмол**и муслиминро дар роҳи хоҳиши шаҳвонии худ сарф ва исроф менамояд, писарон ва духтарони раия, ки супурдагони дасти ӯ ҳастанд, бепарда менамояд, касе ки ба ҳаракоти шаҳватпарастии ӯ сари мӯе осори адами ризо нишон диҳанд, хунашонро чун қадаҳи шароб, ҳатто мисли косаи об мерезад, касеро, ки изҳори ризоҷӯйӣ кунад, яъне писари худро, духтари худро ва писару духтари дигаронро ба як василае ба «***зоти олӣ***» тақдим ва пешкаш намояд, ***тӯқсабо***, ***бӣ***, ***ҳоким***, ҳатто ***муфтӣ*** ва ***қозӣ*** мекунад (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 186). Саргузаштҷӯёни дигар, ки ба пешаи яғмогарӣ маҳорат доштанд, ба ҳашмати Эргаш ҳамчашмӣ карда, ба атрофи худ маъдуди дузду сарсариро ҷамъ карда, худро «***қӯрбошӣ***» ва «***бег***» ном ниҳодаанд… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 258).

2. **Хизматгорони дарбор**: *нӯкар (3), мулозимон (2), чокар (1).*

Салҷуқиён, Ғазнавиён, Хоразмшоҳиён, билъохир Усмониён ба ҳавои аскарӣ муҳоҷираткардагон аз Туркистонанд; Сифати аскарии амир Темур ва ***нӯкар***онашро дар назар оварда, ба чубн ва тарси ҳозира

муқоиса карда шавад, суоли «Оё ирқу хун дигаргун шудааст?» вориди хотир мегардад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 135).

3. **Бахши ҳарбӣ-низомӣ:** аскари сурх (21), асокири сурх (26), фирқавӣ (2), меншевик (1), босмачӣ (20), Урдуи Шарқ (8), шайка (1), ташкилоти забтия (милитсия) (1), полисон (1), зобитон (офитсерони Туркияи Усмонӣ, қаровулони аскария) (1), кори забтия (идораи маъмурӣ) (2) ва ғ.

Аз он ҷо, ки босмачиён аз даруни аҳолӣ гирд омада, бо мо ба тариқи ***фирқавӣ (партизанӣ, гурӯҳӣ)*** меҷанганд, дар муқобили эшон муҳорибаи боинтизоми мо натиҷаи намоён намедиҳад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 260). Ҷамъияти иттифоқ, ки аз ранҷбарон таъсис ёфта буд, ба ин кори «шӯрои ислом» норозигӣ баён карда, дар ***кори забтия*** тадохул (дахолат) намуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 261). Пул нест, хазина холӣ, ***пӯст***у (почта) ***тилгироф*** ба дасти бегонагон, боҷ ва гумрук ба хазина ворид намешавад, маъмурон, хусусан ***полисон*** ва ***зобитон*** даста-даста шуда аз Истанбул мегурезанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 170).

4. Ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ: *санад (1), васиқа (1) ва ғ.*

Аҳволи гузаштаи кишварро… тафтиш намуда, ба ***санадҳо*** ва ***васиқаҳо***и таърихӣ собит мекунад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 296).

5. Асбобҳои ҷангӣ ва ҷойи нигаҳдории онҳо: *норинҷак (бомба) (1), тӯп (4), пулемӯт (1), доруи туфанг (1), борутхона (1), оташхона (1), зиреҳ, зиреҳдор (1).*

Аммо роҳбарони иинқилоб ва сарварони Ҳукумати Шурӣ ба дунё ба чашми дигар нигоҳ мекарданд, эшон яқин доштанд, ки аҳволи иҷтимоияи ҳозираи дунё пӯсидааст, рақобати дували мутағаллиба ва аскаркашии бемаънии эшон худию бегонаро ба ҷон расонидааст, исрофоти сарватдорон, фаҳшкории (коррупсия) саркорон, тангии ҳоли ранҷбарон, таҳаккуми пӯпу роҳибон дар дили фуқаро ***борутхона***еро мепарварад, ки ба як шарораи иинқилобӣ даргирифта, олами ҳолиро ***рамодистон*** (хокистарзор) хоҳад кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 144). Аз шаҳри Мелтопол ғаниматҳое, ки ба дасти мо афтод, ба қарори зайл аст:

Чор вагони зиреҳдор, 18 тӯп, сад вагон ***доруи туфанг***, 25 адад оташхонаи роҳи оҳан ва як миллион пут ғалла (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 198). Ӯ низ ба навбати худ роҳи ҳадъа ва найрангро пеш гирифт, қитъаи Силезияи Боло, ки ***полокҳо*** дар он ҷо чашм андоха буданд, ба ёрмандии Франсия ба муқобили Олмония фитнаҳо эҷод карданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 245). … дар кӯчаҳо ***тӯпҳо*** ва ***пулемӯтҳо*** ниҳода шуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 171). Лекин қаровулони аскария, ки дар ин матбаа будаанд, таслим нашуда миёни эшон ва маъмурони ҳукумат оташфишонӣ ба амал омад ва ***норинҷакҳо*** низ андохта шуд, аз ду тараф талафот воқеъ шуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 171).

6. Номи асъор, ченак ва вазни молу ашё: *як газ чит (1), ҳазор манот (2), пул ва нуқуд (1), пут (ченаки вазн) (12), қадоқ (2), мил (масофаи се мил) (1) ва ғ.*

Аз шаҳри Мелтопол ғаниматҳое, ки ба дасти мо афтод, ба қарори зайл аст: Чор вагони зиреҳдор, 18 тӯп, сад вагон доруи туфанг, 25 адад оташхонаи роҳи оҳан ва як миллион *пут* ғалла (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 198]. Ҷоҳое ҳаст, ки фақат *даҳ қадоқ, бист қадоқ* тухм корида, барои муҳофизаи он ба тадбирҳои дастӣ ва сохта муҳтоҷ мешаванд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 277). Нуфузгоҳи ин кумиссиюн, аз масофаи *се мили* даромадгоҳи бози Дорданил аз баҳри Сафед то масофаи *се мили* баромадгоҳи бози Босфор дар баҳри Сиёҳ хоҳад буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 172).

Баъд аз револютсия, дар солҳои сохтмони сотсиалистӣ як қатор калимаҳои нав ба майдон омаданд, вале дере нагузашта як қисми онҳо аз истеъмол баромада, ба ҳукми калимаҳои куҳнашуда даромаданд [Камолиддинов Б., 1967, с. 45]. С. Айнӣ чунин таъбиру калимаҳоро дар инъикоси воқеаҳои таърихии солҳои бистум фоида бурдааст:

Матн: Лекин ба ҳама кас пурвозеҳ аст, ки ин корҳоро танҳо бародарони рус ба қуввати ранҷбарон ва *Аскарони Сурх*и худ кардаанд… Мо ба пуштибонии Асокири Сурхамон метавонем ҳуқуқеро, ки ба мо

додааанд, муҳофиза намоем. Зинда бод *Қӯшуни Сурх*и Туркистон ва Русия (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 162).

Дар ибтидои сохтори нави ҷомеа калимаи «*сурх*» рамзи ҳаёти нав ба шумор мерафт. Дар мақолаҳои С. Айнӣ ин аломат ба исмҳои *аскар, қушун*,…нисбат дода шудааст.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов дар монографияаш «Хусусиятҳои лексикӣ – семантикии воҳидҳои фразеологии феъли забони ҳозираи адабии тоҷик» хеле хуб зикр менамояд, ки «Калимаҳои таркиби луғавии забон бо гузашти рӯзгор куҳна шуда аз истеъмол мебароянд, рафта-рафта маъно ва баъдтар худи онҳо низ куҳна шуда, ба гурӯҳи калимаҳои архаистиву таърихӣ табдил меёбанд» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 115].

Дар наср, махсусан, ба моҳияти масъалаҳои тасвир, мувофиқ ва муносиб будани маънои он калимаҳо ба ҳисоб гирифта шудааст. Хусусияти услубии калимаю ибораҳои таърихӣ ва куҳнашуда ҳам дар ҳамин буда, нависанда ба воситаи онҳо дар пеши назари хонанда воқеаю ҳодисаҳои таърихӣ, тарзи гуфтугӯйи замони гузаштаро ифода мекунад ва амалу ҳолатҳои деринаи ҳаётиро зинда мегардонад.

Боби II

Хусусиятҳои маънои унсурҳои луғавӣ дар мақолаҳои солҳои бистуми С. Айнӣ

Забони адабии тоҷик дар тули таърих вобаста ба ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданию фарҳангӣ якчанд марҳиларо тай намуда, бо шарофати ҳисси эҳтироми соҳибзабонон ба ин ганҷинаи бебаҳо, заҳмату асарҳои оламшумули адибону донишмандони миллати тоҷик асолати худро нигоҳ доштааст.

Таърих гувоҳ аст, ки ба сарзамини мардуми форснажод Хуросону Мовароуннаҳр борҳо аҷнабиён ҳуҷум оварда онро ишғол ва мутеи хеш гардондаанд. Забонҳои арабӣ, туркию муғулӣ ва русӣ ба ҳайси забони расмӣ ва ё дар муоширати умум баромад мекарданд. Ин раванд, албатта ба таркиби луғавии забони форсию дарӣ бетаъсир намонд. Калимаҳои иқтибосӣ ҳам дар забони асарҳои илмию бадеӣ ва ҳам дар забони гуфтугӯйии мардуми таҳҷоӣ хеле зиёд истифода мегардиданд. Дар санадгузорӣ, таълифи асарҳои илмию таърихӣ вобаста ба талаботи ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ калимаҳои ғайриаслӣ ба кор бурда мешуданд. Аммо ногуфта намонад, ки забони тоҷикӣ мақому манзалати худро дар ягон давру замон гум накарда, бо оҳанги нарму ширин ва ҷаззобияташ то ба имрӯз дар ҳоли рушду нумӯ аст.

Бояд қайд кард, ки ҳеҷ гуна калима аз як забон ба таркиби луғавии забони дигар бо роҳи фишороварӣ ё маҷбурӣ ворид намегардад. Калимаю ибораҳои гуногун вобаста ба ҳамзистии намояндагони қавму миллатҳо дар минтақаҳои муайян ва ҳангоми ба амал омадани робитаҳои дӯстона, додугирифт, рафтуомад, эҳтиёҷоти ифода кардани мафҳумҳои ашёи рӯзгор мавриди истеъмол қарор мегиранд.

Таърихи ҳамаи забонҳо, аз ҷумла таърихи забони тоҷик исбот мекунад, ки таркиби луғавии забон на якбора, балки тадричан, бо мурури замон ва инкишофи ҷамъияти инсонӣ тараққӣ карда, бой

мегардад. Соҳибони забон дар такомулу тағйироти таркиби луғавӣ саҳм мегузоранд. Ин саҳмгузорӣ аз ҷониби ҳар фард дар зинаҳои гуногун ба амал меояд. Ба вижа, адибону нависандагон ҳангоми офаридани образҳо, тасвири оламу одам, инъикоси зиндагии мардум аз калимасозӣ ва неологизмҳои услубӣ истифода мебаранд. Дар натиҷа аз маҳсули эҷоди онҳо баъзе калима ва ибораҳои нав ба таркиби луғавӣ дохил мегарданд.

Боигарии луғавии забони ҳикояҳои Абдулҳамид Самад аз тафаккури бадеӣ ва баландпарвози нависанда далолат мекунад. Мантиқи мустаҳкаме дар таҳлил, тадқиқ ва ҷамъбастҳои бадеии равандҳои асосии ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеа ба мушоҳида мерасад. Сабки баёни нависанда гувоҳӣ медиҳад, ки забон, дар ҳақиқат, воқеияти фикр аст. Нависанда тамоми санъатҳои лафзӣ ва маънавиро дар мавқеъ ва мақоми худ моҳирона корбаст намудааст.

Истеъмоли фаровони вожаҳои сермаъно, мутазодҳо, синонимҳо, воҳидҳои фразеологӣ, ифодаҳои маҷозӣ ва тарзи баёни ин адиби нуктадону пухтакорро зебою дилнишин кардаанд. Дар ин рисола кӯшиш намудем таркиби луғавии забони мақолаҳо, хусусиятҳои услубии воҳидҳои лексикию фразеологӣ ва равияи хоси эҷодии забони мақолаҳои устод Айниро муайян намуда, маврди баррасӣ қарор диҳем.

2.1. Сермаъноии калимаҳо дар мақолаҳои устод Айнӣ

С. Айнӣ имкон иятҳои калимаҳои сермаъноро дар мақолаҳои солҳои 20-ум таълифнамудааш васеъ ба кор мебарад ва ин яке аз сабабҳои ғановати забон ва гуногунрангии услуби забони мақолаҳои публитсистии ӯ гардидааст.

Имконияти истифодаи сермаъноии калима барои насрнависон, ки эҷодиёташон дар чорчӯбаи вазну қофия маҳдуд нест, бештар аст [Абдуқодиров А., 1988, с. 96].

Дар системаи семантикии забон маъноҳо назар ба калимаҳо зиёданд, зеро қисми зиёди калимаҳои забон дорои бештар аз як маъно мебошанд, ки мафҳумҳои гуногуни ашё, амал, аломат ва миқдорро ифода мекунанд. Илова бар ин, дар зери маънои луғавии калима тобиш, эҳсос, муносибате маҳфуз аст, ки завқи гӯянда ва шунавандаро талаб мекунад. Ҳамин муносибати мураккаби маъноҳои воҳидҳои луғавиро баррасӣ намуда, И.В. Арнолд вобаста ба шароити мухобирот онро ба ду қисм ҷудо мекунад: “*Ба қисми аввал маълумот – маънои денотативӣ дохил мешавад, ки он мафҳумро номбар мекунад ва мувофиқи қонуни инъикос воқеияти беруназзабонӣ акс меёбад. Ба қисми дуюм ахбор дохил мешавад, ки ба шароит ва иштирокчиёни мухобирот, вобастагӣ ва бо маънои коннотативии эҳсос, муносибат, муассирӣ алоқаманд аст*” [Арнольд И. В., 1973, с. 105].

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки С. Айнӣ дар мақолаҳояш калимаҳои сермаъноро моҳирона истифода кардааст. Сермаъноии калимаҳо дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ бештар дар доираи исмҳо ба чашм расид, дар сифатҳо ва феълҳо камтар.

Чунончи, калимаи **сар** дар забони тоҷикӣ ба туфайли мавҷудияти чунин муносибатҳо маъноҳои зиёдеро касб кардааст. Дар забони мақолаҳои С. Айнӣ калимаи **сар** маъноҳои зайли ба ҳам алоқамандро ифода кардааст:

Чунончи:

Бо исми шахс: *сари шумо, сари худ, сари ҳамдигар.*

Синфи ҳокиме, ки ба **сари шумо** зулм карда истодаанд… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 57). Мо – туркистониён, низ мисли аҷзои олами ислом нахуст қаламро аз даст додем, пас аз он бо сабаби ҷаҳолат шамшери зангзадае, ки аз ниёгони худ ба мирос доштем, ба **сари ҳамдигар** шикаста, ба асорати ҳукумати мустабиддаи императории Рус афтодем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 43).

2. Бо як ҳиссаи ҷисми инсон*: сари забон:* Аммо агар ба **сари забони** нашри **матбуоти** имрӯзаи Эрон биёем, масъала ранги дигар мегирад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 99).

3. Ибтидои замону макон*, сари шом, сари замин*: Шабе, ки навбати говронӣ ба худаш мерасид, **сари шом** гови Аҳмадро оварда, дар таҳти соботи худ мебаст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 113). Дар аввали ҷеғ задани хурӯс аз хоб мехест, ҷуфти говро мебаст, омоч, поза (говоҳан) ва дандонаро гирифта ба **сари замин** мерафт (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 113).

4. Нӯг: *сари шамшер.*

Вақти зарурат чу намонад гурез,

Даст бигирад сари шамшери тез (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 132).

5. Аҳли оила: *сари хона*

«Пода» гуфта тоҷикон галаи моли сиёҳеро мегӯянд, ки аз ҳар **сари хона** як ё **дусарӣ** ғун мешаванд… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 111).

6. Оғоз, аввал, ибтидо: *сари вақт, сари кор, сари гулхан, сари ошуб, сари озодӣ, сари нав, сари миллатҳо* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 190) *сари душман* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 213) *сари роҳ* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 242), *сари чашма* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 262).

Баъд аз ин тафсилоти дилғашёнкун арз карда мешавад, ки имсол қадаре ҷиддитар ва дар **сари вақт** ба кор шуруъ кунем… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 52). Тоифаи қирғиз аз он ҷо, ки дар байни худ мардони боилми коркун доштанд, ба зудӣ ба **сари кор** омада, то ҳол хеле китоб

ҳозир намуданд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 60). Дар он таҳсири ашхосе, ки ба ваколати ҳукумати ранҷбарон дар сари кори маорифи Туркистон нишастаанд, мебинем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 50).

7. Дар таркиби ибораҳои масдарӣ: *сар кардан, сар буридан, сари пур шудани сол,умр ба сар бурдан* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 190).

Пеш аз **сар кардан**и матлаб лозим аст, ки куҷо будани диёри Шарқ ва киҳо будани аҳолии Шарқро ба бародарони тоҷики худ фаҳмонем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 75). …ин ҳаракатҳо мисли ҳаракати гӯсфанде, ки баъд аз **сар буридан** ба дасти қассоб дасту по мезанад, бенатиҷа мемонд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 79).

8. Дар таркибҳо: *сар то сар, саросар* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 205), *сари баён, сари сӣ сол* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 113), *сари мусулмонон* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 113), *сари аҳли Шарқ* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 112), *сари Умонӣ* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 120).

Аммо олами Шарқ, ки **сар то сар** аз дастгоҳҳои нав маҳрум ва ба асбобҳои ҳазрати Нуҳии худ чизҳои даркории худашро ба қадри зарурӣ ба сарфи зар ва зӯрӣ бисёр месохт, хуб бозоре буд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 79). … ба воситаи суханҳои кӯча ва бозор, бисёр масъалаҳое, ки мо имрӯз дар **сари баёни** ӯ ҳастем, шарҳ намеёбад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 97).

9. Дар таркиби калимаҳои мураккаб: *сарзамин, дусарӣ, худсарӣ, сармоя, сармоядор, саргармӣ, саргардонӣ, сарой* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 130), *сарбоз* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 108), *саркаш* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 115), *сармаҳола* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 141), *саркор* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 155), *сарнагун* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 190), *сартарош* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 203), *яксара* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 266):

Дар вақти аввали хурӯҷи амир Темур, амир Ҳусайн он **сарзамин**ро ба сари худ идора мекард… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 87). «Пода» гуфта тоҷикон галаи моли сиёҳеро мегӯянд, ки аз ҳар сари хона як ё **дусарӣ** ғун мешаванд… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 111). Акнун ки мо алифбои нави

ба асоси лотиниро қабул кардаем, ин **худсари**ҳоро роҳ нест (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 114).

10. Дар таркиби феълҳо: *сар шудан, сар задан, сар мекунем, сар фуруд наовардан:*

Ин муштариқ дар ҷилди аввали «Таърихи Бухоро ё худ Мовароуннаҳр» ном асари худ дар як ҷойи фасле, ки «Давраи пеш аз ислом» гуфта **сар мешавад**, дар бораи забони тоҷикӣ… менависад… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 103). Ним таноб заминро сераҳа карда сурма барин маин меронд, пеш аз **сар задани офтоб** дандона ва мола мекард, ки нами замин намепарид (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 113).

Калимаи дигаре, ки хусусияти сермаъноӣ дорад, **роҳ** аст. Он дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" 6 маъно ва дар "Фарҳанги тафсирӣ" 5 маънои он зикр шудааст. Вобаста ба мавқеи истеъмоли калимаи **роҳ** дар забони мақолаҳо маънoҳои гуногуни онро ба таври мисол меорем.

Фақат бо як **роҳи беадабона** ва ба як тариқи беномусона мебаранд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 81). Дар матни аввал калимаи *роҳ* ба маънои "васила, восита" [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 148], яъне кори бад, рафтори нафароне, ки бар зарари ҷамъият аст, оварда шудааст.

… рафиқ Ленин як қисми муҳимми ҳаёти қиматбаҳои худро дар **роҳи озоди**и Шарқ сарф кард (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 80). Дар матни дуюм ба маънои кори нек, ки ба манфиати ҷомеа аст, омадааст.

…кадом салтанат аст, ки танҳо дар **роҳи илм** ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф намояд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 39).

Дар матни сеюм калимаи мазкур ба маънои *марому мақсад* омадааст.

Маст ва қиморбозро дар фирқаи иштирокиюн **роҳ надод** (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 41). Дар ин матн нависанда калимаи мазкурро ба маънои одамони нохалафро ба коре иҷозат надодан ва монеа шудан кор фармудааст.

Калимаи сермаъноии ***ҳол*** дар мақолаҳои нависанда истифода гардидааст, ки дар «ФЗТ» ба 5 маъно омадааст:

То **ҳол** аз Самарқанд чӣ маблағ тазминот гирифта шуда бошад, ба ҳар кас тақрибан маълум аст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 40). Дар ин матн калимаи *ҳол* ба маъноии «*замон, ҳангом, вақт*» [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 151] оварда шудааст.

Вой бар **ҳоли** он касе, ки ба дунё зиндаасту забон надорад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 66).

Ин ҷо ба маъноии "чигунагӣ, вазъият, ҳолат; чигунагии саломатӣ ва тандурустӣ, аҳвол" [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 151].

Ин гуна сермаъноии калимаи **арз** аз назари устод Айнӣ низ дур намондааст, чунончи: Мо барои мисол як воқеаи пеш аз шаст соли ин ҳукуматро маа як қисм фоҷиаҳои охиринаш ба хонандагони гиромӣ **арз менамоем**… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 54). Чунончи, дар мақолаи гузашта **арз карда шуд** … (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 70). Амир маро ба ҳузури худ дар Ҳисор даъват кард, дар **арзи роҳ** даштеро ба хун рангин дидам (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 54).

Дар матнҳои якуму дуюм **арз** дар таркиби феълӣ бо феъли ёвари "кардан" омада, ба маъноии " *изҳор, баён*" кор фармуда шудааст, аммо дар матни сеюм *тӯли роҳ* ба маъноии сар то сари макон истифода гардидааст, ки дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" дар маъноии 11-уми он "*паҳноӣ, бар*" дарҷ гардидааст.

"*Ҷиҳати муҳимми калимаҳои сермаъно он аст, ки ба воситаи айни як калима паҳлуҳои гуногуни мафҳумҳои ашё, макон, замон, ҳодисаю воқеаҳо ифода мегарданд, ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс мекунанд ва ҳамаи он маъноҳо алоқамандӣ доранд*" [Маҷидов Ҳ. 2007, с. 46]. Ин гуна маъноҳои нав бо тобишҳои гуногун гирифтани калима бо матн алоқаи ногусастанӣ доранд. "*Барои муайян кардани чунин хусусияти калима ба монанди сермаъноӣ матн аҳамияти калон дорад: берун аз матн маъноии*

калимаро танҳо тақрибӣ муайян кардан мумкин аст” [Шанский Н. М., 972, с. 35].

Калимаи дигари сермаъно **боло** аст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 5 маънои он дарҷ гардидааст. Калимаи мазкур бо якчанд маъно дар матнҳои зерин оварда шудааст:

Баъд аз Инқилоби Уктабр ба шарафи озодии Русия, вақте ки ҳукумати Бухоро худ мухтор шуд, бозори кушокуширо кушод, на танҳо шахси амир, балки дар воҳид аз қозӣ ва ҳокимонаш дар **болои раия** як ҷаллоди хунхор шуда нишастанд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 55). Коргару деҳқони ин мамлакатҳо **ба болои худ** худ ҳоким шуданд… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 74).

Дар матни аввал «болои раия» оварда шудааст, ки барои ифодаи бесаранҷомии дар вақти инқилоби Бухоро рух дода ва куштани амиру ҳокимонаш мардуми бегуноҳро ифода мекунад. Дар ин ҷо С. Айнӣ калимаи сермаънои **боло**ро истифода кардааст. Дар матни дуюм **боло** маънои соҳибҳуқуқ шуданро ифода кардааст, яъне коргару деҳқон метавонистанд заминҳояшонро ба ихтиёрашон шудгор карда, ба ризқу рӯзии худ соҳиб гарданд, ки барои ифодаи кӯтоҳбаёнӣ устод Айнӣ **боло**ро истифода кардааст, ки ифода ҳам равон ва ҳам нишонрас баромадааст.

Бидонед, ки озодии шумо руҳи фуқарои Шарқу Ғарбро **боло** мекунад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 57).

Дар матни сеюм **боло** ба маънои «фавқият, бартарӣ, афзалият» [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 199] омадааст ва С. Айнӣ онро ба маънои маҷозӣ «руҳро боло кардан» овардааст.

...ҳар кадоми мо камаш рӯзе ду соати умри худро ба тарзе ки дар **боло** арз шуд, ба таҳсили илм сарф намоем… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 49). Дар матни чорум ба маънои «**забар, фавқ, муқобили зер**» [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 199] кор фармуда шудааст.

Калимаи сермаънои **боло** дар ду матни зерин дар шакли *дар болои ин ва болои ин ҳама* ба вазифаи пешоянди *бо вуҷудин ин, бар замми ин* омадааст.

Дар болои ин дар вақти марамат маҳрум шудани талаба аз таҳсил ва мартуб мондани иморат то охири сол сарборист (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 52). **Болои ин ҳама** номуси миллии худро дар зери фишори ин мутакаббирони фиръавнӣ поймол мебинад, … (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 80).

Дар **олами маданият** ду қувват ҳаст, ки таъмини ҳуқуқи бани башар бе воситаи ин ду мумкин нест (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 43). Дар матни аввал **олам** ба маънои «кас ё чизи бисёре» [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 911] омадааст.

Оре, **олами ислом** дар қарнҳои охирӣ ин ду қувватро тамоман аз даст дод… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 43). … муздуроне, ки имрӯз дар **олами Ғарб** ба тахти ғуломии давлатҳои сармоядор кор мекунанд, қувваи эҳтиётии аскари инқилоб ба қалам дод. Дар матнҳои дуюму сеюм ба маънои дуюми «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «*махлуқот, мардум; ҳамаи олам, тамоми дунё; ҳамаи мардум, тамоми одамон*» [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 911] кор фармуда шудааст.

Калимаи сермаънои **пеш** дар «ФЗТ» ба 3 маъно омада, дар мақолаҳои устод ба ду маъно корбаст гардидааст:

Баъд аз он ки дар мамлакат амнийт барпо шуда, зироату саноат ба **пеш рафтан** рӯ овард… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 87). Дар ин матни аввал **пеш** ба маънои муваффақият оварда шудааст. Агар заҳматкашони Русияро **пешрави лашкари** инқилоб ба шумор дод, мазлумони Шарқро ҳам аз қувваҳои асосии ин лашкар шумурд… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 80). Дар матни дуюм **пеш** ба маънои «*муқобили пас, аввал*» [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 54]-и дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» овардашуда омадааст.

Пеш аз инқилоб як нафар тоҷики фалғарӣ ё ки мастчоҳиро ёрое набуд, ки ба тоғбегии рус ҳарф занад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 74). Дар ин матнҳо ба маънои «*муқаддам, қабл, собиқ, даргузашта; аввал, огоз*» [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 54] истифода шудааст.

Инқилоби Уктабр ёрмандӣ кардан ба деҳқонони фақир, обод кардани заминҳои майита ва харобро **пешниҳоди** ҳиммати худ **кард** (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 78).

Яке аз калимаҳои сермаънои дигар **аҳд** буда, С. Айнӣ онро ба ду маъно истифода кардааст:

Он иморатҳои бузург,…ки **дар аҳди** Сомониён дар Бухоро бино ёфта буд, муассиси ҳамаи он тоҷикон буданд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 86).

Дар матни боло калимаи *аҳд* ба маънои **замон, давр** [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 100] омадааст. Ин матн аз ду ҷиҳат аҳаммияти услубӣ ва грамматикӣ дорад:

1. Мубтадои шакли ҷамъ дошта, бо хабари танҳо омадааст: *иморатҳо…бино ёфта буд*;

2. Ҷойи мубтадо тағйир ёфта, соҳиби амал таъкид гардидааст: *Тоҷикон муассиси ҳамаи он буданд – Муассиси ҳамаи он тоҷикон буданд.*

Саввум, ба Ҳукумати Шуроии Русия, ки абадан нияти ҷаҳонгирӣ надорад ва тахлиси Шарқро ба худ дастурамал қарор додааст, **аҳди дӯстӣ** барбаста, гардани Эронро аз имтиёзот ва **аҳдномаҷоти** ҳукумати собиқаи Русия халос кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 244).

Дар матни дуюм калимаи *аҳд* ба маънои *аҳду паймон, шарт, қарордод, муоҳида; ваъда* [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 100] омадааст.

Калимаи сермаънои **асар** дар мақолаҳои устод Айнӣ ба ду маъно кор фармуда шудааст:

Фақат ин талқинҳо мисли ситорае, ки дар шаби балво аз зери абри сиёҳ нимнамуд гардида, боз ғойиб мешавад, бе **асар** … мемонд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 79). Як тоҷик ё ки як эронӣ **асарҳои** Саъдӣ, Ҳофиз,

Низомӣ ва монанди инҳоро чӣ қадар фаҳмида ва дӯст дошта хонад, ҳамон қадар ҳам **асарҳои** Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ…ва дигарҳоро дӯст дошта хонда метавонад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 99).

Дар ин матнҳо калимаи **асар** дар матни аввал «*аломат, нишона; аломати боқимонда аз чизе»* [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 88] ва дар матни дуюм ба маънои *«чизи навишташуда, чизи таълифгардида, чизи эҷодкарда»* [Фозилов М., 1963, с. 88] омадааст.

Калимаи сермаънои **рӯй** дар «ФТЗТ» ба 4 маъно тафсир шудааст:

… ба сиёсати иқтисодии Ҳукумати Шурой ба андак фурсат мисли ҷаннати **рӯйи замин** як дунёи тоза барпо шуда, коргарон ва деҳқонон ба осудагӣ рӯзгор хоҳанд гузаронд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 78). Ғайр аз мамлакатҳои Фарангистон ҳама **рӯйи дунё**ро Шарқ меноманд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 74).

Дар ҳар ду матни С. Айнӣ калимаи сермаънои **рӯй** ба як маъно «*сатҳ, сафҳа, рӯя; рӯйи замин, сатҳи замин»* [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 178] омадааст.

Калимаҳои сермаънои ***садо*** ва ***овоз*** дар мақолаҳои устод Айнӣ ба ду маъно истифода гардидаанд:

а) маъруф, садои тӯпу туфанг: …ҳар кӯҷо садои тӯпе ё **овози туфанге** баланд мегардид, мутлақан ба масъалаи Шарқ дахлдор буд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 64).

б) хабари инқилоби Русия:

Олами Шарқ ба шунидани ин нидо ва **овози Инқилоби Уктабр** эҳмол накард (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 64).

Дар матни аввал бо мақсади гурез аз такрор муродифҳои садо (садои тӯп) ва овоз (овози туфанг) истифода шудаанд. Дар мисоли дуюм муродифҳои нидо ва овоз ба маънои хабар, овоза ба кор бурда шудаанд:

Дар асрҳои қадим … **овозаи** қаҳрамонӣ ва шуҷоати мо овезаи гӯши ҷаҳониён гардида буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 160).

Бояд қайд кард, ки исми «**овоза**» аз решаи «**овоз**», ки хоси амали инсон аст, сохта шудааст, на аз исми «**садо**», ки, аслан, хоси организми зинда нест.

Мазлумони Шарқ ба гуноҳи ин, ки ба саги сармоядорони ғарбӣ **тез нигоҳ** кардааст,…хунинвор ба маҳкама меафтад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 81).

Дар матни якум **тез нигоҳ кардан** ба маънои **нигоҳи тез** нигоҳи гиро, нигоҳи пуртаъсир; нигоҳи тунди хашмолуд ба касе ё чизе, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ ба чунин маъно омадааст «*одами тундмиҷоз, зудхашм; он ки зуд аз ҳолати эътидол баромада, асабӣ мешавад; тезу тунд бо касе бо хашм рафтор кардан, бо муҷодала пардохтан бо касе*» [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 349].

Бечорагони қавми тоҷик дар кӯҳистон, аз ҳар гуна неъматҳои шаҳрӣ маҳрум, ба **меҳнатҳои сахт** гирифторанд… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 67). Дар ин матн ба маънои «**кори мушкил**» (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 232) омадааст.

Ҳар як **зарбаҳои сахт** буд ба вуҷуди навзоди инқилоби Шарқ (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 159).

Дар ин матн сифати *сахт* ба маънои *шадид, бошиддат: зимистони сахт, муборизаи сахт, ҷазои сахт, ҷанги сахт, зарбаи сахт* омадааст [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 232].

Вале оташ торафт шиддат мекунад ва аҳволи империёлистҳо рӯз то рӯз **сангинтар** мегардад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 101). Вақте ки Саид Зиёуддин кори ҳукуматро ба дасти худ гирифта, кобинаи нав таъсис мекунад, ба сарватдорони моли мардумхор ва ба ҳукуматдорони хиёнаткор **тазминотҳои сангин** мегузорад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 244). **Сулҳи сангин** (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 102).

Сифати **сангин** дар ибораи «*девори сангин*» ба маънои аслии девори аз санг сохташуда, вале дар матни аввал маънои *душвор шудани кор, бад шудани аҳвол*ро ифода мекунад. Дар матнҳои дигар маънои вазнинӣ,

вазндорӣ, *вазифаи душвор гузоштан ба зиммаи касе* бо ибораи *тазминотҳои сангин* нависанда аз мардум андози гарон гирифтанро дар назар дорад.

Дар ҷумлаи «Муттафиқҳо баъд аз он ба гардани коргарони Олмон **бори сангин**ро гузоштанд» (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 102) ибораи «**бори сангин** (**гарон**)» маҷозан дар вазъияти ногувор гузошта шудани коргаронро ифода мекунад.

Дар матнҳои зерин сифати **сиёҳ** фақат ба як маъно ранги чиз, ашё кор фармуда шудааст:

Фақат ин талқинҳо мисли ситорае, ки дар шаби балво аз зери **абри сиёҳ** нимнамуд гардида, боз ғойиб мешавад бе асар … мемонд (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 79). … ҳамин буд, ки ин ҷанги панҷсолаи оламсӯз баромада Шарқу Ғарбро ба **хоки сиёҳ** ва хуни сурх яксон кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 111). Ба шарофати **нафти сиёҳ** тамоми корхонаҷот ва роҳҳои оҳани камофиссобиқ доир хоҳад шуд,…(Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 146).

Инчунин дар мақолаҳои солҳои бистуми С. Айнӣ сермаъноии феълҳо низ ба назар расид, ки аз он феъли **кушодан**ро овардем:

… ҳукумати марказии Туркистон ҷиҳати ҳозир кардани муаллим барои тоҷикон дар Тошканд як **мактаб мекушояд** (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 68).

Ҳозир дар ҳар кӯҷои шаҳр, ки ягон фурӯшгоҳ ё қаҳвахона кушода шавад, «*Мо кушода шудем»* менависанд. Устод Айнӣ ҳам ба маънои кушода шудан «**мо мактаб кушодем**» гуфтаанд на *мактаб таъсис додем*, ки ин ҳам маънои ба фаъолият оғоз карданро дорад. Аммо С. Айнӣ **мо мактаб кушодем** гуфтаанд на ин ки **мо кушода шудем**, ба ҷойи ин **тарабхонаи мо кушода шуд** гуфтан дурусттар аст.

Калимаи дигаре, ки дар мақолаҳои устод Айнӣ сермаъноиро касб кардааст, **ҳозир** мебошад, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ», аслан, ду маънои он дарҷ гардидааст «1. ҳузурдоранда, мавҷуд, муқобили ғоиб, 2.

омода, тайёр, муҳайё [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 751] ва дар «ФТЗТ» 4 маънои он дарҷ гардидааст, аммо устод Айнӣ ин калимаро ба якчанд маъно кор фармудааст:

Тоҷиконе, ки **ҳозир** дар Самарқанд ва Фарғона ранҷбарӣ мекунанд ва ба як иттифоқ дохил нестанд, …(Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 72). Ба **адибони ҳозира** ба шарти дарҷ шудани асарашон бар тақдири талаб ҳаққи таҳрир ҳам дода мешавад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 82). Дар ду матни аввал ба маънои *замон* алъон, ҳамин вақт [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 509] кор фармуда шудааст.

Агар **китоб**и табиат **ҳозир шуда бошад,** ба Маскав фиристода, аз дунбол китобҳои савдо, ҷуғрофия…-ро тартибу тарҷима кардан лозим аст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 86. …ҳукумати марказии Туркистон **ҷиҳати ҳозир кардани** муаллим барои тоҷикон дар Тошканд як мактаб мекушояд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 68).

Дар матнҳои сеюму чорум ба маънои «*омода, тайёр, муҳайё* [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 751] истифода гардидааст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба дуюм маъно дарҷ гардидааст.

Барои ин гуна курс дар Самарқанд қувваи маънавӣ **ҳозир** аст,… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 68). Дар матни сеюм ба маънои «*ҳузурдоранда, мавҷуд, муқобили гоиб*» омадааст, ки маънои якуми дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дарҷгардидаро медиҳад.

Дар матни зерин бо калимаи **дод** калимаи мураккаби **додхоҳ** сохта шудааст, ки чунин маъноро медиҳад: «1. тазаллум, адолатталабӣ, аз зулм шикоят кардан, 2. додгарӣ, адолатпарварӣ [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 384]» ва дар ин матн низ ба ҳамин маъно омадааст: Ҷазои камтарини ҳақталабӣ ва **додхоҳи**и мазлумони Шарқ тӯб, туфанг ва бӯмба аст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 81).

Дар забони тоҷикӣ бо калимаи сермаънои **дод** феълҳо низ сохта мешаванд, ки дар матни зерин С. Айнӣ чунин феъл сохтааст:

… мувофиқи ин мулоҳизот хатти ҳаракатро кашид ва **дастурамалҳо дод** (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 81). Агар заҳматкашони Русияро пешрави лашкари инқилоб **ба шумор дод**, мазлумони Шарқро ҳам аз қуввaҳои асосии ин лашкар шумурд… (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 80).

Гарчи мундариҷаи мақолаҳо бештар ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ бахшида шудаанд, С. Айнӣ дар мақолаҳои публисистиаш ҳам аз имконоти сермаъноии вожаҳои забони тоҷикӣ моҳирона истифода бурдааст. Чунон ки ишора кардем, калимаи **боло** дар мақолаҳои устод ба маънои **қаду қомат** кор фармуда нашудааст, чунки дар ин ҷо тасвир ё образи бадеӣ вуҷуд надорад.

2.2. Истифодаи синонимҳо дар мақолаҳои С. Айнӣ

Забони тоҷикӣ таркиби луғавии бой дорад. Ҳодисаи бойшавии таркиби луғавии забон ба ҳаммаъношавии воҳидҳои гуногуни забон, хусусан муродифшавии калимаҳо, вобастагии калон дорад. Маҳз ин гуна ҳаммаъношавии калимаҳо имкони дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани калимаҳо, хушоҳангу шинам, рангин ва пуртаъсир ифода кардани матлабро фароҳам меорад.

Интихобу истеъмоли калима ба ҷаҳонбинӣ, завқ ва маҳорати нависанда вобастагӣ дорад. Бинобар ин, муайян кардани хусусиятҳои ҳаммаъноӣ дар тадқиқи забон, услуб ва маҳорати нигоранда ёрии калон мерасонад.

Инчунин, фасоҳат ва балоғати сухан аз бисёр ҷиҳат ба тарзи истеъмоли калимаҳои ҳаммаъно вобаста аст. “*Синонимҳо яке аз воситаҳои муҳими пурра ва ҷозибанок тасвир намудани предмет ва ҳодисаву воқеаҳои гуногун мебошанд. Онҳо воситаи бой намудани таркиби луғавӣ, дилчаспу мухтасарбаёнӣ ва ба тарзи беҳтарин ифода намудани фикр мебошанд*” [Муҳаммадиев М., 1962, с. 17].

Эҷодкор ҳангоми баёни матлаб аз миёни калимаву ифодаҳои бешумори таркиби луғавии забон бояд ҳамон вожаро интихоб намояд, ки ҳам саҳеҳу пурмаъно ва хушоҳангу шинам бошад, ҳам нияти эҷодии ӯро ба хубӣ ифода кунад. Дарвоқеъ, истифодаи калима ва ифодаҳои шаклан гуногуни мазмунан ба ҳам наздик дар эҷодиёти нависандагон аҳамияти махсус дошта, дар муайян намудани маҳорати забондонии нависанда аз омилҳои муҳим ба шумор меравад [Ҳошимов С., 1971, с. 19].

Дар илми забоншиносӣ мавзуи муродифот дар сатҳи лексикология, фразеология ва грамматика баррасӣ шавад ҳам, он аз масъалаи марказии услубшиносӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, услуб ва тарзи нигориши ҳар эҷодкор бо синонимҳо ва хусусияти синонимии калимаҳо алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар ин маврид забоншинос М. Муҳаммадиев чунин

қайд намудааст: “*Масъалаи синонимҳоро ба назар нагирифта, дар бораи услуби суханронӣ, воситаҳои забон, умуман, ифодаи фикр сухан рондан имконнопазир аст. Вазифаи услуб интихоби калима, дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани он ва ба ин васила дуруст ифода кардани фикр мебошад*” [Муҳаммадиев М., 1969, с. 14].

Осори Садриддин Айнӣ аз қабили ҳамон гуна эҷодиётест, ки метавонад намунаи забони равони тоҷикӣ бошад. Қариб дар тамоми офаридаҳои устод Айнӣ нозукадоии ӯро дар истифодаи воҳидҳои забон, аз ҷумла, муродифоти луғавӣ, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин бобат забоншиноси варзида Б. Камолиддинов мегӯяд: *««Нозукадо» сифати устоди каломи фасеҳ ва «нозукадоӣ» рукни фасоҳати калом аст. Ба таъбири дигар, «нозукадоӣ» як навъ зуҳуроти камолоти маҳорати суханварӣ ва сухангустарист. Ин мавзуъ ба масъалаи муродифоти луғавӣ, тафовути тобишҳои маъно ва хусусияти услубии калимаҳои ҳаммаъно, ба тарзи интихобу мавқеи истифодаи онҳо сахт марбут аст. Бинобар ин дар матни асари бадеӣ танҳо ба сабаби майли гурез аз такрори бемавқеъ сурат намегирад*» [Камолиддинов Б., 2005, с. 31].

Устод Айнӣ дар забони мақолаҳояш муродифоти воҳидҳои луғавиро самаранок ба кор мебарад. Барои саҳеҳ, воқеӣ ва нишонрас ифода кардани фикр аз муродифот фаровон истифода намудааст, ки ин ба хонанда имкон медиҳад, ки аз моҳияти масъалаи матраҳшаванда огоҳии комил пайдо кунад.

Синоними исмҳои макон номи макони барои ҳамаи мавҷудот ягона – сайёрае мебошад, ки маскани ҳаёт – зиндагонӣ гардидааст.

Ҷаҳон – дунё, олам, даҳр, коинот, гетӣ. Калимаҳои ***коинот ва фалак*** бо калимаҳои дигар ҳамеша муродифшуда наметавонанд, зеро ба маънои асосии худ ***уфуқ, фазо, осмон*** барин синонимҳо доранд. Ба калимаҳои боло баъзан муродифшуда меоянд.

Ин калимаҳо аз рӯйи маънои семантикиашон як мафҳумро ифода мекунанд, аммо тарз ва мавқеъҳои махсуси истеъмол доранд. Дар забони

адабии имрӯзаи тоҷикӣ калимаи ***ҷаҳон*** нисбат ба синонимҳои худ серистеъмол мебошад. Калимаҳои ***олам ва дунё*** ҳам дар истеъмоланд, аммо истеъмоли калимаҳои ***даҳр, гетӣ*** то андозае маҳдуд гардидааст. Ин калимаҳо баъзан дар забони адабии китобатӣ, бештар дар назм, ба кор бурда мешаванд.

Калимаи **олам** сермаъно аст: *олами наботот, ҳайвонот, олами ҳаёт* [Муҳаммадиев М., 1962, с. 90].

Дар матни зерин С. Айнӣ муродифоти **дунё** (69), **ҷаҳон** (51), **диёр** (16), **олам** (73), **рӯйи замин** (3м)-ро истифода кардааст, ки аз ин силсилаи синонимӣ ***ҷаҳон*** сарсилсила буда, дар мақолаҳои нависанда аз ҷиҳати истеъмол дар ҷойи дуюм меистад, ҳангоми шумурдан 51 маротибаро ташкил дод. Аз ҳама калимаи серистеъмол калимаи **олам** аст, ки дар мақолаҳои солҳои 20-уми устод Айнӣ 69 маротиба истифода гардидааст:

...мақсади Асокири Сурх ҷони худро фидо карда, хунрезони **дунё**ро ва онҳоеро, ки ба хунрезӣ сабаб мешаванд, аз **ҷаҳон** берун карда, дар **рӯйи замин** сулҳу мусоламатро барқарор кардан аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 129). ...ин бор **олам**и исломӣ ва **диёр**и Шарқ аз асорати чандинсола абадӣ халос хоҳад шуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 190).

Ҳамчунин муаллиф барои саҳеҳ ва мувофиқи мақсад ифода кардани фикр аз занҷири серҳалқаи **ҷанг** (58м), **муҳориба** (22м), **ғавғо** (6м), **шуриш** (9м), **ошӯб** (3м), **иғтишош** (1м), **муҷодилот** (1м) **мубориза** (23м) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 197), **ҳарб** (16м) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 129), **ҷидол** (4м) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 116), **иғво** (4м), **пархош** (3м) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 128), **исён** (3м) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 197), **низоъ** (2м) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 122), **пайкор** (2м) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 239), истифода кардааст. Ҳамаи ин муродифотеро, ки интихоб намудааст, аз ҷиҳати ифодаи тобишҳои маъно, эҳсосот ва мавқеи истеъмол дуруст аст. Ин силсилаи муродифот калимаҳои наздикмаъноро дар бар гирифтааст. Дигар муродифоти ин силсила низ шумурда шудаанд, ки онҳоро дар дохили қавсайн ишора кардем. Ҳамаи ин муродифот муътадилмаъноянд,

гарчи маънои барои ҷомеа номатлуб доранд. Онҳо ҳиссиёти гӯяндаро дар мавриди нооромии ҷомеа ифода менамояд:

Дар Ҳиндустон ба шаҳри Мадрас **ошӯб**и бузурге воқеъ шудааст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 147). Чунончи, дар соли 1916 бо вуҷуди **шуриш** ва **иғтишош**и мо, ҷавонони моро дар паси майдони **ҷанг** ба хандақҳои пур аз барф бурда, муфт ба куштан дод (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 161). Диёри иҷтимоии мо баъд аз **муҳориба**и хунини сесолаи инқилобӣ ...ниҳоят начот ёфта, ба соҳил саломат баромад, лекин дар натиҷаи **муҷодилот**и дохилӣ ва **муҳорибот**и ҷаҳонгирӣ пайкари иқтисодии ватанамон аз ҳам пошид (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 241). Ба ҳамин васоит моро саргарми расвоӣ ва фаҳшиёт, саргардони **ғавғо** ва муҳмалот намуда, худ ба осудагии тамом пайи торочи буду нобуди мо афтод (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 161).

Синоними исмҳои дигар номи *қадр ва мақом* мебошанд. Масалан, калимаҳои ***обрӯ, эътибор, нуфуз, ирз, номус, иззат, шараф,*** барои ҳамаи калимаҳо маънои умумии имтиёзнок будан, дар байни аъзоёни ҷамъият мавқеи бартар доштан муродифшуда омадаанд.

Устод Айнӣ аз доираи силсилаи муродифоти мазкур **обрӯй (3) // иззат (5), ирз (5) номус (19) // шараф** (9)-ро дар матнҳои мақолаҳо корбаст намудааст, ки хоси забони адабӣ-китобӣ (*обрӯй, иззат, шараф*) ва гуфтугӯйӣ (*номус*) буда, аз ҳама калимаи серистеъмоли ин силсила **номус** мебошад, ки 19 маротиба истифода гардидааст. Дар ҷойи дуюм **шараф** меистад, ки 9 маротиба истифода гардида, **иззат** 5 маротиба ва аз ҳама кам **обрӯй** 3 бор ба чашм расид:

Инчунин эшон ягон амри шариатро,...риоя накарда, ... **ирзу номуси** фуқароро помол... менамоянд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 259). Агар мо **шараф** хоҳем, агар мо **номус** хоҳем, агар мо **иззату обрӯй** хоҳем, ба иборати кӯтоҳ – агар мо ҳаёт хоҳем, бояд фурсат нагузаронда, чанг ба домони сайфу қалам занем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 155).

Аҳд (19), аср (5), қарн (2). Ин калимаҳо маънои умумии номи вақт доранд. Дар забони адабии имрӯзаи тоҷик калимаи *аср* нисбат ба *қарн* серистеъмол аст. Калимаи *қарн* дар истеъмол хеле маҳдуд гардидааст. Калимаи *аҳд* хусусияти сермаъноӣ дорад. Вай маънои вақт ва замон (*дар аҳди фалон, аҳди гузашта…)* дорад. Аммо ин калима ба маънои дигари худ (уҳдадорӣ ва қавлу қарор) бо «*паймон*», «*ваъда*» ва калимаи *қавл* муродифшуда меояд [Муҳаммадиев М., 1962, с. 148].

Он иморатҳои бузург, …ки дар **аҳди** Сомониён дар Бухоро бино ёфта буд, муассиси ҳамаи он тоҷикон буданд [Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б., 1995, с. 86]. Имрӯз рӯзест, ки дари озодӣ ва мусовот бар рӯйи бани навъи одам, ки **қарнҳо** боз дар зери ҷабр, тағаллуб, тааддӣ ва таҳаккум умр ба сар мебурданд, кушода гардида (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 190). Эрон ...дар ҳамин **асри ҳозира** ...кам қаҳрамон ва фидокор нарасонидааст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 120).

Чунон ки муҳаққиқ М. Муҳаммадиев қайд кардааст “*аҳд, паймон, қавл, ваъда*, ин калимаҳо ба маънои умумикунандаи *ба иҷрои вазифае ба зиммаи худ уҳдадорӣ гирифтан* муродифшудаанд. Калимаҳои мазкур фарқи маъноии зиёде надоранд. Калимаи **қавл** баъзан тобиши маъноӣ зоҳир намуда, бо калимаҳои *сухан* (ба қавли (гуфтаи) фалонӣ) муродифмешавад. Аммо бештар дар маънои ваъдаи ба иҷрои вазифае додашуда меояд: **Ваъда** додӣ, вафо кун, **Қавл** додӣ, иҷро кун (Зарбулмасал).

Калимаи *паймон* бештар бо калимаи *аҳд* дар таркиби ҷуфти муродифӣ меояд: *аҳду паймон*. Дар чунин ҳолат калимаи *паймон* ба вазифаи таъкид ва аниқ намудани маънои муродифи худ оварда мешавад [Муҳаммадиев М., 1962, с. 152].

С. Айнӣ низ ин калимаро ба маънои *аср, қарн* ва ҳам ба маънои *қавл, аҳду паймон* истифода кардааст ва дар маҷмуъ 19 бор такрор гардидааст, аммо *паймон 1* бор ва *қавл 2* маротиба истифода гардидааст:

Ҳукумати тозаи Эрон такрибан пеш аз ин як моҳ дар таҳти раёсати мусташорулмулк як ҳайати сафорат ба Маскав фиристода, **аҳду паймони** худро бо ранҷбарони Русия мустаҳкам кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 217).

Дар як маврид калимаи **қавл** чун муродифи *сухан* истифода шудааст: Имрӯз Шарқ на он Шарқ аст, ки дар ҳашамату салтанати зоҳирии ин оқоён фирефта шуда, **қавли** эшонро **қавл** ва суханашонро рост бовар карда бо эшон аҳднома баста буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 225).

Калимаҳои *инсон ва одам* бо тобиши маънои *башар* муносибати ҳаммаъноӣ пайдо кардаанд, аммо онҳоро на ҳамеша ба ҷойи ҳамдигар истифода кардан мумкин аст, зеро вожаи *одам* инчунин ба маънои хидматгор низ меояд, ки чунин тобиши маъно дар калимаи *инсон* нест.

Одам (19) бо *инсон* (9), *инсоният* (12) бо *одамият* (12), ҳар ду бо ибораҳои *бани башар* (4), *фарзанди одам* (6), *бани навъи инсон* (9), *бани навъатон* (4) чун муродифҳои баробармаъно ба кор рафтаанд:

... ин бор... маслаки сусиёлизмӣ ва **инсоний**тпарварӣ дар миёни **бани башар** ҳукмрон хоҳад гардид... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 160). Дар асрҳои қадим мо – туркистониён, дар рӯйи олам аз **бани навъи одам** ба сифати аскарӣ имтиёз доштем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 160).

Тарс (1), **бим** (5), **ҷубн** (1):

Гурӯҳи дигари синонимҳои исмҳои маъниро, ки ҳолати рӯҳии шахсро ифода намуда, нисбат ба муҳит муносибати шахсро мефаҳмонанд, С. Айнӣ дар мақолаҳояш хеле моҳирона ба кор бурдааст. Масалан, калимаҳои ***тарс, бим, ҷубн*** аз ҳамин қабиланд. Ин калимаҳо ба маънои умумии аз касе ё чизе нисбат ба худ *хавф, тарс* ва *бим* ҳис кардан муродифшудаанд.

Калимаи ***тарс*** нисбат ба дигар синонимҳои худ маънои васеътар дорад ва серистеъмолтар аст. Калимаҳои мазкур аз ҷиҳати услуб ва андозаи истеъмол баробар нестанд. *Бим* дар забони адабии китобӣ истифода мешавад, аммо *ҷубн*, ки аз забони арабӣ ба забони мо ворид

гардидааст, ниҳоят камистеъмол аст ва С. Айнӣ онро бо мақсади такрор наёфтани калимаи *тарс* як маротиба истифода кардааст:

Зеро муносибати Русия ба Туркистон ба ҷаҳонгирии Англис **бим**и бузург аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 133). ... сифати аскарии амир Темур ва нӯкаронашро дар назар оварда, ба **ҷубн** ва **тарси** ҳозира муқоиса карда шавад... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 135).

Калимаҳои ***дил ва қалб*** дар маънӣ баробаранд, аммо аз ҷиҳати обуранги услубӣ ва дараҷаи истеъмол фарқ мекунанд.

«Қалб» калимаи арабӣ буда, дар забони гуфтугӯйии имрӯзаамон серистеъмол нест, аҳёнан дар забони адабии китобатӣ ба кор бурда мешавад. Вале калимаи **дил** чи дар забони адабии китобатӣ, чи дар забони гуфтугӯйӣ хеле серистеъмол ва дар калимасозӣ сермаҳсул аст. С. Айнӣ калимаи *димоғ*ро низ ба *дилу қалб* ҳаммаъно овардааст. Дараҷаи истеъмоли ин синонимҳо дар мақолаҳои нависанда чунин аст:

Дил 13 маротиба, **қалб** 7 маротиба ва **димоғ** 1 маротиба:

Доираи маъноии муродифҳои *дил* ва *қалб* васеъ буда, бештар дар таркиби ибораю ҷумлаҳо ба маънои ғайриаслиаш – узви бадани ҷонзод ба кор бурда мешавад, аз ҷумла, дар матнҳои зайл:

... аҳли Шарқро лозим аст, ки ... бар ҳаёти озодонаи оянда **дил** қавӣ доранд, агар дар байни худашон касе ёфт шавад, ки ба сиёсати сарватдорони Фарангистон майдони **қалб** дошта бошад, ӯро аз ин роҳи хато баргардонад ... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 119).

Ҷолиб аст, ки дар як маврид калимаи **димоғ** дар таркиби “ба *димоғи кас гунҷидан* (нағунҷидан)” чун варианти луғавии “**ба дили касе ғунҷидан** (нағунҷидан)” истифода шудааст:

... ҳол он ки имрӯз масдари кори бисёре шуд, ки пеш аз ин се сол тасаввури ҳеҷ як ин корҳо дар **димоғи** ҳеҷ як аз уқалои дунё намеғунҷид (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 191).

Калимаи **фикр** ва таркиби **фикр кардан** (*тааммул ва андеша кардан, ғами касеро хӯрдан)* [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 432] сарсилсилаи исмҳои ҳаммаънои *фикр, андеша, мулоҳиза, тааммул* (инчунин феъли

фикр кардан дар силсилаи *фикр кардан, андешидан, андеша кардан, мулоҳиза кардан, андеша кардан*) буда, аз ҷиҳати тобишҳои маъно, дараҷаи истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар ифодаи маънои умумии ҷараёни тафаккур бо **андеша** ва **мулоҳиза** (**андешидан**, **андеша кардан** ва **мулоҳиза кардан)** муродиф мешавад. Аммо калимаи **андеша** (**андешидан**, **андеша кардан**) фикри тадбирҷӯёна, ҳавлангез ва истиробомез буда, маънои рӯйихотир кардан низ дорад. Ин маъно дар муродифҳои дигар нест. **Андеша** (**андешидан, андеша кардан**) ҳам тобиши таҳаммули нуктасанҷона дорад, вале он маънӣ, чунон ки аз **мулоҳиза** (**мулоҳиза кардан)** падид меояд, дар **андеша** (**андеша кардан**) возеҳ ифода намеёбад. Баръакс дар ин калима тобиши тарсу бим равшан зоҳир мегардад [Камолиддинов Б., 1989, с. 77 – 78].

Акнун шумо ***мулоҳаза фармоед,*** подшоҳзодаи як мулк, ки фирорӣ шуда, ба сояи подшоҳе меояд, оё ба вай ҳамин гуна муомала мекунанд? (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 54). Аз он ҷо ки то ҳол дар ин бора ягон хабари расмӣ дар авроқи матбуот ба назар надаромад, афкори умумияи Туркистон хеле дар **андеша** буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 214). Аввалан, бояд мо **фикр намоем**, ки ҳукумат ин ҳама кӯшишро барои чӣ ва баҳри кӣ мекунад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 263).

Гурӯҳи синонимҳои сифат маънои умумикунандаи акси ифлосӣ, чиркинӣ ва гарду ғуборнокӣ доранд. Ин гуна калимаҳо предметро аз ҷиҳати сифати мусбати он мефаҳмонанд. Масалан, калимаҳои синонимии ***тоза // пок, покиза***, ***нав // ҷадид,*** ки ба воситаи калимаи **тоза** ва **нав** ба як силсилаи гуногуни муродифҳо гирд меоянд, ҳамин гуна хусусият доранд.

Аз ин силсилаи синонимҳо калимаи *тоза* аз ҷиҳати маъно нисбат ба синонимҳои дигар васеъ ва пурратар аст. Ин калима бо тобишҳои иловагии маъноии худ бо калимаҳои зиёде хусусияти синонимӣ пайдо карда метавонад.

Калимаи **тоза**ро ҳамчун калимаи сарсилсилаи ҳамин гурӯҳ нисбат ба предметҳои ғайримоеъ истифода мебаранд. Масалан, ҳавои ***тоза,*** ҳавои ***соф*** гуфтан дуруст аст, аммо ҳавои **пок (9), покиза (5), нав**, **ҷадид** (1) гуфтан намешавад. Аз ин силсилаҳои синонимӣ устод Айнӣ бештар калимаҳои **тоза** ва **нав**ро истифода кардааст: *тоза* ва *нав* 20 маротибагӣ истифода гардидаанд.

Аз ифодаи мудири китобхона маълум мегардад, ки аксари мутолаакунандагон аз матбуот ва адабиёти **ҷадида** истифода мебаранд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 201). Ба ҳамин тарз сарват аз миёни мо рафта, оилаҳо парешон шуда, оилаи **тоза** аз сари **нав** барпо карда натавониста, нуфузи мо рӯз ба рӯз кам шуда, рӯ ба харобӣ оварда будем.

Дар матнҳои зерин сифатҳои *соф, покиза* ва *пок* ба маънои аз унсурҳои бадкирдор орӣ гардидани ҷомеа ба кор бурда шудааст:

Чун то ҳол ба азму иродаи инқилобкоронаи маъмурони Ҳукумати Шуроӣ Самарқанд чанд бор аз дуздон **соф** (ӣ) ва **покиза** гардид (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 262). Ҳамоно дар зарфи ин ду соли охирӣ фирқаи демократии Эрон аз ашхоси соҳибғараз тамоман **пок** гардид ... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 243).

Маълум мешавад, ки дар мақолаҳои солҳои бистуми С. Айнӣ сифатҳои аслии *тоза, пок* ва *покиза* дар таркибҳои феъли *тоза* ё *пок* шудан омада, аз ифодаи аломати ашё канор рафта, маънои иҷтимоӣ касб намудаанд.

Синоними сифатҳои аслӣ аломати предметро аз ҷиҳати ҳаҷм, андоза ва ё фузунии ашё мефаҳмонад. Масалан, муродифҳои **калон, бузург, азим, аъзам, кабир** аз ҳамин қабил синонимҳо мебошанд.

Муродифоти ***калон*** сарсилсилаи муродифҳои *бузург, азим, пурқудрат, кабир, муҳташам* аст. Вожаҳои *калон* ва *бузург* тоҷикӣ буда, *бузург* ҳамчун сифат муқобили хурд маъноҳои *паҳновар, васеъ, фарох*ро ҳам ифода мекунад. Ҳамчун исм ба шахси калонсол, умрдида; нахустин; соҳибэътибор, муҳтарам, соҳибфазилат; калоншаванда, роҳбар, сардор, олимақом далолат менамояд [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с.

243]. Калимаи *калон* ҳамчун сифат ҳаҷман ва миқдоран бузург, азим, ҳамчун исм шахси ба балоғат расида, ба воя расида, калонсол, солхӯрдаро ифода мекунад. Дар гуфтугӯ ба маънои сардор ва мансабдор (бештар дар шумораи ҷамъ) меояд. Аз рӯйи вазифа, рутба ва унвон нисбат ба дигарон мақоми болотарро мефаҳмонад: *лейтенанти калон, муаллими калон, муҳандиси калон, ходими калони илмӣ* ва амсоли ин [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 583]. Калимаи *калон* бо ҷилоҳои нозуки маъно аз калимаи *бузург* тафовут дорад, аз ин рӯ онҳоро муродифоти ҳамсанг номидан мумкин нест. Ҳангоми шумурдани миқдори синонимҳои мазкур дар мақолаҳои нависанда аз ҳама муродифи серистеъмоли ин гурӯҳ *бузург* 87 маротиба истифода гардида, *калон* ҳамагӣ 8 бор такрор шудааст, дар ин гурӯҳи синонимҳо *аъзам* низ ба чашм расид, ки танҳо ду маротиба кор фармуда шудааст:

Телғирофе, ки 14 феврол аз Ҳелсинфурс додашуда маълум мекунад, ки садри **аъзам**и Литво ба сулҳ кардан бо Ҳукумати Шуроӣ ҳозир аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 142). Оё дар Туркистон мисли Русия тавонгарони **бузург** ва амалдорони **калон** мавҷуд буданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 126).

Сифати *кабир* ва *бузург* минбаъд дар таркиби номҳои воқеаҳои таърихӣ мақоми устувор касб намуд: *Револютсияи Кабири Октябр, Ҷанги Бузурги Ватанӣ.*

Манзил (3), хона (10), сарой (6), кошона (1), хобгоҳ (1):

Синонимҳои ***кулба (хона), лона, хобгоҳ*** маънои конкрет доранд. Ин калимаҳо бо тобиши маъно фарқ мекунанд. Калимаи ***кулба*** макони зиндагонии одам, калимаи *лона* ҳам маънои макони зисти парранда аст. Калимаи ***хобгоҳ*** маънои макони умумии зиндагонии муваққатии одамонро дорад. Калимаҳои дигар дар матн бо калимаҳои боло хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо мекунанд: макони (мавзеи, ҷойи, манзили) *истиқомат*. Калимаҳои мазкур дар алоҳидагӣ маънои умумии *ҷой* доранд. Аммо ҳамаи ин калимаҳо бо маънои умумии зикршуда ба

воситаи калимаи бошишгоҳ ба як силсилаи синонимии калимаҳо гирд меоянд [Муҳаммадиев М., 1962, с. 88].

… Ҳукумати Шурой хондани тамоми атфолро маҷбурӣ кард, мактаб ва асбоби дарсро аз хазина дод, барои атфоли бепарастор **хонаву манзилу хобгоҳ** таъйин карда, ба сари эшон парасторони меҳрубонтар аз модарро гузошт (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 219). Боғ, замин, **сарой ва хонаҳоямон** бисёрӣ ба бонкҳои рус гарав ё ба судхӯрҳои худамон ба «байъи ҷоизи шаръӣ» фурӯш шуда буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 106); Ононе, ки надоштанд, **хона**и худро, колои худро фурӯхта, сарфи ҳавасот мекардаанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 106).

Урду (12), қӯшун (24), лашкар (2), сарбозон (1), сипоҳиён (1), аскарӣ (9), афсарон (3):

Дар силсилаи муродифҳои **армия, қӯшун, лашкар, сипоҳ, саф**, қувваҳои мусаллаҳ, урду. Калимаи **армия** нисбат ба синонимҳои худ аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол бартарӣ ва хусусияти истилоҳӣ дорад. Вай дар матн калимаҳои дигарро ба осонӣ иваз карда метавонад. Калимаҳои дигар нисбатан камистеъмоланд. Ҷиҳати умумикунандаи ин калимаҳо мафҳуми миқдори муайяни қувваҳои мусаллаҳи мамлакат будани онҳо мебошад. Бо ҳамин маъно исми ҷомеи шахс сохтаанд. Калимаҳои дигар дар забон камистеъмол гардидаанд.

Чунончи, муҷоҳиди машҳур Кучакхон, ки солҳои дароз боз дар муқобили ҷаҳонгирони дунё – Англис ва ҳукумати собиқаи рус ҷиҳод мекард, … **қӯшуни** англисро низ ба гурез водор намудааст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 139). Таълимдиҳандагони **лашкари Бухоро** ҳамон **афсарон**и фавҷи сафед ҳастанд, ки ба он ҷо паноҳанда мебошанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 168).

Муродифоти *аскар, сарбоз, сипоҳ* низ дар забони мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ мавқеи муайян дорад: Зеро агар аскари Она-тӯлӣ дорои қувваи бузурге намебуд, сабаби табдили вузаро…шуда наметавонист (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 132].

Сипоҳӣ хоси воқеаҳои таърихии гузашта буда, дар мақолаҳои С. Айнӣ кам дучор омад. Дар матн ба ҷойи *сипоҳиёни ҳинд, аскарони ҳинд* гуфтан раво нест.

Аз дасти ин урду чӣ кор хоҳад омад [Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 132]. Лекин мо ҳанӯз… фарзандонамон оқибат **сарбоз** мешаванд, ба хаёлоти бемаънӣ ва ба гуфторҳои беасос машғулем [Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 108]. **Сипоҳиён**и ҳинд, ки бо фармони Англис дар Истанбул буданд, дар муқобили Англис қиём ва ихтилол карданд … [Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 132].

Нависанда панҷ калимаи ҳаммаъно – **бемор, заиф, ранҷур, алил, камқувват,** ки як маънои умумӣ – *касалманд, бемор*ро доранд, пайиҳам оварда, сохти нави ҳукуматдорӣ ва таълими ҳарбии сохти навро бо сохти ҳукумати подшоҳӣ, ки ҷавонони ватанро бо зарби зӯру заҷр ба хизмати ҳарбӣ ҷалб мекарданд ва оқибат ба касалии сил гирифтор мегардиданд, пешниҳод мекунад. Ҳамаи калимаҳои истифодашуда тоҷикианд. Аз ин калимаҳо *бемор* ва *камқувват* умумиистеъмол буда, *заиф, ранҷур, алил* бештар дар забони адабии китобӣ кор фармуда мешаванд. С. Айнӣ силсилаи калимаҳои ҳаммаъноро барои дақиқ ифода кардани вазъияти баамаломада пайиҳам меорад:

Боқимонда **заиф, ранҷур, алил** ва **камқувват** шуда, умри худро ба беморӣ ё зиндагие, ки кам аз беморӣ нест, мегузаронанд [Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 240] .

Дар шарҳи силсилаи муродифҳои *байроқ, алам, дурафш [диравш], ялав, ливо* мегӯяд: «Калимаи *диравш (дурафш)* аввал чун синоними калимаи *ливо* серистеъмол будааст, баъдтар калимаи *ли*во ба худ синоними нав (*алам*) пайдо кард ва ҳар ду калима ба маънои синонимии худ асрҳои зиёд ба кор бурда мешуданд, истеъмоли калимаи *дирафш* ба маънои материалии худ... маҳдуд шудан гирифт. Дар солҳои охир ба калимаҳои *ливо, алам, дирафш* синоними нав (*ялав)* пайдо шуд, вале … ба дараҷаи қабули умум нарасидааст. Бо мурури замон калимаи туркии

байрақ (байроқ) пайдо шуда, ҷойи муродифҳои мазкурро гирифт. Дар натиҷа истеъмоли ин калима зиёд шуда, дараҷаи истеъмоли муродифҳои дигар маҳдуд гардиданд:

Туркон умуман дар зери **байрақ**и Мустафопошо ҷамъ мешаванд [Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 131]. Маълум аст, ки дар натиҷаи ҳарби оламсӯзи умумӣ коргарон ва аскарони Русия ба ҷон омада, **алами** инқилобро бардошта, ҳукумати императории Русияро зеру забар карданд [Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 129].

Калимаи ***байрақ*** дар забони мақолаҳо 11 маротиба такрор шуда бошад, ***алам*** дар матни боло як маротиба ба кор рафтааст.

Дар давраи муосири инкишофи забони тоҷикӣ доираи истеъмоли калимаи *байрақ* низ танг гардида, ҷойи онро калимаи *парчам* гирифта, рӯз ба рӯз серистеъмол шуда истодааст.

Турма (1), маҳбас (1):

Турма ҳаммаънои калимаҳои *бандихона, ҳабсхона* буда, бо тобиши маънои ҷойи нигаҳдории маҳбусон бо калимаи *маҳбас,* ки ба маъноҳои 1. **боздоштан, дастгир кардан; 2. дастгирӣ, тавқиф; дар зиндон будан** [Фарҳанги забони тоҷикӣ, 1969, с. 474] кор фармуда мешавад, муносибати муродифӣ пайдо кардааст.

Дар «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ»-и М. Муҳаммадиев силсилаи калимаҳои *ҳабсхона, маҳбас, бандихона, зиндон* зикр гардидааанд, ки аз инҳо *ҳабсхона* сарсилсила буда, *маҳбас* ва *бандихона* доираи истеъмоли маҳдуд доранд [Муҳаммадиев М., 1962, с. 261]. Аммо С. Айнӣ бо таъсири забони русӣ калимаи иқтибосии *турма*ро бо *маҳбас* дар як ҷо кор фармудааст:

Пас аз ин ҳукумати мустабидаи Рус ба чӣ асбоб ин ҷоро тасарруф кард ва мадрасаеро, ки алъон ман дар замини ӯ нишастаам, **турма** ва **маҳбас** намуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 152).

Дар силсилаи муродифҳои **амр (2), ҳукм (15)** калимаи *амр* бештар дар забони адабӣ, *фармон* ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ корбаст

мегардад. *Ҳукм* обуранги услубии коргузории расмӣ дорад ва ҳангоми ба ҷинояткор эълон намудани ҷазо кор фармуда мешавад.

Ин калимаҳо аз ҷиҳати тобиши маъноӣ, обуранги услубӣ, мавқеи истеъмол аз ҳамдигар тафовут доранд. *Амр* калимаи арабӣ буда, ба маъноҳои 1. ҳукм, фармон, дастур, фармоиш; 2. кор, ҳодиса истифода мешавад. Дар таркиби ибораҳо маъноҳои мухталифро ифода мекунад. Масалан: амри маҳол – кори басе душвор, амри хайр – кори нағз, тӯй, амру наҳй (динӣ) – фармонҳо ва қонуну қоидаҳои динӣ, амри маъруф – таблиғи корҳои нек дар шариат [Фозилов М., 1964, с. 61). Чунин доираи маъноҳоро калимаҳои дигари ин силсила фаро гирифта наметавонанд, зеро ҳар яки он маъноҳои муайянеро дорост.

Фармон калимаи тоҷикист ва *амр*, ҳукмеро дар назар дорад, ки аз тарафи идораи олӣ ё шахси воломақоме содир мешавад [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 388]. *Ҳукм* вожаи арабӣ буда, маъноҳояш: 1. амр, фармон, фармоиш; 2. қарор, қарори маҳкама, органҳои судӣ; 3. қоида, қонун, чизи ба сифати қоида ва қонун фармуда [Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008, с. 287] мебошад. Ҳукм, фармон ва амр дар китоби “Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик” чунин шарҳ ёфтаанд: маънои умумикунандаи ин калимаҳо аз тарафи касе ё ташкилоте ба одамон ва ё шахси алоҳида супорида шудани коре мебошад. Дар забони адабии имрӯзаи тоҷик ҳамаи калимаҳо зиндаанд.

Калимаи *ҳукм* аз ҷиҳати маъно шакли ҷиддитари фармон ва супориш мебошад. Ҳадди синонимшавии калимаҳои амр ва хусусан супориш бо калимаи *ҳукм* шартӣ буда, ҳамеша нигоҳ дошта намешавад. «Фармон» нисбат ба супориш маънои ҳатмӣ ва қатъӣ дорад. Масалан, супориши хонагӣ дуруст аст, аммо амри (ҳукм, фармони) хонагӣ гуфтан нодуруст мешавад. Хусусиятҳои синонимии калимаҳои *ҳукм, фармон, амр* нисбат ба хусусияти сининимии байни калимаҳои мазкур ва «супориш» наздиктар аст.

Калимаҳои гурӯҳи аввал низ ҳамеша якдигарро иваз карда наметавонанд (Масалан, ҳукми суд, на фармони суд ё фармони комитети

иҷроия, на амри комитети иҷроия), аммо дар иҷрояшон як ҳатмият ва масъулияти умумӣ ҳис карда мешавад [Муҳаммадиев М., 1962, 141].

Агар аҳёнан **амр**и амир, ё **ҳукм**и қозӣ ва қушбегӣ барои атрофи вилоят ба воситаи коғаз содир гардад, нусхаи (копияи) он **амр** ва **ҳукм** ба ҷое китобат намеёфт (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 204). Асоси **ҳукмҳо аҳком**и ҳукумат аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 205).

Асбоб (21), олот (10), силоҳ (3), аслиҳа (1), ярақ (3), адавот (2):

Асбоб, анҷом, ашё – ин калимаҳо маънои умумикунандаи номи лавозимоти рузгор – асбобу анҷоми зиндагӣ доранд.

Калимаи *асбоб* маънои васеъ дорад, бо калимаҳои *анҷом* ва *ашё* танҳо ба маънои чизу чораи зиндагонӣ муродифшуда меояд. Масалан, асбоби (анҷоми, ашёи) хона; асбоби (анҷоми, ашёи) хоҷагии қишлоқ. Дар ин ҳолат хусусияти синонимии калимаҳо нигоҳ дошта мешавад.

Аммо агар *асбоб* бо маънои *“аслиҳа”, “афзол”* кор фармуда шавад, бо калимаи *ашё* муродифшуда наметавонад. Ё худ дар ибораи *ашёи хом*, калимаи *ашё* тобиши маънои хос гирифта, бо «*асбоб*» ва «*анҷом*» муродифшуда наметавонад.

Калимаи *анҷом* низ хусусияти сермаъноӣ дорад. Ин калима бо маъноҳои дигари худ бо калимаҳои *ашё* ва *асбоб* хусусияти синонимии худро гум мекунад. Масалан, дар ибораҳои *анҷоми кор*, *ба анҷом расонидан.* Ба ин маънӣ, калимаи *анҷом* аз силсилаи синонимии калимаҳои *асбоб*, *ашё* баромада, ба силсилаи дигари синонимҳо дохил мешавад [Муҳаммадиев М., 1962, с. 146].

Маълум аст, ки барои қабул кардани муоҳиданомаи Севар давлатҳои муттафиқ юнониёнро ба муқобили Туркия барангехта, ба **асбоб, аслиҳа** ва роҳбар ёрмандӣ карданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 249). ...молиёте, ки аз барои пӯшидани махоричи ҷанг афзуда ва **яроқу асбоби ҷангӣ**, ки бешитоб харида мегардад... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 168). Пур зоҳир аст, ки давлатҳои ҷаҳонгири ғарбӣ ҳеҷ гоҳ ба босмачиён **ярақ** ва **адавоти муҳориба** расонида наметавонанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 261).

Пас, маълум мешавад, ки эшон **олоти муҳориба** мисли *туфанг* ва *фашанг*ро аз худи Фарғона ва Туркистон ба даст медароранд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 261). Дар соли 1293 ҳичрӣ ...барангехтани давлати мустабиддаи Рус Муҳаммадалии матрудро бо **силоҳ ва асбоб** ба муқобили Эрони озод, ба тӯб бастани Гунбази Разавӣ... ва ғайра... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 159).

Чунон ки аз матнҳои боло бармеояд, нависандаи мумтоз барои як мафҳумро ифода кардан аз якчанд роҳу усули истеъмоли синонимҳо фоида бурдааст.

Гуфтан лозим аст, ки С. Айнӣ дар мақолаҳояш бештар масъалаҳои илму маърифат ва сиёсатро баррасӣ намуда, хонандаро ба илмомӯзӣ, маорифпарварӣ ва ватандӯстӣ раҳнамоӣ мекунад. Аз мисолҳои таҳлилшуда чунин бармеояд, ки устод Айнӣ дар масъалаи интихоб ва истеъмоли калима меъёри забони адабиро риоя мекунад ва ҳамчунин эҳтиёҷи хонандаашро низ ба назар мегирад. Нависандаи нуктасанҷ ҳамеша кӯшиш менамояд, ки матлабро дақиқ, равшан, нишонрас ва муассир ифода кунад, то диққати хонандаро ба воқеияти инъикосгардида равона кунад.

Аз силсилаи муродифоти: ***хаммор // маст // боданӯшон // шаробхӯрон*** аз ҳама серистеъмол *маст* ва *шаробхӯр* буда, дар забони шифоҳӣ хеле зиёд истифода мешаванд. Аммо *маст* ва *боданӯшон* хоси забони адабии китобианд. Ҳамин муродифот обуранги ҳиссии манфӣ доранд, ки инро устод Айнӣ низ дар мақолаи “Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод?” ба маънои манфӣ кор фармудааст:

Нуфуси мавҷудаамон як қисм *хаммор (шаробхӯр, майпараст)*, қисме қиммор, лоақал базлӣ ва кӯбкоритоз шуда буданд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 38). Ҳукумати Шуроӣ *майхӯрӣ*, қиморбозӣ, базм ...ва амсолашро ба суръати қатъӣ манъ кард. Ҷазои *боданӯшон*ро аз ҳар гуна ҷиноят сахттар фармуд. *Маст* ва қиморбозро дар фирқаи иштирокиюн роҳ надод... Маазолик, мо *шаробхӯрон*ро манъ накунем, қиморбозонро

ба маҳкамаи адлия насупорем,... айби худи мост, на айби ҳукумат (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 41).

С. Айнӣ на танҳо ба ҳаммаъноии вожаҳои маънодор, балки ба калимаҳои ёвар, чунончи феълҳои **намудан, фармудан** ва **кардан** низ эътибор медиҳад:

Шумо як қадаре фикр *намоед*! (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 105). Акнун шумо мулоҳаза *фармоед*, подшоҳзодаи як мулк, ки фирорӣ шуда, ба сояи подшоҳе меояд, оё ба вай ҳамин гуна муомала мекунанд?... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 105). Шумо як бор *фикр кунед*, агар аҳли Шарқ ба фарангиён як сол ашёи хом надиҳад, ғаллаву мева надиҳад, аскар надиҳад, баръакс, синаи худро сипар карда, дар муқобили истибдоди эшон бархезад, ҳоли эшон чӣ мешуда бошад? (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 216).

Ҷолиби қайд аст, ки нависанда дар ҷумлаҳои водоркунанда ҳам аз имконоти луғавии забон моҳирона истифода кардааст. Барои он ки ҷумлаҳо якранг набароянд, бори аввал *фикр намоед*, баъд *мулоҳиза фармоед*, дар охир *фикр кунед* матлабро ба тарзҳои гуногун ифода кардааст. Исмҳои *фикр* ва *мулоҳиза*, инчунин феълҳои *кардан, фармудан, намудан* низ муродифи ҳамдигар буда, бо мақсади гурез аз такрор истифода шудаанд. Он ҳам аҷиб аст, ки нависанда ба хонандаи худ боэҳтиромона бо ҷонишини шахси дуюми ҷамъ «*Шумо*» муроҷиат мекунад.

2.3. Мутазодҳо дар мақолаҳои Садриддин Айнӣ

Яке аз воситаҳои муассири услубии луғавӣ-семантикӣ антонимҳо ба шумор мераванд. Бо таъсири муҳити беруна ва дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ одамон аз қадимулайём барои возеҳ ва муассир ифода намудани фикри худ мафҳум ва маъниҳои ба ҳам зидро ба тариқи қиёс истифода кардаанд. Дар бисёр ёдгориҳои хаттии қадим, афсонаву ривоятҳои мардумӣ муқобилгузориҳо зиёд мушоҳида мешаванд: **Бой** ва **хизматгор**; **Хайр** ва **Шарр** ва ғ. Аксар мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ бо роҳи муқобилгузорӣ сохта шудаанд, ки ин далели гуфтаҳои болост.

Муқобилгузории ҳодиса, воқеа, ҳолатҳои рӯҳии инсон дар тасвири бадеӣ санъати тазод (контраст) аст, вале муносибати антонимии калимаҳо ҳодисаи забонист. Дар маъноҳои ба ҳам муқобили калимаҳо аломату хусусиятҳои мухталифи шайъҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни воқеӣ акс ёфтаанд. Дар илми забоншиносии тоҷик масъалаи антонимҳо (мутазод) мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Дар баъзе асару мақолаҳои олимон М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов ва тадқиқоти ба масъалаҳои услубиёти адибони ҷудогона бахшидаи Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов ва дигарон баъзе паҳлуҳои ин масъалаи муҳимми забони тоҷикӣ то дараҷае тадқиқ шудаанд.

Дар баробари дигар унсурҳои забон, антонимҳо низ дар мақолаҳои устод Айнӣ зиёд истифода мешаванд. Муҳаққиқон сабаби серистеъмол будан ва дар гуфтору муносибати одамон дучор гардидани антонимҳоро ба табиати ҳастии олам вобаста медонанд.

Аз ин воситаи муассири тарзи баён нигоранда бо мақсадҳои гуногун истифода мебарад. Ҳарчанд муқобилгузорӣ дар назм зиёд истифода гардида, боиси таъсирбахш ва пуробурангу ҷолиб ифода ёфтани фикр мешавад, вале наср низ аз ин истисно нест, зеро зиндагӣ худ аз тазодҳо иборат аст ва тасвири ҳамин тазодҳо нависандаро водор менамояд, ки аз калимаҳои муқобилмаъно истифода барад.

Зидмаъної бештар хосси калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусият мебошад, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки танҳо сифату зарфҳо мутазодмешуда бошанд, зеро калимаҳои ифодакунандаи амал ва ҳолатҳои мухталифи объект низ муносибати зидмаъноиро ифода карда метавонанд.

Мутазодҳо дар мақолаҳои С. Айнӣ бо шаклҳои мухталиф ва тобишҳои гуногуни маъної зоҳир мешаванд. Онҳо аксаран барои ифодаи тазоди бадеӣ хизмат карда, моҳияти тасвири предметро ба назари хонанда равшантар баён мекунанд. Масалан, калимаҳои антонимии **сиёҳу сафед**, **торикию рӯшної**, **шабу рӯз, имрӯз ё фардо, хубию бадӣ, дӯсту душман, мурдаю зинда, дохилию хорӣҷӣ, ғолиб ва мағлуб, сарватдорон ва деҳқонон, фоидаю зарар** ва ғайраҳоро дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда дидан мумкин аст.

Аз рӯйи тадқиқот мутазодҳои мақолаҳои устод Айниро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем:

а) Мутазодҳои ифодагари аломату хусусият: *сиёҳу сафед, торикию рӯшної, шабу рӯз, имрӯз ёфардо:*

Дар истеҳсоли нафти **сиёҳу сафед** як бар сад афзуда, мамлакати **торик**ро дар **рушної** оварданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,112). Шогирдон **шабу рӯз** ба мактаб истиқомат карда, илм меомӯзанд, хароҷоти хӯроку пӯшоки ин шогирдон ҳам ҳама аз тарафи ҳукумат аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,198). Қавми беилм **имрӯз** ё **фардо** маҳкуми заволанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,14).

Тавре дар мисоли дар боло овардашуда дидем, калимаҳои ***сиёҳ* ва *сафед*,** ки ифодагари аломату хусусияти рангҳо мебошанд, мафҳумҳои ба ҳам зидро ифода мекунанд. Инчунин, дар ин мисол мутазодҳои ***торикӣ ва рӯшної*** истифода шудаанд, ки устод Айнӣ дар ин мақолааш чи гуна аз кушода шудани роҳи Боку ва ба кор даромадани конҳои маъдан сухан меронад ва ба пешравиҳо ноил гардидани мамлакатро бо мутазодҳои ***торикию рушної*** нишон медиҳад. Дар мисоли дигар мутазодҳои **шабу рӯз**

оварда шудаанд, ки оид ба тарзи зиндагии толибилмон дар мактабҳои усули нав маълумот оварда шудааст.

в) Мутазодҳои ифодагари аломату хусусият: *хубию бадӣ, дӯстию душманӣ, дохилию хориҷӣ, ғолиб ва мағлуб, мурдаю зинда:*

Амир пас аз он ки ба **хубӣ** донист, ки ин гуна сиёсат барои вай натиҷаи **бад** хоҳад дод, дар баробари ин ҳодисаҳои андуҳгин аз Ҳукумати Шуроӣ пажуҳиш (маъзарат мехоҳад) (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,87). Давлат **ғолиб** шуд ё **мағлуб** ҳеҷ фарқ надошт, ба кадом ҳол ки бошад, хуни ранҷбар мерехт, авлоди меҳнаткаш ятим, зани деҳқон бева мемонд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 26). Чунончи домулло ҳоҷӣ Икроми Муфтӣ, ки аксари муллоҳои имрӯзаи Бухоро шогирди ӯянд ва дар ҳаққи илму диёнатш **дӯсту душман** иқрор мекунад, даҳ сол боз мавриди ғазаби подшоҳӣ буда, оқибат аз Бухоро матрудаш карда дар ҳузураш писари ҳаждаҳсолаашро ба фармони амир шаҳид намуданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 84). Бинобар ин на аз тарафи ҳукумати худ на аз ҷониби миллати хеш ба ин гуна ҳаракате, ки боиси **душмани**и ҳамсояҳои **дӯсти** худ гардад, имкон намедиҳад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 86). Русияе, ки дар роҳи иинқилоб ва озодӣ ба тамоми аксулҳаракатчиёни **дохилӣ** ва **хориҷӣ** мубориза кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 179).

Антонимҳои **мурдаю зинда** дар мақолаи “Иинқилоби Укабр ва Шарқ” ин гуна истифода шудаанд:

Хитое, ки бо ин ҳама бузургӣ **мурда** ва дар шиками ҷаҳонгирон ҳазмшуда ба шумор мерафт, имрӯз ба руҳи иинқилоби Уктабр дар ҳаяҷон аст. Умед аст, ки ин миллати серсол ва давлати куҳансолро ҳам дар рӯйи дунё озод ва дар қатори миллатҳои **зинда** бинем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 209). Чунон ки дар мисоли овардашуда дидем, мутазодҳои **зиндаю мурда**ро устод Айнӣ дар ин мақолааш хеле моҳирона ва бамаврид истифода кардаанд, ки баъди Иинқилоби Октябр мамлакатҳои Шарқ аз зери тасарруфи амирони золим ва хонони

ситамгар халос шуда, ба қатори мамлакатҳои зинда, яъне пешрафта қадам гузоштаанд.

Нависанда баъзан барои муассир ифода гардидани матлаб ду таркиби ҷуфтро, ки аз лиҳози маъно хусусияти антонимӣ доранд, кор мефармояд.

Таркибҳои антонимӣ ҷузъи дуюми акси маънои ҷузъи аввалро ифода мекунад, яъне ду калимаи ифодакунандаи маъниҳои ба ҳам зид, як мафҳуми навро мефаҳмонад, ки он аксар ба маъниҳои луғавии ҷузъҳои дохилии таркиб мувофиқат намекунад. Таркибҳои ҷуфти антонимӣ ҳамчун ҷузъи дохилии воҳидҳои фразеологии феълӣ барои боз ҳам равшану пуробуранг намудани мундариҷаи яклухти онҳо хизмат мекунанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 127):

Дар аснои мусофират **гарму сард**и дунёро бисёр чашид, ба маҳофил ва маҷолиси расмӣ ва ғайрирасмии дувал …дохил шуд… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 114).

б) Мутазодҳои соҳаи иқтисодӣ: сарватдорон ва деҳқонон, фоидаю зарар:

Ҳеҷ гоҳ аз хондан **зарар** намебинед, балки **фоида** мебинед (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 14). Вақте ки давлати сарватдор ба хоҳиши манфиати сарватдорон ба давлати дигаре ҷанг оғоз мекард, боз ҳамон ранҷбар ва деҳқони бечораро дар доми тӯп андохта, ба сафи ҷанг мебурд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9,25). Аввалан, тамоми сарватдорон ва ҳукмронон тақрибан ҳазор нафарро, ки киса ва косаи худро аз дастранҷи деҳқонон ва ранҷбарони Эрон пур карда буданд, ба мусодира кашида, амволашонро ба манфиати хазинаи миллат забт намуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 167).

Мутазод ва муқобилгузориҳо дар мақолаҳои С. Айнӣ яке аз воситаҳои беҳтарини ифодаи фикр ба шумор рафта, баръакси воситаҳои дигари таъсирбахши луғавию грамматикӣ дар истифода хеле осон ва дар муқоиса бо воситаҳои дигар самарабахштар корбаст гардидаанд. Агар

дар мавриди истифодаи воситаҳои дигари муассири луғавӣ муаллифон бештар ба ғалат роҳ дода бошанд, аз истифодаи муқобилгузорӣ онҳо тавонистаанд бештар ҳадафро нишонрас баён намоянд.

Албатта, дар корбасти воҳиди асосии забон – калима, норасоиҳо низ кам нестанд. Гоҳо дуруст надонистани тобиши маъно, сермаъноии калима рӯзноманигорро ба иштибоҳ меорад, ки ин боиси нофаҳмӣ аз ҷониби хонанда мегардад.

2.4. Гурез аз такрор ва забонзада шудани калима дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ

Дар такмили меъёрҳои забони адабӣ ва ҳусни баён саҳми устод Айнӣ бузург аст. Ин донишманди беназир забони адабии ҳазорсола ва забони зиндаи халқро дар ниҳояти хубӣ медонист.

Дар асарҳои С. Айнӣ сарвати бепоёни забони мо мукаммал ҷамъ омадааст. Ӯ бештар аз ҳама доираи забони адабии тоҷикиро васеъ кард, имкониятхои услубии онро вусъат дод. Назари С. Айнӣ дар хусуси ба кор даровардани «*забони содаи оммафаҳм*» дар даврони нав мувофиқи принсипи халқияти забони адабӣ, ки ҳар гуна содакунии сунъӣ ва омиёнаро рад мекунад, сурат гирифтааст [Тоҷиев Д., 1976, с. 85].

Хазинаи забони тоҷикӣ аз калимаю ибораҳои ҳаммаъно бой аст. Бо мақсади пурра, равшан ва таъсирбахш ифода кардани фикр нависандагон аз силсилаи синонимҳо калимаи матлубро интихоб намуда, мувофиқи талаботи фикр дар мавқеаш кор мефармоянд.

Дар забон на танҳо калимаҳо, ибораҳои фразеологӣ, инчунин шаклҳои калима, воситаҳои грамматикӣ ва қолабҳои ифодаи фикр ҳам хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд. Интихоби дурусти калима ва донистани мавқеи истифодаи он имкон медиҳад, ки матлаб саҳеҳ, равшан ва ҷолиб ифода гардад. Вобаста ба мақсади гӯянда ва тақозои услуби баён калимаи мувофиқ аз дохили силсилаи синонимӣ интихоб ва истифода мешавад.

Ҳар як нависанда дар истифодаи муродифҳо услуби хос дорад. Аз ҷумла, устод Айнӣ дар асарҳои бадеӣ ва ҳатто дар мақолаҳои публитсистиаш аз ин боигарии луғавӣ моҳирона истифода кардааст. Ӯ маънои калима, тобишҳои иловагии онро омӯхта, ҳар яки онро дар мавқеи худаш кор мефармояд. Дар як ҷумла ва ё як матн агар калима як бор истифода шуда бошад, албатта, бори дигар синоними онро

меоварад, ки ин бо мақсади гурез аз такрор ва забонзада нашудани калима мебошад.

Гурез аз такрор дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ чунин сурат мегирад:

1. Аз силсилаи муродифоти луғавӣ муродфоти ҳаммаъно интихоб мешаванд: *зарур (11м) // лозим (86м) // даркор (13м); калон(8м) // бузург (87м); ба зери даст // ба даст даровардан.*

Ба ҳар ҳол китобҳои мактабии тоҷиконро аз сари нав тартиб карда, чоп кардан *лозим аст.* Нахустин алифбо ва китоби саводро тайёр карда, аз паси он кадом китоб, ки бештар *даркор аст*, пештар ҳозир кардан *зарур аст.*

Дар ин ҷо синонимҳои *лозим*, *зарур* ва *даркор* истифода шудаанд, ки ҳаммаъноянд ва ҷойи якдигарро иваз карда метавонанд.

2. Бо таркибу ибораҳои муродифӣ ифода мешаванд: *Инқилоби Уктабр // Иинқилоби бузурги ҷаҳоноро // иинқилоби калон // иинқилоби ҳумоюн*:

Имрӯз мо пур шудани соли ҳафтуми *Инқилоби Уктабрро* ид мекунем. Имрӯз ин *Инқилоби бузурги ҷаҳоноро*, яъне инқилоби Уктабр соли ҳафтуми худро пур карда, қадам ба соли ҳаштум мегузорад. Мо аз шарофатҳои *ин инқилоб*, ки ба халқи ҷаҳон расид, чашм пӯшида, чӣ қадарҳо манфиатбардор шудани аҳолии Шарқро аз ин *инқилоби калон* баён менамоем. Ҳукумати марказии Русия, ки маркази ин *инқилоби ҳумоюн* ба шумор меравад, ба ин ҳама мамлакатҳо, хайрхоҳӣ, ёрмандӣ ва роҳбарӣ мекунад.

Сифатҳои *калон, бузург, ҷаҳоноро, ҳумоюн* дар тасвири исми таркибии *Инқилоби Уктабр* ва муродифоти он хеле хуб кор фармуда шудаанд. Чунончи, С. Айнӣ маротибаи аввал *Инқилоби Уктабр* гуфта, баъдан *Инқилоби бузурги ҷаҳоноро, инқилоби калон, инқилоби ҳумоюн* барин ибораҳоро истифода намудааст.

Азбаски унвони воқеаҳои сиёсию иҷтимоии таърихӣ барои мардум воқеаи нав ба шумор мерафт ва он ном дар ибтидо забонзада ва рехта нашуда буд, муаллиф ба истилоҳи инқилоб сифатҳои гуногуни *калон,*

бузург ва *ҳумоюн*ро нисбат дода, силсиламуродифоти он – *ин инқилоби бузурги ҷаҳоноро, ин инқилоби калон, ин инқилоби ҳумоюн*ро сохтааст. Баъдтар ба таркиби он унвон сифати «кабир» ворид гардида «Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр» ном гирифт.

Дар мақолаҳои солҳои 20-ум калимаи *калон* 8 маротиба, *бузург* 87 маротиба, *ҳумоюн ва ҷаҳоноро* танҳо дар ҳамин мисоли овардаи мо истифода шудааанду халос. Инқилоб 186 маротиба ва *Инқилоби Уктабр* 44 м. истифода шудааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки калимаи *бузург* дар мақолаҳои С. Айнӣ аз муродифҳои дигараш серистеъмолтар аст.

Дар матни зерин *ба зери даст // ба даст даровардан* гунаҳои як ифодаанд, ки ба таъбирҳои «*ба ҷайби худ кашидан*» ва «*хидматгори худ намудан*» қаробати маъноӣ доранд. Ин ҳам як тарзи гурез аз якрангии ифодаи матлаб аст. Феълҳои *зинда бод* ва *поянда бод* хитобаҳои муштаракмаъноянд ва барои рангин баромадани хитоб кӯмак мерасонанд:

Сарватеро, ки ҳосили дастранҷи ранҷбарон аст, сарфи тӯпу туфанг намуда**,** олами Шарқро ба *зери бандагии худ дароварданд* ва боқимондаи ин оламро низ мехоҳанд *ба даст дароварда тамоми* сарвати дунёро *ба ҷайби худ кашанд* ва ба ҳавасҳои худ сарф намоянд, ранҷбарони ғарбӣ ва мазлумони шарқиро абадӣ ғулом ва *хидматгори худ намоянд.*

Зинда бод Инқилоби Уктабр!

Поянда бод озодии Шарқ**!**

Дар ин матн муаллиф аз муродифоти наҳвии «*сарфи тӯпу туфанг намуда*» (*// ба тӯпу туфанг сарф намуда); ба ҳавасҳои худ сарф намоянд* (*// сарфи ҳавасҳои худ намоянд*) низ бо мақсади гурез аз қолабҳои якхелаи ифода моҳирона истифода бурдааст [Камолиддинов Б., 2012, с. 60 – 68].

Ибораҳои рехтаи муродифии «*ба даст даровардан*» ва «*ба зери бандагии худ даровардан*» низ маҳз бо ҳамин мақсади услубӣ истифода шудаанд.

Мисоли дигар:

Ба муқобили ин гурусначашмон қиём карда, асоси ҳукуматдории эшонро барандохтан аз манфиати муштаракаи *ранҷбарон*и ғарбӣ ва *мазлумон*и шарқист.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар мақолаҳои устод Айнӣ истилоҳоти маъмули он замон-*ранҷбарон* маротиба ва *мазлумон* 41 маротиба истифода гардидааст.

Ин калимаҳо хусусияти истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ касб намуда, баъдтар камистеъмол шуда, тадричан аз истеъмол тамоман баромадаанд. Ин вожаҳо аз лиҳози маънои истилоҳӣ ба «пролетар» қаробат доштанд, ки мафҳуми синфи коргари камбағалро ифода мекарданд.

3. Бо муродифҳои тобиши гуногуни маъноидошта ифода мешаванд: *дод // супурд; ҳозир намуданд // ба майдон нест; серсол // куҳансол; (озодӣ) доданд // (мухторият) бахшиданд // пешкаш карданд; арз карда будем // музокара меронем; ахбор // хабар // иттилоъ; нав // тоза* ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

Дар матни зерин нависанда аввал «тоифаи қирғиз хеле китоб ҳ*озир намуданд»* гуфтааст, аммо дар ҷумлаи дуюм барои забонзада нашудани таркиби феълӣ «(аз тоифаи ӯзбак чизе) *ба майдон нест»*-ро ба кор бурдааст. Ин ҳам як усули худдорӣ аз такрори бемавқеи қолабҳои якхелаи наҳвӣ мебошад:

Тоифаи қирғиз, аз он ҷо ки дар байни худ мардони боилми коркун доштанд, ба зудӣ сари кор омада, то ҳол хеле китоб ҳ*озир намуданд*. Аммо ба ном тоифаи ӯзбак ғайр аз ду-се китобчае, ки аз тоторӣ *табдил дода шудааст* ва ҳанӯз дар лаҳҷаи нахустини худ боқист, дигар чизе *ба майдон нест* [Тарҷума ва балоғати сухан, 2004, с. 60].

Дар мисоли зерин С. Айнӣ муродифи *миллати серсол* ва баъдан *давлати куҳансол* мегӯяд, ки хеле мувофиқ омадааст:

Умед аст, ки ин *миллати серсол* ва ин *давлати куҳансол*ро ҳам дар рӯйи дунё озод ва дар қатори миллатҳои зинда бинем.

Дар ҷумлаи зерин *(озодӣ) доданд, (мухторият) бахшиданд ва пешкаш карданд* муродиф буда, ҳар кадоми онҳо бо мақсади гурез аз такрор дар мавқеи худ омадааст:

Ба ҳама фуқарои косиба ва миллатҳои маҳкума *озодӣ доданд*, ба мо – туркистониён, низ ҷумҳурият ва мухторияти ҷудогона *бахшиданд*, «сайфу қалам»-ро, ки ҳукми нигини Сулаймонро дорад, ба мо *пешкаш карданд*, аммо мо «Ман ҳамон Аҳмади порина, ки будам, ҳастам», мегӯем,... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 154).

Дар матнҳои зерин муродифҳои *ахбор*, *хабар ва иттилоъ* хеле мувофиқ истифода шудаанд, ки дар ин ҷо *ахбор* шакли ҷамъи *хабар* буда, дар тамоми мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда 10 маротиба, *хабар* бошад 74 маротиба ва *иттилоъ* ҳамагӣ 3 маротиба ба кор рафтааст. Дар ин ҷо С. Айнӣ «ахбор»-ро ба мафҳуми ҷамъ, «хабар»-ро ба мафҳуми танҳо истифода бурдааст:

Дар болои ин *ахбор, хабари* ба ҳудуди Қафқоз наздик расидани «Урдуи Шарқ»-ро зам кунем… Ононе, ки телғирофи бесим дар дасташон буд, аҳволро мувофиқи раъйи худ ба Москва *иттилоъ* медоданд.

С. Айнӣ дар ҳошияи романи «Шодӣ» чунин ишора кардааст: «Феълҳои ёридиҳанда дар ҷумлаҳои ба ҳам наздик бояд такрор наёбанд. Масалан: *шуд, кард-гардид, намуд* ва монанди инҳо» [Тарҷума ва балоғати сухан, 2004, с. 142].

4. Бо муродифҳои хусусияти услубидошта ифода меёбанд*: ба мо супурд // ба дасти мо дод; манзалате дид // ба манзалате афтод; муомила кардан, муомиларо раво доштан // сулук кардан; барпо гардидан // таъсис гардидан // таъсис шудан // барпо шудан. Мисол:*

Як подшоҳе, ки ба як шоҳзодаи меҳмон ин *муомиларо раво медорад*, оё ба раиягони зери дасти худ чӣ гуна *сулук мекарда бошад*?

Вожаи *сулук* дар луғат «равиш», «рафтор» тавзеҳ ёфтааст [Муҳаммадиев М., 1993, с. 544].

Феълҳои *муомала кардан*, *сулук кардан* бо таъбири *муомиларо раво доштан* ҳаммаъно буда, *муомила кардан* хеле серистеъмол аст ва дар

забони гуфтугӯйӣ ва китобӣ баробар ба кор бурда мешаванд. Аммо *сулук кардан*, ки ҷузъи асосии он-*сулук* мисли *муомила (муомала)* калимаи иқтибосии арабист, дар гуфтугӯ кор фармуда намешавад, дар забони адабии китобӣ ҳам аҳёнан истифода мешавад. Шояд С. Айнӣ барои бори дигар такрор накардани *муомала кардан* ва *муомиларо раво донистан* ноилоҷ аз феъли *сулук кардан* фоида бурда бошад. Таъбири «ба касе муомилаеро раво доштан» хоси забони адабии китобист ва дар услуби малеҳи баён ба кор меравад.

Дар ин ҷумла ҳам бо ҳамон мулоҳиза *чунин муомила кунад* нагуфтааст, зеро феъли *кардан* дар охири ҷумла омадааст.

Шакли аслии арабии калима *муомала* аст, вале ба тағйироти фонетикӣ дучор омада, шакли тағйирёфтаи он, ки ба талаффузи забони тоҷикӣ мутобиқ аст, *муомила* ба вуҷуд омадааст. Ин ду тарзи шакли калима ҳоло ҳам дар забони матбуот ба назар мерасад.

Мисоли дигарро аз назар мегузаронем:

Дар ҳар кӯчаву маҳаллаи мо мактабҳо *барпо шуд*. Барои ононе, ки дорои хатту савод нестанд ва умрашон аз синни таҳсилӣ гузаштааст, курсҳои бегоҳӣ ва шабона *таъсис гардид*.

Агар нависанда дар ин матн «*мактабҳо таъсис гардид*» мегуфт, чандон мувофиқ намеомад, бинобар ин муродифи *барпо гардид*ро истифода намудааст. Дар мақолаҳои солҳои 20-ум таълифкардаи муаллиф феъли *таъсис шуд* 11 маротиба ва *барпо гардид* 49 м. истифода шудааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар эҷодиёти С. Айнӣ низ феъли *барпо гардид* нисбат ба *таъсис шуд* серистеъмол будааст, чунон ки дар забони имрӯза ҳам феъли таркибии «*таъсис гардид*» (шуд, ёфт) бештар дар услуби расмӣ ва гоҳе дар забони матбуот истифода мешавад.

5 . Бо муродифоти лугавӣ ва фразологӣ ифода мешаванд:

Ҳукумати Шуроӣ танҳо сиёсати дохилиамонро *ба мо насупурд*, балки сиёсати хориҷиро низ *ба дасти мо дод*.

Дар ин ҷумла воҳиди луғавии *супурдан (насупурдам)* ва воҳиди фразеологии *ба дасти касе додан* ҳамчун муродиф барои худдорӣ аз такрор истифода шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки С. Айнӣ доир ба ҳарфи нафӣ (инкорӣ), ки дар ин матн бо феъли ***на****супурд* омадааст, матнеро дар қайдҳояш таҳлил намуда, мегӯяд:

Матн: «Мо медонем, ки на франсузҳо, на италявиҳо баҳри ақлгумкардагони Хонаи Сафед ё хонаи Зард ба ҷанг хоҳанд рафт».

Қайд: «Ин ҷумла мақсадро ифода намекунад, охири ҷумла «*хоҳанд рафт*»-ро ба «*нахоҳанд* рафт» бадал кардан зарур аст. Зеро ҳар гоҳ якчанд исм бо ҳарфи нафӣ такрор ёбад, дар хабар бо тарзи таъкид такрор ёфтани ҳарфи нафӣ лозим аст» [Тарҷума ва балоғати сухан, 2004, с. 143].

Олами ислом ҳар шараф ва *манзалате, ки дид*, ба воситаи сайфу қалам дид, ба ҳар хорӣ ва *манзалате, ки афтод,* ба сабаби аз даст додани ин афтод.

Дар ин ҷо таъбирҳои *манзалате дид* ва *ба манзалате афтод* барои такрор нашудани калима ё таъбир истифода гардидаанд.

6. Бо калимаҳои сохтаи муродифӣ ифода мешаванд:

Ба ин гурӯҳ калимаҳои зерин дохил мешаванд, ки басомади онҳоро дар мақолаҳои солҳои 20-ум шумурдем: муаллимон – 4 м., муаллимҳо – 3 м. ва муаллимин – 11 м., иҷборӣ – 10 м. ва маҷбурӣ – 3 м., макотиб – 10 м., мактабҳо – 15 м.

Ба ин ду сабаб ҳаст: яке, камтаҷрибагии *муаллимон*, дуввум, бекитобист. Камтаҷрибагии *муаллимин* як амри табиист. Агар аз соли 1918, ки ба ҳар тарафи кишвари Туркистон курси *муаллимин* кушода шуда, дар ин боб қадаре эҳтиёт мерафт, агар ба миқдори *муаллимини* ҳозира намерасид ҳам, *муаллимҳои* банисба муқтадир ба даст хеле медаромад.

Дар ин матн нависанда бо мақсади забонзада нашудани як тарзи ҷамъбандӣ, аз роҳҳои гуногуни ифодаи мафҳуми грамматикии ҷамъ,

яъне аз муродифоти сарфӣ (морфологӣ) истифода кардааст, зеро пасванди – *он* дар исми *муаллимон* аз унсурҳои шаклсози забони тоҷикӣ буда, ҳамин мафҳум бо ёрии шакли ҷамъи арабии *муаллимин* низ зиёд ифода ёфтааст.

Дар ин матн шакли ҷамъи тоҷикии калимаи арабии *муаллим – муаллимон ва муаллимҳо* якмаротибагӣ, вале шакли ҷамъбандии арабии *муаллимин* се маротиба такрор шудааст. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар замони навишта шудани мақолаҳои С. Айнӣ бо шакли ҷамъи арабӣ кор фармудани ин исм *(муаллимин)* маъмул будааст. Аммо минбаъд дараҷаи истеъмоли ин шакли ҷамъи арабӣ дар забони матбуоти тоҷик маҳдуд гардидааст.

Дар мисолҳои зерин исми *мактаб* аввал дар шакли ҷамъбандии тоҷикии *мактабҳо* омада, бори дуюм бо мақсади такрор наёфтани калима дар шакли ҷамъи шикастаи арабии *макотиб* ба кор бурда шудааст:

Аммо, вақте ки *мактабҳо* кушода шуд, барфу борон боридан гирифт, дасту пойи *атфол* ба даруни *макотиб* ях баст, мараммат ва шикастурехтро сар мекунем.

Барои равшан кардани маънои камистеъмоли иқтибосии арабии мараммат (тармимкунӣ) муродифи тоҷикии «шикастурехт» истифода шудааст.

Дар ин матн исми *тифл* низ дар шакли ҷамъи шикастаи арабии *атфол* омадааст, ки ин ҳам далели як дараҷа маъмул будани шаклҳои ҷамъбандии арабӣ дар забони матбуоти солҳои бистуми асри гузашта аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки исми *тифл* дар мақолаҳои солҳои мазкур таълифнамудаи муаллиф ҳамагӣ 5 маротиба, аммо *атфол* 32 маротиба истифода шудааст.

Чунон ки маълум аст, то нимаи дуюми асри XIX ҷамъбандии арабӣ дар назму насри адибони форсу тоҷик ба миқдори хеле зиёд кор фармуда мешуд [Ҳоҷиев С., 1987, с. 84]. Баъдтар, дар натиҷаи торафт ба омма наздик шудани забони адабии тоҷикӣ мавқеи ҷамъбандии тоҷикӣ беш аз

пеш афзудан гирифт [Қаландаров С., 2010, с. 75]. Чунин ҳолат дар мақолаҳои устод Айнӣ низ мушоҳида мешавад.

Дар ҷумлаи зерин С. Айнӣ *ин қадар тазминот андохт* гуфта, бори дуюм *ин миқдор мусодира кард*ро истифода намудааст, ки дар ин ҷо ишорачонишин бо ҳоли дараҷа омада, муродифи ҳамдигар шудаанд ва дар ҳолати иваз кардани ҷойи онҳо маънои ҷумла бетағйир мемонад:

Мардум мегӯянд: Ҳукумати Шуроӣ буду нобуди раияро рабуд, *ин қадар* тазминот (андоз) андохт, *ин миқдор* мусодира кард.

Тазминот истилоҳи соҳаи молия, бо ҳам алоқамандии маъноӣ дошта бошанд ҳам, муродиф нестанд.

Дар ҷумлаи зерин бошад *ҷонишини саволӣ* ба вазифаи *ҳоли миқдор* омада, силсилаи муродифҳо сохтааст:

Акнун шумо дар зарфи ду сол *чӣ миқдор* тазминот додани Самарқандро ҳ*исоб ва тарқим* намоед, ба тарафи дигар *шумурда рақам занед*, ки дар ин ду сол танҳо ба маориф ва мактабҳои Туркистон *чӣ қадар* пул сарф шудааст.

Ҳисоб ва *тарқим* ба маънои умумии ҳисобу китоб кардан омада, вале *тарқим кардан* ва *рақам задан* камистеъмол шуда ё бартамом аз истифода баромадаанд.

Корбурди калимаи *тарқим* бо таъсири мушкилнависии классикӣ воқеъ гардидааст, аммо дар поёни мақолаи устод Айнӣ чунин шарҳ ёфтааст: *тарқим*-рақам гузоштан, ҳисоб кардан. Дар ин ҳолат агар нависанда ба ҷойи *тарқим намоед рақам занед* мегуфт, дар ҷумла такрори маъно ба миён меомад. Шояд ба ҳамин хотир баъзан устод Айнӣ ин гуна калимаҳоро дар мақолаҳояш кор мефармояд. Инчунин дар ин ҷо муродифҳои *чӣ миқдор* ва *чӣ қадар* низ бо мақсади такрор наёфтани як калима истифода шудаанд. Ногуфта намонад, ки дар тамоми мақолаҳои солҳои бистум С. Айнӣ калимаи *тарқим*ро як маротиба кор фармудааст. Муродифи *чӣ миқдор* 5 маротиба, *чӣ қадар* 9 маротиба омадаанд.

Дар ҳама забонҳои дунё аз такрор ва забонзада шудани сухан канорачӯйӣ мекунанд. Такрори бемавқеъ дар асарҳои бадеӣ боиси дилбазан шудани хонанда мегардад, аммо дар асарҳои илмӣ ва ҳуҷатҳои расмӣ услубан равост. Дар забони рӯзномаву маҷаллаҳо бо мақсади муассир ифода намудани фикр дар жанрҳои бадеӣ – публитсистии журналистика аз такрори калимаю таъбирҳо худдорӣ мекунанд. С.Айнӣ, ки ҳам шоиру ҳам нависандаи бомаҳорат ва нисбат ба услуби асари бадеӣ серталаб буд, бо таъсири ҳамин принсип дар мақолаҳои публитсистиаш ҳам ба он роҳ надодааст, ки калимаҳо безарурат такрор шаванд.

Бо таъсири табаддулоти бузурги сиёсӣ-иҷтимоӣ, ки баъди Инқилоби Октябр дар кишварҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ рӯй дод, барои инъикоси бузургию шаҳомати сиёсӣ-иҷтимоӣ сифатҳои тавсифомез ба кор бурда мешуданд. Дар натиҷаи бисёр такрор шудани ин сифатҳо чунин истилоҳоти сохти ибораи изофидошта хусусияти рехтагӣ пайдо карданд. Ба тарзи намуна истилоҳи *инқилоб* (революцсия) аввал ба сифати *бузург* васл шуд, баъдтар ҷойи инро сифати «кабир» гирифт. Ё ин ки ба калимаи *партия* сифати нисбии *коммунистӣ* васл шуда, «*партияи коммунистӣ*» хусусияти рехтагӣ пайдо намуд. Гоҳ-гоҳ ба калимаи *партия* сифати нисбии *болшевикиро* васл намуда, бузургию шаҳомати онро фузунтар мегардонданд: *партияи болшевикӣ*. Чунин сифатҳо дар таркиби ин ибораҳо ба ифодакунандаи нисбат ва шаҳомати калимаҳои *инқилоб (революцсия)* ва *партия* табдил ёфтанд, ки онро дар услуби публитсистӣ бо таъбири русӣ, «слова – спутники» меноманд: *инқилоби кабир, партияи коммунистӣ (болшевикӣ)*.

С. Айнӣ тавсифҳои *тавоно, пуриқтидор* ва ғайраро ба он истилоҳоти ибораги зам менамуд.

Сифати «*сурх*» бо таъсири тарҷумаи сифати русии «*красный*» дар аскари сурх, номи рӯзнома-«Тоҷикистони сурх», маҷаллаи «Шарқи сурх» пайдо шуда буд.

Сифатҳои феодалӣ, буржуазӣ, капиталистӣ, империалистӣ ва истилоҳоти тротскистон…обуранги манфӣ гирифтанд.

Хулоса, устод Айнӣ барои забонзада нашудани калима ва гурез аз такрор зиёд андеша карда, ҳар як калимаро дар ҷойи худ ва беғалат истифода намудааст.

2.5. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ

Як ҳиссаи ганҷинаи луғавии забони тоҷикиро чунин ибораю ҷумлаҳои рехтаи хушобуранг ва пурмаъно ташкил медиҳанд, ки дар забоншиносӣ воҳидҳои фразеологӣ меноманд. Онҳо аз ҷиҳати манбаи пайдоиш бо зиндагӣ, урфу одат, ҷаҳонбинӣ ва ақлу заковати мардумӣ пайвастагӣ доранд. Дар онҳо зимни мафҳуме як лаҳзаи рӯзгор, сабақи зиндагӣ, муносибат ва таассуроти нек ё бад инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб маънӣ дар воҳидҳои фразеологӣ хеле нозук, пӯшида, вале рангин ва пурҷозиба ифода меёбад. Вазифаҳои услубии онҳо аз чунин табиати нозуку сарпеч падид меоянд [Камолиддинов Б., 1989, с. 90].

Воҳидҳои фразеологӣ офаридаи халқанд ва дар забони зиндаи тоҷикӣ ва ҳам дар забони адабии китобӣ дар истифодаанд. Онҳо дар тули асрҳо суфтаву равон ва шево гардидаанд.

Таҳаввулоти воҳидҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, таркиббандӣ, иборасозию ҷумлабандӣ аввал дар забони воситаҳои ахбори омма инъикос меёбанд, чунки матбуот, телевизион ва радио инъикоскунандаи вазъи кунунии унсурҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозию таркиббандии забони адабии тоҷикӣ ба шумор мераванд. Ҳар дигаргуние, ки дар забон ба вуҷуд меояд, пеш аз ҳама, тавассути матбуот дар калимаю истилоҳоти нав ифода мегардад. Бесабаб нест, ки инкишофи забонро, қабл аз ҳама, аз рӯйи забони воситаҳои ахбори омма, хусусан, рӯзномаҳо таҳлилу таҳқиқ мекунанд.

Воҳидҳои фразеологӣ низ дар забони расонаҳои хабарӣ, ба хусус дар воситаҳои электронии ахбори омма, мавқеи муҳим мебозанд. Онҳо як ҳиссаи ганҷинаи забони мардумӣ буда, ба гуфторҳои радиоию телевизионӣ руҳияи забони зинда мебахшанд. ВФ дар силсилаи муродифоти луғавию фразеологӣ низ мавқеи хос доранд, бинобар ин, дар интихоб ва мавқеи корбурди муродифҳо ва саҳеҳу дақиқ ифода

кардани фикр аҳаммияти калон касб мекунад. Бар замми ин, мафҳумро образнок ва маъниро пӯшида ифода мекунанд. Аз ин рӯ, дар жанрҳои публитсистии бадеии маводи рӯзномаҳо воҳидҳои фразеологӣ бештар ба кор бурда мешаванд.

Дар воситаҳои ахбори омма воқеаю ҳодисаҳои рӯзмарраи ҳаёти ҷомеа ба тарзи таъҷилӣ инъикос карда мешаванд. Барои таҳрири ҳарҷонибаи мавод фурсат намемонад. Бинобар ин эҳтимоли рӯй додани баъзе нуқсонҳои забон дар матбуоти ҷорӣ ва телевизиону радио ба назар мерасанд. Азбаски дар ВФ нисбат ба калима сохту таркиби наҳвӣ мураккабтар ва тарзи ифодаи маъно ҳам пӯшидатар аст, дар корбурди онҳо нуқсонҳо содир мешаванд.

Аз ҳамин сабаб ҳам дар навиштаҳои кормандони воситаҳои ахбори омма, хусусан, дар рӯзномаҳо, бояд воҳидҳои фразеологӣ ва, умуман, меъёри забони адабӣ, комилан, риоя карда шавад.

С. Айнӣ аз забони зиндаи гуфтугӯйӣ ифодаҳои образнокеро чида гирифта, дар мақолаҳояш кор фармудааст, ки дар асоси ташбеҳ, муболиға ва дигар санъатҳои сухан шакл гирифта, таркибан устувор гардидаанд.

Чунон ки маълум мегардад, С. Айнӣ ибораҳои фразеологиро дар мақолаҳояш моҳирона кор фармудааст. Нависанда тавассути воҳидҳои фразеологӣ мақсади худро басо табиӣ ифода кардааст.

Ибораҳои рехта бо калимаю таркибҳои одӣ ҳаммаъно шуда омада, барои чида, сара карда гирифтани таъбирҳои матлуб имкониятҳои луғавии забонро фаровонтар менамоянд. ВФ мисли калима мафҳумҳои ашё ва аломатро ифода мекунанд.

Дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда як қатор воҳидҳои фразеологие ба чашм расиданд: *қути лоямут, меҳмони нохонда, Аҳмади порина, дарди бедаво, абри даргузар ва ғайра.*

ВФ-и ***«Аҳмади порина»*** *«ба монанди пештара, чи хеле ки буд, ҳамон тарз мондааст, бетағйир* ифода гардидааст. Ин ВФ обуранги ҳиссии манфиро ифода мекунад. Инчунин, нависанда ифодаи *«сайфу қалам»*-ро

истифода кардааст, ки ҳарчанд он замон маъмул ва пуртаъсир буд, аммо хусусияти рехтагӣ пайдо накард:

Ба ҳама фуқарои косиба ва миллатҳои маҳкума озодӣ доданд, … «сайфу қалам»-ро, ки ҳукми нигини Сулаймонро дорад, ба мо пешкаш карданд, аммо мо: «*Ман ҳамон **Аҳмади порина**, ки будам, ҳастам*» мегӯем, на ба сайф рағбат дорем, на ба қалам (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 154).

ВФ-и **нӯши ҷон намудан** ба маънои *ҳаловат бурдан,* **дарди бедаво** ба маънои мушкиле, ки осон шуданаш ғайриимкон аст, кор фармуда шудааст, аммо дар матни дигар *ҷамеи дардҳои Ватанамон даво ёфт* гуфта, ҳал шудани мушкилеро дар назар дорад. Инчунин, **абри даргузар** ба маънои *гузаранда будан*. *Тамошобинӣ кардан* – киноя аз *бепарвоӣ, беҷуръатӣ*, *форигболӣ:*

… ҳилагарони ваҳшӣ баъд аз ин гӯшти аҳли Шарқро ба равгани худи аҳли Шарқ бирён карда, нӯши ҷон намоянд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 119). …ба кӯшиш ва ҳиммати мардонаи ҷавонони сусиёлист *ҷамеи дардҳои Ватанамон даво ёфта*, садчандони аввал касби мазоё ва шараф хоҳад кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 153). …ҳангоме ки Ҳукумати Шуравии Туркистон ба фармоиши Ҳукумати Шуравии марказии Русия аксари кори идораи Туркистонро ба супурдан ба дасти мусулмонон қарор додааст, мо *тамошобинӣ мекунем*, мо ҳанӯз ин ҳама сели иинқилобро ***абри даргузар,*** ин ҳама *шӯру ғавғо*ро талотуми ҳавои айёми баҳор мепиндорем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 104).

Ба саҳрои адам фиристодан варианти *ба асфаласофилин фиристодан буда,* ба маънои нестшавӣ омадааст.

Зеро агар ҳамаи падару модар аз тарбияи атфол *даст кашанд*, пайдост, ки дар муддати бист сол, мунтаҳояш то чил сол ҷунбандае аз фарзанди инсон дар рӯйи дунё нахоҳад монд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 220). Оре, дар натиҷаи ин ноҳаққориҳо тамоми ранҷбарони дунё, балки тамоми фарзандони одам ба як шӯри интиқомҷӯёна бархоста, *дунёро аз хошоки вуҷуди ин оқоён пок карда*, *инсонияти* ҳақиқиро дар арсаи зуҳур

хоҳанд овард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 246). Чун ранҷбарони Русия аз ин кушторҳои бемаънӣ *ба фигон омада*, ҳукумати императорӣ ва ҷонишини ӯ Ҳукумати муваққатаро *аз по дароварда*, мехостанд ба як инқилоби иҷтимоӣ ватани харобшударо таъмир намоянд, хоинони дохилӣ ва хориҷӣ – душманони бани навъи инсон, яъне аксулҳаракатчиён ва сарватдорони Русия бо ҷаҳонгирон як шуда, фурсат надода *бар сари* Русияи харобшуда ва ранҷбарони бараҳна ва гурусна *рехтанд* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 213). *Эрон солҳои дароз* боз дар зери фишори давлатҳои ҷаҳонгири Фарангистон *ҷон меканад* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 216).

Солҳои дароз воҳиди фразеологии номӣ буда, ба маънои *солҳои тулонӣ, як умр дар зери фишори касе мондан* омада, *ҷон кандан* воҳиди фразеологии феълист ва ба маънои *азоб кашидан* омадааст.

Воҳидҳои фразеологии дар мақолаҳои С. Айнӣ истифодашуда низ вобаста ба тақозои матн ва муносибати нигоранда ба муҳтавои асосии он ҷилоҳои тоза ба тоза пайдо мекунанд: *Ҳуш аз сар парида, тоқат ба бадан хайрбод гуфт*. Дар *баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтам* (Айнӣ С., Ахгари иинқилоб, 58).

Ин матн саршор аз таъбирҳои рехтаи мардумист, вале ҳар кадоми онҳо бо обуранги тоза: Таъбири асл *ҳуш аз сарам парид,* яъне кӯтоҳшудаи *мурги ҳуш аз сарам парид, тоқатам тоқ шуд*, на *тоқат ба бадан хайрбод гуфт*. Қолаби асл ва мукаммали *ба хаёлот фурӯ рафтан – дар баҳри (дарёи) тахайюлот фурӯ рафтан* аст. Ин матн аз он шаҳодат медиҳад, ки С. Айнӣ чунин таъбирҳои рехтаи мардумиро дар қолаби асл хуб шинохтааст ва қудрате дорад, ки аз асли тадбир дур нарафта, онро бишканад ва ба таркиби он унсурҳои гуногуни луғавиро ворид намояд.

Воҳидҳои фразеологии ***ҳуш аз сари касе рафт, ҳуш аз сари касе парид, ақлу ҳуш аз сари касе парид*** ба маъноҳои *1. ҳайрон, моту мабҳут шудан 2. сахт расидан* [Фозилов М., 1964, с. 625] омадаанд.

Ибораҳои *чашм дӯхтан*, *дида дӯхтан*, *назар дӯхтан, нигоҳ дӯхтан* аз ҷиҳати маъно фарқе надоранд, аммо воҳиди фразеологӣ бо калимаи

чашм (*дида, назар*) маъмул буда, калимаи *нигоҳ* камистеъмол ва хоси услуби фардии нависанда ба ҳисоб меравад.

Масалан, дар матнҳои зерин чунин вариантнокӣ ба чашм мерасад:

– назар андохтан, чашм андохтан, чашм дӯхтан;

– чангол задан, чанг ба домони рӯзнома задан, чанг ба домони сайфу қалам задан;

– ба ҷаҳаннам фиристодан, ба асфаласофилин фиристодан;

– камари ҳиммат бастан, камари итоат бастан, мижгони шуҷоат бастан;

– аз по даровардан, аз по дарандохтан;

– ба торҳои асаби касе нохун задан, ба захми касе намак пошидан.

1. Ҳар касе ки *ба* аҳвол ва тарзи идораи ҳукумати Бухоро *назар андозад*, гуфтаҳои моро чун офтоби чоштгоҳӣ равшан ва ҳувайдо мебинад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 144). 2. …қитъаи Силезияи Боло, ки полокҳо дар он ҷо *чашм андохта буданд*, ба ёрмандии Франсия ба муқобили Олмония фитнаҳо эҷод карданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 245). 3. Зеро мардуме, ки имрӯз «нон» гуфта ҷон медиҳанд, табиӣ тухму донаи мамлакатро, ки дар оянда мояи умедворист, бо паранда ва чарранда ва чорпоёне, ки воситаи зироат ҳастанд, ҳамаро хӯрда, дар оянда низ *чашми худро* ба ҷойҳое, ки озуқа мавҷуд аст*, хоҳанд дӯхт* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 255).

Дар ФИР се маънои ВФ-и феълии «*назар андохтан*» зикр ёфтааст: 1. нигоҳ кардан, 2. чизеро ба пеши чашм овардан, 3. мулоҳиза кардан [Фозилов М., 1963, с. 679].

Маънои аввал ба амали воқеии дидани чизе, ба чизе нигоҳ кардан далолат мекунад. Ин маъно дар асарҳои бадеии С. Айнӣ бисёр мушоҳида мешавад, ки он ҳам дар матн тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мекунад.

Дар мақолаҳои публитсистии солҳои бистуми С. Айнӣ ин ВФ ба маънoҳои дуюму сеюм ба кор бурда шудааст:

(Матни 1.) Дар ин матн «*ба аҳвол… назар андозад*» маънои иҷтимоию сиёсӣ дошта, аз маънои ба чизе нигаристан ба куллӣ фарқ мекунад: тарзи идораи Ҳукумати Бухороро, аслан, бо чашми сар не, бо чашми ақл мулоҳиза, муҳокима кардан мумкин аст. Мисли ҳамин дар матни 2-юм низ «таъсир ва муносибати Иинқилоби Уктабр» мавриди мулоҳиза, таҳлилу тадқиқ қарор доданро ифода мекунад.

Дар мисолҳои дигар ВФ «*чашм андохтан*» бо чунин тобиши маъно аз «*назар андохтан*» фарқ мекунад, ки ба манбаъҳои моддии кишвар бо мақсади ғаразнок, бо тамаъ амал карданро ифода мекунад. Маълум мешавад, ки вариантҳои «*назар андохтан*» ва «*чашм андохтан*» бо табдили исми «назар» ба «чашм» ба вуҷуд омадаанд. С. Айнӣ аз ҳамон имконоти вариантҳои ВФ-и феълӣ бо мақсади дақиқ ифода намудани матлаб ва зоҳир намудани муносибати салбии худ моҳирона фоида бурдааст.

ВФ-и «назар (чашм) андохтан (афкандан)», аслан, ба чизе сатҳӣ як нигоҳ карданро ифода мекунад, ки баъзан тасодуфан воқеъ мегардад. Бо ин тобиши маъно антоними «*чашм дӯхтан*» аст, зеро ин ВФ тобишҳои маънои ба як нуқта нигаристан ва як муддат тул кашидани нигоҳро ифода мекунад.

Дар истифодаи ин ВФ низ С. Айнӣ ба ҷанбаи иҷтимоӣ, маърифатии он бештар эътибор додааст. Ҷолиб аст, ки нависанда онро бо обуранги услубии муътадил ё мусбат ба кор мебарад:

1. Ҳар касе ки *ба* аҳвол ва тарзи идораи ҳукумати Бухоро *назар андозад*, гуфтаҳои моро чун офтоби чоштгоҳӣ равшан ва ҳувайдо мебинад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 144).

Дар ифодаи шуғл варзидан бо кору амале ба таркиби он калимаи «домон» ворид мешавад, ки бо даст ё чанг задан таносуби маънои наздик дорад:

2. Мо пеш аз он ки таъсир ва муносибати Иинқилоби Уктабрро ба олами Шарқ нависем, лозим аст ба аҳволи ин олам, ки пеш аз инқилоби Уктабр буд, *як назар андозем* (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 63). 3. …қитъаи

Силезияи Боло, ки полокҳо дар он ҷо *чашм андохта буданд*, ба ёрмандии Франсия ба муқобили Олмония фитнаҳо эҷод карданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 245).

Маълум аст, ки мафҳуми «рӯзнома» ва таркиби рехтаи солҳои бистуму сиюми асри гузаштаи ҳаёти сиёсию маърифатии ватанамон «сайфу қалам» бо маънои «домон» иртиботи маъноие надорад. Дар ин ҷо калимаи мазкур маънои умумии кору пайкор ва фаъолияти аъзоёни ҷомеаро бо оҳанги даъват ифода намудааст. Чунин вожаю таркибҳо дар матбуоти даврӣ ифодагари руҳияи инқилобии ҷомеаро барҷаста ифода менамуданд. С. Айнӣ ҳам аз ҳамин имконоти услубии забони матбуоти онзамона бо камоли майл фоида бурдааст.

Дар матни чорум **чашм дӯхтан** омадааст, ки дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ба ду маъно омадааст: 1. *Ба касе ё чизе бодиққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан, интизор шуда мондан, 2. Ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан* [Фозилов М., 1964, с. 375]*: М*ан *ду чашмамро ба ӯ дӯхтам* (С. Айнӣ).

Дар матни панҷум ВФ-и *чашми тамаъ дӯхтан* омадааст, ки маънои дуюми дар фарҳанг овардардашударо дар бар мегирад, яъне *ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан.* Дар ин ҷо ин ВФ-ро нависанда кӯтоҳ ва муҷаз ба маънои *сармоядорони Ғарб бо мақсади фоида ба даст овардан ба Шарқ ҳуҷум карданӣ ҳастанд* овардааст.

Дар матнҳои зерин нависанда ба воситаи исми **чангол** чанд варианти воҳиди фразеологӣ сохтааст,ки ВФ-и «*ба чизе даст задан*» ва вариантҳои он «*ба чизе чанг задан*», «*чангол задан*», аслан, амали номатлуб, кирдори густохонаро ифода мекунад. Ин ВФ ҳам ба маънои моддӣ «*даст ба табақи ош зад*» ва ба амали бад машғул шуданро ифода мекунад.

1. Кордорони Ҷумҳурияти Тоҷикистонро лозим аст, ки дар ин кор ҷиддитар кӯшиш карда, ба василаҳои китобҳозиркунӣ *чанг зананд* … (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 86). 2. Барои расонидани ин гурӯҳ, мо

маҷбурем ба тарафи матбуот илтиҷо барем, *ҳама якдилу якзабон шуда чанг ба домони рӯзнома занем*, яъне ҳеҷ фурсатро аз даст надода, ба воситаи рӯзномаҷот фикри худро танвир ва маълумоти худро тавсеъ намоем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 104). 3. …агар мо ҳаёт хоҳем, бояд фурсат нагузаронда, *чанг ба домони сайфу қалам занем* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 155).

Чанг задан-1. ба коре машғул шудан, ба коре қасд кардан. 2. *ба чизе, касе дарафтодан, часпидан* [Фозилов М., 1964, с. 358].

Чанг задан мисли «*ба коре даст задан*» обуранги ҳиссии манфӣ дорад. С. Айнӣ инро сарфи назар кардааст. **Чанг задан**ро ба маънои мусбат кор фармудааст.

Чанг ба домони сайфу қалам задан. Ин ВФ-и мусбат буда, ба маънои *ба коре машғул шудан, ба коре қасд кардан* истифода гардидааст.

ВФ-и *аз чанголи фалокати хонумонсӯзи гуруснагӣ эмин мондан* дар матни зерин ба маънои *аз гуруснагӣ ҳалок нашудан* ва *пеши роҳи гуруснагиро гирифтан* истифода гардидааст:

Дар сурати муованати умумӣ аст, ки як қисми бани навъи мо *аз чанголи фалокати хонумонсӯзи гуруснагӣ эмин монда*, тухму донаю ҳайвоноти воситаи зироат ва зиндагониашон солим буда, дар оянда барои зироат ва фалоҳаташон роҳ ва имкон монад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 255).

Ифодаи ВФ *чангол задан*-, ки маънои чизеро дар зери итоати худ даровардан, ба чизе зарар расониданро дошта, маънои манфӣ дорад. Аз вақте ки англисҳо ба Миср *чангол задаанд*, ҳамеша осори ҳаяҷон дар муқобили эшон дида мешавад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 158).

Чангол задан чор зинаи манфӣ дорад:

1) ба чизе даст задан

2) чанг задан

3) чангол задан

4) панҷа андохтан

Дар матнҳои зерин нависанда ба воситаи исми *панҷа* чанд воҳиди фразеологӣ сохтааст: *панҷа андохтан*, *асири панҷаи зулм будан, дар зери панҷаи чизе асир будан, дар панҷаи касе гирифтор шудан, аз панҷаи касе эмин будан:*

Давлати Англис барои *панҷа андохтан* ба ин рақиби нав низ ҳозирӣ мебинад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 246). Русияе, ки дар роҳи иинқилоб ва озодӣ ба тамоми аксулҳаракатчиёни дохилӣ ва хориҷӣ мубориза карда, ба ҳамаи душманони худ ғалаба намуда, меҳнатро аз сарват ва сармоя халос кард, имрӯз *дар панҷаи балои осмонӣ* ва фалокати ногаҳонӣ гирифтор аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 254).

ВФ-и *панҷа андохтан* ва *асири панҷаи зулм будан* – обуранги ҳиссии манфӣ дорад.

Нависанда барои ҷаззобу чашмрас шудани эҷодиёти худ ҳамеша аз ифодаҳои муносиб ва аз ганҷинаи бойи луғавии забон моҳирона истифода мебарад:

Чун дар ҷанги охирини панҷсола аз ҳама зиёдтар ***хуни*** *ранҷбари Русия* ***рехт***, аз ҳама зиёдтар *қути лоямут*и деҳқонони Русия ***аз даст рафт***, умуми ранҷбар ва деҳқон ва аскари Русия, алами инқилобро бардоштанд, Николай ва итбоашро *ба ҷаҳаннам фиристоданд*, чун диданд, ки Ҳукумати муваққата (ҳукумати Керенский) аз хати ҳаракати ҳукумати Николай раҳсипор шуда, ба хаёли гирифтани Истомбул ва нишондани салиб бар сари манораи масҷиди Аясофия ҷангро давомат кунонад, онро низ *аз миён бардошта*, шурои аскару деҳқон ва ранҷбарро ба ихтиёри комила бар сари кор оварданд… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 117). Баъд аз он ки Бухоро мавқеи маданӣ ва илмии аввалии худро *аз даст дод*, боз шуҳрати аввалияаш боқӣ монд, вале дареғо, ки ин шуҳрат иборат аз як ***шуҳрати козиба*** гардида буд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 186).

Воҳидҳои фразеологии «*ба ҷаҳаннам фиристоданд*» варианти «*ба асфалассофилин фиристодан*» буда, ба маънои *нобуд кардан* омадааст, бори дуюм чун ҳаммаънои воҳиди фразеологии «*аз миён бардоштан*»

истифода шудааст. Воҳидҳои фразеологии «*ба ҷаҳаннам фиристодан*» ва «*ба асфалассофилин фиристодан*» обуранги ҳиссии манфӣ доранд ва дар матни публитсистӣ ҳиссиёти манфии нигорандаро барҷаста ифода мекунанд. Истифодаи чунин унсурҳои луғавию фразеологии муассирмаъно яке аз хусусиятҳои услуби забони публитсистии солҳои баъди инқилоб ба шумор мераванд. Ин тамоми нигориши публитсистӣ на танҳо дар мақолаҳои С. Айнӣ, балки дар навиштаҳои рӯзноманигорону адибони дигари солҳои бистуму сиюми садаи гузашта низ мушоҳида мешавад.

Инчунин дар ин ҷо ВФ ***шуҳрати козиба*** истифода гардидааст, ки сохтаи С. Айнӣ аст. Ин ВФ дар шакли ***субҳи козиб, субҳи содиқ*** машҳур аст, **субҳи козиб** ин субҳи дурӯғин, яъне нисфи шаб бо равшан шудани осмон кас фикр мекунад, ки рӯз шудааст, аммо ин субҳи дурӯғин аст, ки **субҳи козиб** мегӯянд. Аммо **субҳи содиқ** дамидани субҳ, ҳангоми саҳар, ки ин субҳи ростӣ аст. С. Айнӣ ба ҳамин ВФ пайравӣ намуда ВФ ***шуҳрати козиба*** сохтааст, ки маънои ***шуҳрати дурӯғинро*** дорад.

Дар матнҳои зерин *камари ҳиммат бастан, камари итоат бастан* ва *мижгони шуҷоат* истифода гардидаанд, ки («инвариант») варианти пурраи он ВФ-и «*камари ҳиммат бастан*» аст. Аз ин вариантҳо аз ҳама асосӣ «*ба коре камар бастан*» буда, аз ҳама маъмули он «камари ҳиммат (итоат) бастан» аст. Инчунин, ВФ-и *«дасти дӯстӣ дароз кардан»* омадааст, ки маънои *ёрӣ расондан ба касе*ро дар бар мегирад. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ду маънои ин ВФ дарҷ гардидааст: *Дасти дӯстӣ дароз кардан // Дасти ёрӣ додан – ба касе ёрӣ додан, кӯмак кардан, мададгорӣ кардан* [Фозилов М., 1963, с. 308].

Аз вариантҳои ин ВФ аз ҳама асосӣ *даст дароз кардан ба чизе, дасти дӯстӣ (ёрӣ, мадад…)* маънои мушаххас дорад.

Ҳамин буд, ки тохтутози Колчок, тазйиқи Деникин, ҳуҷуми Юденич, таҳдиди Англис ва Франсия ҳам *ба мижгони шуҷоати ҷавонмардони инқилоб нарасонд* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 145). Дар натиҷаи ин ғалабот, дували кӯчаки ҳамсоя *дасти дӯстӣ* ва мусоламат *дароз карданд*, уламои

бетараф ва ҳунарварони мутахассиси *дудила якдила шуда,* ба хидмати Ҳукумати Шурої *камари итоат бастанд* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 145). Мунтазир бошанд, ки ранҷбарони Русия барои истихлоси Шарқ ***камари ҳиммат бастаанд***… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 119).

Аз по даровардан (дарандохтан) ба маънои *куштан* омадааст, ки ин архаизми ВФ мебошад. Дар матни зерин варианти воҳиди фразеологии *«аз по даровардан» «аз по дарандохтан»* ба маънои нест кардан истифода шудааст:

…ашхоси мазкур ҳамаи ин корҳоро аз шахси рафиқ Акобир дониста дар саддади *аз по даровардани* ӯ шуданд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 211). Ба ранге, ки се сол боз дидем ва тафсилоташро дар ҷароид хондем, ҳамаи душманони дохилӣ ва хориҷиро *аз по дарандохтанд* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 213).

Ибораи фразеологии «*чизеро ба гардани касе бор кардан*» низ дар мақолаҳо маънои сиёсию иҷтимоӣ пайдо карда, дар вариантҳои гуногун истифода шудааст:

Муттафиқҳо баъд аз он *ба гардани коргарон*и Олмон *бори сангинро гузоштанд*, ҳоло ба тақсими Туркия шуруъ кардаанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 102). …ҳукумати Эронро, ки ҷуз номе беш намонда буд, ба аҳдномаҳои мутааддида *дар зери борҳои хеле сангин андохта буданд* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 242). Лекин дар халос кардани Шарқ *вазифаи бузург* ***ба гардан****и худи аҳли Шарқ* ***меафтад…*** (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 119).

Дар зери борҳои хеле сангин андохта буданд – ВФ киноя аз ҳоли бад.

Дар аснои мусофират *гарму сарди дунёро бисёр чашид*, ба маҳофил ва маҷолиси расмӣ ва ғайрирасмии дувал ва милали мухталифа дохил шуда, ба ақидаи сиёсии эшон вуқуфи тамом пайдо кард, ба ҳақиқати «масъалаи Шарқ» ва роҳи истихлоси Шарқ пай бурд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 114).

ВФ-и *гарму сарди дунёро чашидан, дидан, паси сар кардан* ба маънои *таҷрибадор* омадааст, ки нисбат ба одамони калонсол гуфта мешавад ва дар ин матн низ ба ҳамин маъно омадааст, яъне *таҷрибаи зиёде пайдо кардан.*

Қавми тотор ва бошқирд, ки *солҳои дароз заҳри дар зери ҳукумати император буданро чашидаанд*, … урдуҳои мустақил омода мекунанд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 133).

ВФ – *заҳри чизеро чашидан* ба маънои азоб кашидан, дар зери меҳнати сангин асир мондан омадааст.

Ҳуш аз сар парида, тоқат ба бадан хайрбод гуфт. Дар баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтам *(Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 151)*.

Ҳуши касе аз сар парид-1. Ҳайрон, моту мабҳут шудан, 2. Сахт тарсидан [Фозилов М., 1964, с. 625].

Дар ин матн чанд нуктаи тарзи корбурди ВФ-ро қайд кардан лозим аст:

Аввалан, се ВФ-ро дар як матн паси ҳам кор фармудан худ аз маҳорати адиб дар истифодаи ин ганҷинаи забони мардумӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дуюм, ВФ-и «Ҳуш аз сар парид» дар шакли кӯтоҳшудаи (универбатсия) – «*мурги ҳуш аз сар парид*» ва ВФ-и «*дар баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтан*» дар шакли комил, бидуни ихтисори калимаи бунёди ибора – *ба хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтан*.

Сеюм, ба тарзи такмилёфта ва эҷодкорона ба кор бурдани ВФ-и «*тоқати касе тоқ шуд*», «*тоқат ба бадан хайрбод гуфт*» далели он аст, ки С. Айнӣ аз табиати сохту таркиби чунин воҳидҳои забон огоҳии комил дорад, бинобар ин ба маъно халал ворид накарда, вариантҳои нав эҷод карда метавонад.

Дар баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтан варианти комили ин воҳиди фразеологӣ буда, ба маънои *дар бораи чизе фикр кардан* истифода мешавад.

Дар ин ҷо *«Тоқат ба бадан хайрбод гуфт»* варианти *«тоқати касе тоқ шуд»* аст, инчунин *тоқат ба бадан хайрбод гуфт*-муродифи ВФ *//косаи сабри касе лабрез шуд* ва таркибҳои феълии *// бетобу тоқат шуд // сабру тоқат карда натавонист* аст.

Ҳамин тавр, ҳангоми самаранок истифода намудани ВФ ҳодисаи вариантнокии онҳо бояд ба инобат гирифта шавад, зеро ҳар як варианти ВФ метавонад чун воситаи муассири забон дар образофарӣ, таъсирбахшии матлаб корбаст шавад. Ҳамзамон ҳар адибе, ки дар заминаи ВФ-ии маъмул варианти нав меофарад, ба таркиби ВФ компонентҳои нав илова мекунад ва ё сохт ва таркиби гунаҳои воҳидҳои фразеологиро тағйир медиҳад, бояд аз бойигарии луғавию фразеологии забони тоҷикӣ, нозукиҳои маъноӣ ва мавриди кор фармудани онҳо ба хубӣ огоҳ бошад. Аз таҳлили маводи мақолаҳои устод Айнӣ бармеояд, ки нависанда гунаҳои гуногуни воҳидҳои фразеологиро моҳирона ба кор бурда, баъзан бо ғарази услубӣ гунаҳои маъмули воҳидҳои фразеологиро такмил додааст.

Хулоса, ҳар як нависанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар эҷодиёташ воҳидҳои фразеологии навро бо ягон ғарази услубӣ ва ё обуранги услубӣ истифода намояд. Ҳангоми тадқиқи мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ маълум гардид, ки адиб дар асоси варианти маъмул вобаста ба талаботи фикр ва тақозои услуби эҷодиаш гунаҳои нави воҳидҳои фразеологиро сохта, дар мақолаҳояш кор фармудааст.

2.6. Ифодаҳои маҷозӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ

Ифодаҳои маҷозӣ яке аз воситаҳои таъсирбахши забон ба ҳисоб мераванд. Онҳо матлабро образнок ва таъсирбахш ифода мекунанд ва ба воситаи обуранги дилпазир ва бадеиёт тасвирро зиндаю ҷозибанок мегардонанд Вақте ки нависанда фикрро ба воситаи ифодаи маҷозӣ баён мекунад, гӯё тасвир дар пеши назар ҷон гирифта, зинда мешавад [Камолиддинов Б., 1973, с. 60].

Дар нутқ ва ё навиштаҷот калимае аз доираи муқаррарии истеъмолиаш баромада, бо калимаҳои дигаре таносуби маъноӣ пайдо мекунад. Масалан, калимаи «**оташ**» бо таъбирҳои *«баланд», «паст»* ва ғайра меояд, ки мавриди асосии истеъмоли он ба шумор меравад, вале дар мақолаҳои С. Айнӣ калимаи *«оташ»* ба калимаҳои дигар омада, ифодаҳои маҷозӣ сохтааст: **оташи инқилоб, шарораи оташи таътил, нутқҳои оташин, хатибони оташзабон.**

Афзалияти умумии услуби нависанда ҳам дар ин ҷост, ки дар тасвири лаҳзаҳои ҳалкунандаи воқеа ифодаҳои муносиб дарёфта, ҳартарафа санҷида, ба кор мебарад.

Дар мақолаҳои публитсистии нависанда вазъияти зиндагии халқи тоҷик ва воқеаҳои дар замони барқарорсозии Ҳукумати Шуравӣ ва давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба риштаи тасвир кашида, барои таъсирбахш ва муассирии матн тавассути исмҳо ифодаҳои маҷозии исм, сифат ва феъл эҷод кардааст. Калимаҳо ҳеҷ гоҳ тасодуфан бо ҳамдигар алоқаманд шуда омада, ифодаҳои маҷозӣ намесозанд, дар байни онҳо аз ягон ҷиҳат алоқаи маъноӣ вуҷуд дорад.

Ифодаҳои маҷозиро аз ҷиҳати мансубияти морфологии калимае, ки ба маънои маҷозӣ омадааст, гурӯҳбандӣ мекунанд. Масалан, дар ифодаҳои маҷозии исмӣ калимаи маҷозан кор фармудашуда исми моддӣ буда, калимаи ба маънои аслӣ омада исми маънӣ аст. Дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ифодаҳои маҷозии исмии зерин ба кор бурда шудаанд: ***чоҳи*** *бедоди асорат*; ***оташи*** *инқилоб;* ***шарораи оташи*** *таътил*;

***сели** балои ҷанги умумӣ*; ***домани** олами Шарқ; **селоби** гуруснагӣ; **занҷири** бедод; **шарбати** маориф; **саҳнаи** матбуот; **бистари** гафлат ва атолат; **хоби** гафлат:*

Империёлистҳо мебинанд, ки *оташи ишқилоби* иҷтимоӣ ба чӣ *тундӣ* сар то сари дунёро иҳота мекунад, ба чораи охиринашон *чанг зада*, кувваи охирини худро ҷамъ карда, ба *оташи ишқилоб* меандозанд, ки ин *оташро* хомӯш намоянд. Вале *оташ* торафт шиддат мекунад ва аҳволи империёлистҳо рӯз то рӯз *сангинтар* мегардад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 101).

Оташи** инқилоб* ифодаи маҷозии исмист, ***инқилоб ки маънои иҷтимоӣ дорад, исми маънӣ буда, бо исми ***оташ**,* ки мафҳуми мушаххасро ифода мекунад, алоқаманд гардида ифодаи маҷозӣ сохтааст. Истилоҳи иҷтимоии *инқилоб* бо мафҳуми табаддулоти сиёсии иҷтимоӣ бо калимаи *оташ*, ки воситаи табдили як ҳолат ба ҳолати дигар аст, қаробати умумӣ дорад.

Як хусусияти услуби нигориши С. Айнӣ он аст, ки дар заминаи ифодаҳои маҷозӣ равиши муҳокимаро ба воситаи интишори маънои ҷузъи маҷозии ифода – *оташ* тезу тунд мегардонад.

Дар ин матн ба тундӣ сар то сари дунёро фаро гирифтани инқилоби иҷтимоӣ ба зуд паҳн шудани оташ шабоҳат дорад. Чунон ки дар ҳолати рух додани сӯхтор мардум ба таҳлука афтода, ба хомӯш кардани он мекӯшанд, қувваҳои иҷтимоӣ ҳам тамоми қувваи худро ба фурӯ нишондани инқилоби иҷтимоӣ равона мекунанд. Ба қавли С. Айнӣ, он «оташ» торафт шиддат мекунад ва аҳволи империалистҳоро рӯз то рӯз сангинтар мегардонад.

Ифодаҳои маҷозии сифатӣ. Агар дар ифодаҳои маҷозӣ ҷузъи маҷозан корфармуда сифат бошад, ифодаи маҷозии сохташуда сифатӣ мешавад: *хатибони **оташзабон**, нутқҳои **оташин*** ва ғайра. Мисол:

Дар маҷлисе, ки бо тантанаи тамом… ороста шуда буд… аз тарафи вакилҳои Туркия *нутқҳои оташин* гуфта шуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9. 184).

Дар ин ҷо *нутқҳои* ***оташин*** ифодаи маҷозии сифатӣ буда, барои образнок баромадани фикр истифода шудааст, вагарна ҳеҷ нутқ оташин намешавад. Аммо барои таъсирбахш баромадани сухани гӯянда нависанда ин ифодаи маҷозиро моҳирона ба кор бурдааст. Маълум аст, ки нутқи дурударози якнавохт шунавандаро дилгир мекунад. Агар мавзӯи гуфтор ҷолиб бошад, шунаванда бодиққат гӯш мекунад. Бар замми ин, нутқ бо эҳсосот ва таъсирбахш бошад, онро бо таъсир ва гармии оташ монанд кардан мумкин аст.

Ифодаҳои маҷозии феълӣ.

Агар дар таркиби ифодаҳои маҷозӣ ҷузъи маҷозан корфармудашуда феъл бошад, ифодаҳои маҷозии феълӣ ба миён меоянд, чунончи: Эрон низ ***қомати шашҳазорсолаи хамшудаи худро рост кард;*** рӯзнома ***ба саҳнаи матбуот қадам гузошт*** ва ғайра.

Умед аст, ба зудӣ ба расидани урдуи Шарқи усмонӣ ва ба қиёми умуми ранҷбарони Озарбойҷону Доғистон ва Гурҷистон ва ба вуруди ӯрдуи халоскори Шарқ аз Русия дар Эрон низ қиёми умумӣ воқеъ шавад, Эрон низ *қомати шашҳазорсолаи хамшудаи худро рост карда, аз пушти худ бори Англис ва англиспарастонро ба дур андозад* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 123).

Ифодаи маҷозии феълии «Эрон низ *қомати шашҳазорсолаи хамшудаи худро рост карда, аз пушти худ бори Англис ва англиспарастонро ба дур андозад»* матлабро ҳам саҳеҳу образнок ифода мекунад ва ба туфайли обуранги дилпазири худ тасвирро зиндаю ҷозибанок гардонидааст. Вале дар ҷумлаи «*Бо таъсири мусиқӣ хотираҳо айёми гузаштаи таърихиро ба ёд меовард*» мақсадро дуруст ифода карда тавонад ҳам, вале хушку камтаъсир аст, ба хонанда завқи бадеӣ

намебахшад. Вақте ки нависанда ҳамон матлабро бо ифодаи маҷозӣ баён мекунад, гӯё тасвир дар пеши назар ҷон гирифта, зинда мешавад:

Ба таъсири ҷонбахшои мусиқӣ хотираҳо *зинда шуда*, айёми гузаштаи таърихиро *ба ёд меовард*, *хаёл бол кушода* ба ҳазор *орзуву омол* айёми ояндаро *сайру тайр* мекард… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 151).

Дар ин ҷо хотираҳо *зинда шуда*, *хаёл бол кушод* ифодаҳои маҷозии феълӣ буда, матлабро образнок ва табиӣ ифода кардааст.

Хулоса, ифодаҳои маҷозӣ ба мисли воҳидҳои фразеологӣ матлабро муассир ва образнок ифода мекунанд, бинобар ин С. Айнӣ ҳам дар мақолаҳояш аз ифодаҳои маҷозӣ ҳамчун воситаи лексикӣ – семантикии муассир ифода кардани фикр истифода кардааст. Бояд хотирнишон кард, ки ифодаҳои маҷозӣ бештар дар жанрҳои бадеӣ – публитсистӣ ба кор бурда мешаванд. Аксарияти мақолаҳои С. Айнӣ ҳам дар ҳамин жанрҳо навишта шудаанд.

БОБИ III
БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СИНТАКСИСИИ ЗАБОНИ МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

Дар илми наҳв алоқаманд намудани калимаҳоро дар матн бо ибора ва ҷумлаҳои сода, ки ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб ва матнанд, чун тарзу усулҳои ифодаи фикр меомӯзанд, бинобар ин, воҳидҳои наҳвӣ бунёди грамматикии ҳар забонро ташкил медиҳанд. Чунон ки тадқиқгари забони осори бадеии устод Айнӣ Н. А. Маъсумӣ менависад:

«Забони як нависанда дар баробари ин ки ҳамаи имкониятҳои забони умумихалқиро дар бар мегирад, дар ин бобат ҳам бо хусусиятҳои махсуси худ аз забони нависандагони дигар фарқ мекунад. Тафовути нисбии сохти синтаксисии забонро на танҳо дар байни нависандагони ҷудогона, балки дар байни асарҳои ҷудогонаи як нависанда ҳам хеле равшан дидан мумкин аст. Ин, аз як тараф, инкишофу такомули тадриҷии забони нависандаро нишон медиҳад, аз тарафи дигар, хусусиятҳои услубии забони нависандаро дар системаи забони адабӣ ва забони эҷодиёти бадеии худи нависанда муайян мекунад» [Маъмумӣ Н., 1976, с. 299]. Барои ифодаи саҳеҳу равшани мафҳум интихоби калима чӣ андоза муҳим бошад, дар баёни фикр тарзи ҷо ба ҷо гузоштани калима, сохтани ибораю ҷумлаҳо, ки барои хеле мухтасар, вале пурра ва амиқ ифода кардани фикр қобил бошад, ҳамон андоза аҳамият дорад. Устоди каломи бадеъ, нависандаи нуктасанҷи рус Л. Н. Толстой маҳорати эҷодии нависандаро дар интихоб карда гирифтани ягона калимаи матлуб ва танҳо дар ҷойи худаш кор фармуда тавонистани он медид [Маъсумӣ Н., 1976, с. 114 – 115].

Хизматҳои барҷастаи С. Айнӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки вай ба сохти ҷумлабандиҳои анъанавии классикӣ тағйирот даровард, истифода бурдани бисёр калима ва ибораҳои ба забони ҳозираи тоҷикӣ хосро аз ҳаёти оммаи васеи миллати тоҷик гирифт, ки ин ҳама, бешубҳа,

муваффақиятҳои барҷастаи нормаи грамматикаи ҳозираи моро таъмин намуд.

С. Айнӣ натиҷаи таҷриба ва кӯшишҳои нависандагони замони худ, бештарин омилҳои сода ва оммафаҳми забони зиндаи умумихалқии солҳои 20-уми асри XX-ро ба қадри имкон аз худ кард ва бо он забон аз воқеаву ҳодисаҳои замони худ тариқи рӯзномаву маҷаллаҳо ба омма пешкаш кард.

Устод Айнӣ дар забони мақолаҳои публитсистиаш ягон ибора ва ё ҷумларо нодуруст истеъмол накардааст, балки ҳамаи ифодаҳо бо қонуниятҳои маъмули грамматикӣ сурат ёфтаанд. Нависанда забони мақолаҳоро бо услуби публитсистӣ, воситаҳои тасвир ва воҳидҳои лексикӣ ҷиҳозонидааст, ки инҳо, бешубҳа, ба забони мақолаҳо, хусусан ба сохти синтаксисии ҷумлаҳо, мавзунӣ, ҷозибанокӣ бахшидаанд.

Дар забони мақолаҳо хусусиятҳои наҳви насри классикӣ, агар баъзе ибора ва тарзи баёни ба шарҳи амалу ҳолат ва ҳодисаю воқеаҳои давраи аморати Бухоро мансуббударо истисно намоем, тамоман ҷой надоранд. Ҳамаи ибора ва ҷумлаҳои мақолаҳо дар асоси забони адабии тоҷик сурат гирифтаанд. Масалан, ибораҳои масдариро гирем:

Барои омӯзгор ***расонидан*** *ба ҳар тарафи мамлакат ва ба ҳар ҷое ки худи мо хостем, курси омӯзгорон кушода, маишати давомкунандагонро аз худ таъмин кард (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 39). Дар болои асорати сиёсӣ асорати иқтисодӣ ҳам мисли як занҷир ба гардани мо афтодан гирифт (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 38).*

Ибораҳои масдарӣ мувофиқи қонуни маъмули сохти грамматикии забони адабии имрӯзаи тоҷик сурат ёфтаанд. Дар онҳо алоқаи маъноии калимаҳо, муносибати маъноии ёридиҳандаҳои нутқ, ҷобаҷогузории калимаҳо пурра риоя шудаанд: *Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем… ва дар солҳои охирӣ баъзе мутафаккирини аз байни мо сар барзада дарди моро ба худи мо нишон* ***доданд****, давои ин дард илму маърифат* ***буданро*** *ба мо* ***фаҳмонданд*** *ё* ***хостанд*** *бифаҳмонанд, мо чун*

омосдоре, ки дар муқобили ништари ҷарроҳ мешӯрад, гавго мекунад, шӯридем, гавго барпо кардем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 38).

Дар ин матн ҷонишини «мо» бо мақсади таъкид ва саҳеҳ ифода кардани фикр оварда шудааст ва «шӯридан» ҳаммаънои «ба шӯр омадан» аст. Он ба маънои «ошӯб» буда, маънои иҷтимоӣ дорад, на маънои ҳолати шахс. Айнӣ ифодаи кӯтоҳро меписандад.

Дар қолаби ҷумлаи сода омадани ҷузъҳои ибораи масдарӣ дар осори С. Айнӣ аҳёнан вомехӯрад: Давои ин дард илму маърифат аст – давои ин дард илму маърифат будан // илму маърифат будани давои ин дард.

Чунин ибораҳои масдарӣ осон ба ҷумлаи пайрав бармегарданд, чунки тартиби калима тағйир намеёбад: *Ба мо мефаҳмонанд, ки давои ин дард илму маърифат аст.* Аслан, дар забони тоҷикӣ қолаби ҷумлаи мураккаб мақсадро осон, равшантар ифода мекунад.

Сараъзо ва аъзоҳои пайрав дар мақолаҳои солҳои 20-ум мавқеи муайяне доранд, ки дар онҳо пешояндҳо вазифаи хоси худро ба ҷо меоваранд. Пайвандак барои таъмин намудани муносибати пайдарҳамии амалу ҳолатҳо хизмат мекунад. Бандаку пасояндҳо вазифаи хоси грамматикии худро адо мекунанд.

Ҳамаи ибора ва ҷумлаҳои мақолаҳо дар баёни фикр ифодаҳои ба худ хос доранд. Дар онҳо, пеш аз ҳама, хусусиятҳои услубӣ ва грамматикии ҷумлаҳо риоя карда шудааст.

3.1. Хусусиятҳои услубии ибораҳоии масдарӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ

Дар забони мақолаҳо барои нишон додани амалу ҳолат ва шарҳи онҳо, кушода додани чигунагии муносибати бо ҳодисаҳои зиндагӣ вобастаи аъзоҳои ҷумла ибораҳо роли муҳим мебозанд. Онҳо, хусусан, барои шарҳи ҳоли замон, сабаб ва мақсад бештар истифода мешаванд. Агар аз истеъмоли ҷумлаҳои пайрав (дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ) як дараҷа мураккабии сохти синтаксисии ҷумлаҳои нависанда ба назар ояд, аз истеъмоли ибораҳо ба ҳамон андоза содагии сохти синтаксисии ҷумлаҳои ҷудогона зоҳир мегардад. С. Айнӣ ибораҳоро маҳз бо мақсади ифодаи ҳолатҳои гуногун кор мефармояд.

Ибораҳои масдарӣ дар мақолаҳои нависанда бештар бо мақсади ба таври тафсилӣ ифода намудани амалу ҳолат кор фармуда мешаванд:

Дар замони истибдод ***ба хондан ва хонондан***, ***дар навиштан ва нашр кардан*** *озод набудем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 44). Нахуст ин, ки иборат аз «умумӣ ва ихтиёрист», ҳанӯз дар байни мо номавҷуд аст, ҳатто мардуми* ***мо чӣ будани таҳсил****и «умумӣ ва ихтиёриро» намедонанд. Таҳсили умумӣ ва ихтиёрӣ иборат аз* ***таҳсили илм ва маърифат кардани ҳар шахс аст****, ба ҳар синну сол, ки бошад ва ба кадом воситае, ки дарояд, аз ғайри иҷбори шахсе ва қуввате (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 47). Масъалаи муфиде, ки аз мулоҳизот ба даст даромадааст, ба қадри имкон аз ҳамон соат ё эътиборан, кадом вақте ки фурсат ёфт,* ***ба ҳаёт ва зиндагонии худ ва умум татбиқ кардан*** *мехоҳад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 48). Агар кушташудагон сад ё дусад нафар мебуданд, мегуфтем, шояд саҳв шуда бошад, агар кушташудагон билфеъл* ***ҳаракате мекарданд****, мегуфтем, ҷазои амали исёнашон аст, мутаассуф ба ноҳақ кушта* ***шуданд****, барои* ***шодоб кардани ташнагони хуни одамӣ*** *кушта шуданд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 55).*

С. Айнӣ дар истеъмоли ибораҳои масдарӣ равияи ба худ хос дорад. Масалан, вақте ки нависанда мехоҳад, натиҷаи амали тасвиршуда ба назари хонанда дар мадди аввал хотирнишон карда шавад, вай калимаи тобеъкунандаи ибораро дар ҷойи аввал мегузорад:

Барои раво доштани ин қисм сулук *хеле беҳаёӣ ва бевиҷдонӣ лозим аст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 54). Барои* ***омӯзгор расонидан*** *ба ҳар тарафи мамлакат...****курси омӯзгорон кушодан*** *зарур аст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 56) Ҳукумат барои* ***таъсиси макотиб,*** *… ва* ***расонидани муаллим*** *хеле кӯшишҳои ҷиддӣ ба кор бурд ва мебарад, ки шоҳидаш пеши назари мо ба майдон муҷассам истодааст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 59)…* ***барои омода кардани китоби форсӣ*** *кӯшише ҳаст ё нест, ин ҳам ба мо маълум нест (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 60).*

Дар матни боло муродифи ***расонидани муаллим // омӯзгор расонидан*** омадааст.

Ибораҳои масдарии дар мақолаҳои С. Айнӣ истифодашуда маънoҳои замон, сабаб ва мақсадро ифода мекунанд. Агар дар таркиби ибораҳои масдарӣ пешояндҳои ифодакунандаи маънои замон (пас аз, баъд аз, дар вақти, ба вақти ва ғ.) омада бошанд, маънoҳои гуногуни замонро ифода мекунанд. Мисол: *Дар* ***пас мондани тоҷикон*** *аз дигар қавмҳои Туркистон, албатта, ин ҳол айб аст* (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 66).

Ифоданокии ибораҳои масдарӣ дар он аст, ки онҳо баробари ба амал алоқаи ҷудонашаванда доштани субъектро фаҳмонидан, ба туфайли маънoҳои замонии таркибҳои ҷудогонаи худ (пас аз, баъд аз, дар вақти, ба вақти ва ғайра), бо амали асосии ҷумла, ки дар семантикаи феълҳои мустақилмаъно ифода меёбанд, муносибатҳои гуногуни замонӣ дошта метавонанд, ба туфайли пешояндҳои гуногун (ба, барои, дар, то ва амсоли инҳо) бошад, маънoҳои мухталифи модалиро ифода мекунанд [Ҳусейнов Х., 1973, с. 137]. Маънoҳои, сабаб ва мақсад дар мақолаҳо бештар бо пешоянди ***барои*** ифода гардидаанд:

Агар деҳқонони босавод дар курсҳое, ки барои ***барҳам додани бесаводӣ*** *кушода мешавад, ҷамъ шуда, рӯзе чанд тартиби таълимро бинанд, ҳар кадоми эшонро мумкин аст, ки дар зарфи се моҳи зимистон даҳ-понздаҳ нафар бародарони худро дорои хату савод намоянд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 62). Барои ба роҳ* ***андохтани*** *мактабҳои тоҷик нахустин мартаба муаллим (омӯзгор) ва китоб даркор аст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 68).*

Ибораҳои масдарӣ баробари ифодаи маънои замонӣ ва сабабӣ ифодаи мақсадро ҳам нишон медиҳанд:

Ба муқобили ин гурусначашмон қиём карда, ***асоси ҳукуматдории эшонро барандохтан*** *аз манфиати муштаракаи ранҷбарони гарбӣ ва мазлумони шарқист (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 64). Ҳукумати Шуроӣ дасткушода шуда, ба корҳои дохилии худ шуруъ карда, ҳам бинобар* ***кушода шудани роҳҳои хорича*** *ва таъсиси муносибати тиҷоратӣ ба ойини мубодилаи амвол Ҳукумати Шуроӣ метавонад, ки дар кам фурсате буҳрони иқтисодии худро ислоҳ намояд (Айнӣ С., Ахгари ишқилоб, 230).*

Ибораҳои масдарӣ маҳз мақсади воқеъ гардидани амалиётеро, ки дар ифодаи хабарҳои асосии ҷумлаҳо баён карда шудаанд, нишон медиҳанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ибораҳои масдарӣ вазифаҳои гуногуни синтаксисиро иҷро мекунанд. Масалан, агар онҳо ифодаи замонӣ дошта бошанд, вазифаҳои ҷумлаҳои пайрави замон, ифодаи сабабӣ дошта бошанд, вазифаи ҷумлаи пайрави сабаб ва ифодаи мақсад дошта бошанд, вазифаи ҷумлаҳои пайрави мақсадро ба ҷо меоваранд.

3.2. Ҷумлаҳои сода дар мақолаҳои С. Айнӣ

Дар як қисм мақолаҳои С. Айнӣ матлаб дар қолаби ҷумлаҳои сода ифода гардидааст.

Вақте ки масъалаи муҳиммеро дар худи як ҷумла нишон додан зарур бошад, муаллиф бештар ҷумлаҳои хуллас ва ё тафсилиро ба кор мебарад. Ифоданокии ҷумлаҳои хуллас ҳам дар ҳамин буда, онҳо ҳар як воқеа, ҳодиса ва ё амалу ҳолатро бевосита, бе шарҳу эзоҳи иловагӣ ифода мекунанд. Ин хусусият дар вақти чида шуда омадани мубтадо ё хабар барҷаста намудор мегардад:

Мардум мегӯянд: «Ҳукумати Шуроӣ буду нобуди раияро рабуд, ин қадар тазминот андохт, ин миқдор мусодира кард…» (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 39).

Ин мисол ҷумлаи содаи дутаркибаи хуллас буда, дар таркиби он нутқи айнан нақлшуда оварда шудааст, ки ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ аст. Дар таркиби он ҳоли миқдори *ин қадар, ин миқдор* ва хабарҳои *рабурд, андохт ва мусодира кард* чида шуда омадаанд.

Агар ҷумлаҳои сода тафсилӣ бошанд, онҳо объекти тасвирро бо хусусиятҳои гуногунашон ба назар меоваранд. Ифоданокӣ ва роли тасвирии ҷумлаҳои содаи тафсилӣ ҳам дар ҳамин буда, хонанда дар онҳо на фақат як объект, инчунин амалу аломатҳои гуногуни онро ҳам дониста мегирад (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 146). Дар ин ҷо мисолҳоро дида мебароем: *Дар мақолаи гузашта таҳсили илмро ду қисм карда ва ҳанӯз татбиқ наёфтани қисми нахустинашро арз карда будем, дар ин мақола аз қисми дувумаш музокара меронем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 49)*.

Ин ҷумлаи содаи тафсилии чидааъзо аст.

Хулоса, ҷумлаҳои сода дар мақолаҳои С. Айнӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини тасвири воқеа буда, онҳо, одатан, бо мақсади дар шакли кӯтоҳи пурмазмун дода тавонистани амалу ҳолатҳо ва ҳиссиёти гуногун ба кор бурда мешаванд.

3.3. Ҷудокунии таркиби ҷумлаҳои мураккаб

Як роҳи ба таври мунтазам риоя карда шудани сохти синтаксисии забони мақолаҳо ба воситаи нуқта аз ҳам ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдори тобеъ ва пайваст мебошад, ки дар осори классикӣ ва С. Айнӣ ба таври васеъ корбурд шудааст. Доир ба ин мавзуъ Н. Маъсумӣ чунин фикр дорад: «Дар грамматика ба воситаи вергул аз ҳам ҷудо кардани таркиби ҷумлаҳои пайвасти хилофӣ ва бе ҳеҷ гуна аломати китобӣ ба ҳам пайвастани ҷумлаҳои сода бо пайвандаки «**ва**» қоидаи умумӣ ба ҳисоб меравад, аммо Айнӣ дар мавридҳои ҷудогона ин қоидаро риоя намекунад. Вай гоҳо пеш аз «**ва**» ва аксар пеш аз «**аммо**», «**лекин**» нуқта гузошта, ба ҷумлаҳои ба таркиби як ҷумлаи мураккаб ё банди синтаксисӣ дохилшаванда мустақилии шаклӣ – грамматикӣ мебахшад. Айнӣ ба ин восита ҳам равияи содагии сохти синтаксисии ҷумлаҳоро риоя мекунад, ҳам оҳангу тобиши суханро муайян менамояд [Маъсумӣ Н., 1959, с. 367]. Дар мақолаҳои публитсистии солҳои 20-уми С. Айнӣ ҳамин тарзи навишт ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда дида мешавад:

Як қисми ин шамшерҳо ва ин ҷавононро лозим аст, ки худамон омода кунем. ***Лекин*** *мо дар зарфи сесолаи инқилоб чанд нафар ҷавон ба сафи Асокири Сурх додем? Ҳеҷ!... (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 44). Оре! Дар замони истибдод ба хондан ва хондан, дар навиштан ва нашр кардан озод набудем.* ***Аммо*** *дар ин айёми озодӣ ба ҳеҷ ваҷҳ худро маъзур шумурда наметавонем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 44). Оре! Мо муаллим надоштем ва надорем, ин чанд нафаре, ки номи муаллимиро бардоштаанд, аз курси муаллимин баромадаанд.* ***Лекин*** *дар байни муаллимҳои ҳозираамон, чунон ки ҷавонони фаъоли муқтадири маърифатдӯст хеле ҳастанд, ашхоси нимсавод, танбал, бе ҳиссу ҳаракат низ кам нестанд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 50). Китоб надоштем ва надорем.* ***Лекин*** *барои китобҳои макотиби Туркистон хеле коғаз тахсис ёфт.* ***Аммо,*** *вақте ки мактабҳо кушода шуд, барфу борон боридан гирифт, дасту пойи атфол ба даруни*

макотиб ях баст, марамматва шикастурехтро сар мекунем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 51).

Чунон ки мебинем, дар ин ҷумлаҳо мазмунҳои хилофӣ ба воситаи исти хабарӣ аз якдигар ҷудо карда шудаанд. «Ба ин муносибат пайвандакҳои хилофӣ ҳиссаи қувватдиҳандаи мазмуни ҷумлаи хилофӣ шуда мемонанд, аммо мазмунан онҳо ба вазифаи синтаксисии худ устувор буда, ду фикри ба ҳам мухолифро пайванд медиҳанд», – мегӯяд Н. Маъсумӣ. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ин ҷумлаҳои содаи шаклан мустақил танҳо мазмунан ҷумлаҳои мураккаби пайвастро ташкил медиҳанд.

Ин тариқа аз ҳам ҷудо карда шудани ҳиссаҳои хилофии ғайритобеъ дар системаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо мақсади шаклан аз якдигар ҷудокунии қисмҳои мураккаби бандҳои синтаксисӣ ба вуҷуд меояд. Айнӣ ба ин восита таркибҳои мураккабу печдарпечи синтаксисиро сабуктар карда, асоси содагии синтаксиси забони мақолаҳоро нигоҳ медорад.

Чунончи: *Масалан, як шахси босаводи миёнсол ё ки куҳансол ҳаст, ки ба корҳои зиндагӣ гирифтор аст, рӯзе ҳашт ё даҳ соат корҳои воҷибиш расмӣ ва хусусӣ дорад.* ***Лекин*** *ин шахс метавонад, ки ба ҳар шабу рӯз камаш ду соати худро баъд аз фароги корҳои воҷибӣ ба таҳсили илм сарф намояд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 47). Дар Туркистон то биёбонҳои қиргиз ва қазоқ аз шарбати маориф, кам ҳам бошад, баҳраёб шуданд.* ***Аммо*** *шаҳрҳо ва деҳаҳои ободро таронаҳои шогирдони мактабӣ гулгулаандоз аст (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 58).*

Дар ин гуна таркибҳои синтаксисӣ ҳиссаҳои хилофӣ бо пайвандаки худ «*аммо*», «*лекин*» ба воситаи нуқта шаклан аз ҳиссаҳои аввала ҷудо бошанд ҳам, мазмунан ба ҳамдигар пайвастанд ва як банди синтаксисиро ташкил мекунанд.

Ба воситаи вергул ҷудо кардани ҳиссаҳои хилофӣ бо пайвандакҳои «*аммо», «лекин*» дар ҷумлаҳои пайваст ҳам чун қоида риоя карда мешавад*: «Рафиқ Ленин мурда,* ***лекин*** *афкори ӯ, дастурамалҳои ӯ зинда*

аст» (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 81). *Ҳар вақт адиб ва шоироне, ки подшоҳро маддоҳӣ кардаанд ва мактаби тамаллуқ ва риёро некӯ хондаанд, ба нозу неъмат расидаанд,* ***аммо*** *оммаи удабо ва фузало дар камоли муҳтоҷӣ ва сахтӣ рӯз гузаронидаанд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 91).*

Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳиссаи хилофӣ бо пайвандаки «**аммо**», «**лекин**» танҳо дар сурате бо вергул ҷудо карда мешавад, ки вай ҳамчун ҳиссаи эзоҳдиҳандаи бевосита омада, бо исти фосилавии хабарӣ аз ҳиссаи боло ҷудо карда шуданаш зарурат надошта бошад [58, 368]. Ин тарзи пайвастшавии пайвандакҳоро С. Айнӣ дар мақолаҳояш низ истифода бурдааст:

Масалан: *Барои чоп кардан ба соли 1925 ба ӯзбакҳо 125, ба тоҷикҳо 25 ва ба туркманҳо 40 варақи чопӣ ҳаҚ доданд, кори ӯзбакон ба пеш рафтан аст,* ***аммо*** *аз тоҷику туркман ин ҷо одами коркун нест (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 84).*

Бо ҳамаи ин, қоидаи ба воситаи нуқта ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаби ғайритобеъ дар забони Айнӣ ба меъёри умумии забони адабӣ муқобил намеистад. Ин тарзи ифодаи ҷумлаҳои хилофӣ, азбаски бо ниятҳои услубӣ вобастагӣ дорад, дар забони адабӣ низ инъикос ёфтааст. Дар навбати худ, ин тарзи баёни синтаксисӣ қоида ва хулосаи махсусеро медиҳад, ки вай аз имконпазир будани ҷудоии шаклии ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ ва дар айни ҳол дар асоси муносибати мантиқии онҳо мавҷудияти ягонагии грамматикӣ ва мантиқии он таркибҳо иборат мебошад. Ин тарафи масъала ҳанӯз дар грамматикаи забони тоҷикӣ ба назар гирифта нашудааст.

1. Ба воситаи нуқта аз ҳам ҷудо кардани таркиби ҷумлаҳо ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ дахл дорад. Ба ин муносибат дар забони нависандагони мо баъзан аз сарҷумлаҳо ҷудо карда шудани ҷумлаҳои пайравро як нуқсони забонӣ шуморида, Б. Ниёзмуҳаммадов қайд карда буд:

«Хатои даҒалтарин дар ин аст, ки пеш аз пайвандакҳои яккунандаи ҷумлаҳо нуқта мемонанд. Ба сабаби мураккаб будани чунин ҷумлаҳо

онҳоро фаҳмидани одами камсавод душвор аст» [Ниёзмуҳаммадов Б., 1951, с. 12].

Дар забони мақолаҳо бо нуқта азҳамчудокунии таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор ва бандҳои синтаксисии тобеъ, асосан, бо пайвандакҳое рӯй медиҳад, ки онҳо ҷумлаҳои шаклан ва мазмунан мустақилро ба ҳам мепайванданд. Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба воситаи нуқта ҷудо карда шудани ҷумлаи пайрав бештар ба ҷумлаи пайрави сабаб вобаста аст. Ҷумлаҳои пайрави сабаби бо пайвандакҳои **«зеро», «чунки»** ва «**бинобар ин**» саршавандаро Айнӣ қариб ҳамеша аз ҷумлаи асосӣ ба воситаи нуқта аз ҳам ҷудо мекунад (пеш аз пайвандакҳои номбурда нуқта мегузорад).

Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба, қатъи назар аз кӯтоҳӣ ё муфассалии шаклии онҳо, ба воситаи нуқта ҷудо кардани ҷумлаҳои сабаб аз ҳама зиёдтар дучор мешавад. Ба ин восита Айнӣ аз тарзи печдарпечи ҷумлаҳо худдорӣ карда, аз ҷиҳати мазмун алоҳида ва барҷаста нишон додани сабаби амал ва ҳодисаро асос мешуморад.

Дар матни зерин пайвандаки сабабии «зеро» вазифаи матнсозиро адо кардааст: дар аввали он дар алоҳидагӣ ҷумлаи сода ва ҷумлаи мураккаби тобеъ (бо пайрави хилоф) омадааст. Сипас, ҷумлаи пайрави сабаб сабаби ба вуқуъ пайвастани мундариҷаи ҳар ду ҷумлаи пешомадаро ифода мекунад:

Пеш аз Инқилоби Уктабр олами Шарқ, ба эътибори умумият, ба хоби гафлат гунуда буд. ***Агар*** *аҳёнан аз ин фирқае осори бедорӣ ҳам нишон медод, аз халосии худ маъюс буд.*

Зеро *Ҳиндустонро ба асорати феълӣ афтода, Афгонистонро ба ҳимояти Англис даромада, Эронро дар миёни ҷаҳонгирони рус ва англис тақсимёфта, Миср, Тунис, Ҷазоир ва Форсро аздастрафта, Туркияро ба як ҳаракати мазбуҳона дар майдон медид.*

Дар матни зерин сабаби бо аломати нуқта ҷудо кардани ҷумлаи пайрави сабаб *«**Зеро ки** ҳар сол мараммат ва шикастурехтро дар фасли тобистон дар вақти арзонии коргару асбоб ва дар замони мусоид ба*

иморат намекунем» дигар аст. Азбаски пеш аз он пайвандаки «зеро ки» ва ҷумлаи пайрави сабаб чор ҷумла аз лиҳози сохтори наҳвӣ мустақил омада, шарҳи масъала хеле тафсил ёфтааст, шояд муаллиф бо мақсади содатар кардани ифодаи фикр ҷумлаи пайрави сабабро аз ҳиссаи аввали матн бо аломати нуқта ҷудо карда бошад, гарчанде ки он сабаби ҷумлаи охирини матнро ифода мекунад:

Оре! Бино надорем. ***Лекин*** *мо намегӯем, ки дар зарфи ду сол дар ҳамаи қишлоқу шаҳрҳои Туркистон биноҳои фарангиёна таъмир ёбад.* **Балки** *мегӯем, ки чанд адад харобхонаҳо, ки ба ҳар шаҳру қишлоқ барои макотиб тахсис карда шуд ва ҷиҳати марамат ва шикастурехти онҳо, миллионҳо масориф рафт, мо дуруст истифода карда натавонистем.* ***Зеро ки*** *ҳар сол марамат ва шикастурехтро дар фасли тобистон дар вақти арзонии коргару асбоб ва дар замони мусоид ба иморат намекунем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 51).*

Азбаски ҳамаи нигоштаҳои С. Айнӣ бо хати арабӣ буд, шояд баъзе нуқсонҳои сохтори ҷумлабандӣ бо гуноҳи баргардонандагони хати арабӣ бо лотинӣ ва кирилӣ сурат гирифта бошад. Дар ин матн байни ҷумлаҳои «***Лекин*** *мо намегӯем, ки дар зарфи ду сол дар ҳамаи қишлоқу шаҳрҳои Туркистон биноҳои фарангиёна таъмир ёбад*» ва «***Балки*** *мегӯем, ки чанд адад харобхонаҳо, ки ба ҳар шаҳру қишлоқ барои макотиб тахсис карда шуд ва ҷиҳати марамат ва шикастурехти онҳо, миллионҳо масориф рафт, мо дуруст истифода карда натавонистем*» алоқамандии қавии маъноӣ ва сохтори наҳвӣ вуҷуд дорад, бинобар ин байни онҳо аломати нуқта гузошта аз ҳам ҷудо кардан, ба назари мо, дуруст нест. Ҳамин нуқсонро дар матнҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст.

Илова бар ин, ҷаҳонгирон ва сарватдорони Ғарб олами Шарқро ба ин ҳоли эътизор ҳам гузоштанӣ набуданд. ***Ва*** *мехостанд он порчаҳоеро, ки аз ин ҳанӯз ниммустақил аст, тамом аз харита маҳв намоянд ва тамоми аҳолии Шарқро гулом ва хидматгори худ намуда, воситаи ҷамъи сарват созанд (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 68). Асоси таълими умумии маҷбурӣ дар ҳаққи атфоли хурдсол дар шуруфи татбиқ аст.* ***Лекин*** *то вақте ки ин*

атфол аз мактаб баромада, соҳиби кор ва ҳуқуқ мешаванд, солҳо мебояд. ***Ва*** *ҳол он ки моро лозим аст, ки соҳиби кор ва аз ҳуқуқи худ хабардор ва аз қонунҳои Ҳукумати Шурої манфиатбардор бошем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 263).*

Дар сурати муовинати умумӣ аст, ки як қисми бани навъи мо аз чанголи фалокати хонумонсӯзи гуруснагӣ эмин монда, тухму донаю ҳайвоноти воситаи зироат ва зиндагониашон солимбуда, дар оянда барои зироат ва фалоҳаташон роҳ ва имкон монад. ***Ва*** *дар ин бора адо кардани вазифаи муованат ва инсоният аз ҳама бештар ва пештар ба гардани аҳолии Туркистон ҳам фарз аст ва ҳам қарз (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 255).*

Дар ҳақиқат, ба воситаи нуқта таркибан ҷудо кардани қисми каму беш мустақили ҷумлаи мураккаб дар сохти синтаксисии забони асарҳои С. Айнӣ яке аз восита ва роҳҳои муҳимми содаву равонсозии синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб мебошад. Азбаски асоси услубии забони мақолаҳо аз кӯтоҳбаёнӣ ва содагии синтаксисӣ иборат аст, бо нуқта ҷудо накарда, ба воситаи вергул пайи ҳам овардани ҳиссаи таркибии ҷумлаи мураккаб сохти синтаксисии забонро вазнин намекунад [Маъсумӣ Н., 1959, с. 372]. Аз ҳамин ҷиҳат аксар бандҳои калони сертаркибаи синтаксисиро таркибан ҷудо кардани нависанда (ба воситаи нуқта ҷудо кардани ҳиссаҳои хилофӣ ва сабабӣ) вазнинии сохти синтаксисии ҷумлаҳо ва бандҳоро як андоза сабуктар ва равонтар мегардонад, масалан, банди зерин бо роҳи ҷудокунии ҳиссаи хилофӣ *(ҳол он ки)* ва сабабӣ *(чунки)* ҳамин тавр нисбатан сабук карда шудааст:

Дере нагузашт, ***ки*** *дар ватани ҷумҳуриамон – Тоҷикистон сафарбарӣ ба усули қурҳа эълон шуда, масъалаи аскарӣ феълан* ***гӯё ки*** *ҳал гардид.* ***Агарчи*** *мардуми мо аз аскарӣ хеле бегонаанд ва аввал дафъа сафарбарӣ қадаре нуқсонот ва мавонеъро дорост,* ***лекин*** *аз он ҷое,* ***ки*** *ирқ ва хуни аҳолии Туркистон, ирқ ва хуни аскарист, умед аст,* ***ки*** *дар дафъаи дувум ва савум ҳамаи мавонеъ муртафеъ шуда, «аскарӣ» аз корҳои одии аҳли Туркистон шуда монад (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 46).*

Бояд қайд кард, ки баъзе қолабҳои ифодаи забони мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ минбаъд дар асарҳои бадеии ӯ истифода шудаанд. Чунончи, ду тарзи ифодаи муродифии *«Мо намегӯем, ки… таъмир ёбад, балки мегӯем, ки … истифода карда натавонистем»*.

Хулоса, ин гуна ба воситаи нуқта азҳамҷудокунии сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав, дар сурате ки вобаста ба ниятҳои махсуси услубӣ рӯй медиҳад, ба қоидаи умумии грамматикӣ муқобил намеистад, балки онро пурра мекунад. [Маъсумӣ Н., 1959, с. 373].

3.4. Баъзе қайдҳо доир ба сабақҳои устод Айнӣ аз забономузӣ ва ҳусни баён

(Аз рӯйи мақолаи Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод?)

1. Тема ва рема. Як хусусияти сохтории ҷумлаҳои мураккаби пайваст ин аст, ки дар *он як навъи ҳол* (ба ҳамин тарз) омада, *бунёди воҳиди наҳвиро мегузорад* **(тема),** сипас, ҷузъҳои ҳатмии *ҷумлаи мураккаби пайваст ҳамчун иттилои нав пайиҳам оварда мешаванд* (рема). Одатан, ба вазифаи **тема** детерминантҳо (ҳоли замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф, мутобиқат) меоянд. **Намуна**: ***Ба ҳамин тарз сарват*** *аз миёни мо рафта, оилаҳо парешон шуда, оилаи тоза аз сари нав барпо карда натавониста, нуфузи мо рӯз ба рӯз кам шуда, рӯ ба харобӣ оварда будем.*

2. Хусусияти дигар мӯҷазбаёнист.

Нависанда дар охири ҳар ҷумла *феъли ёварро* меовард, сухан бадарозо мекашид. Чунончи: *Ба ҳамин тарз сарват аз миёни мо* ***рафта буд****, оилаҳо парешон* ***шуда буд****, оилаи тоза аз сари нав барпо карда* ***натавониста буд****, нуфузи мо рӯз ба рӯз* ***кам шуда буд****, рӯ ба харобӣ оварда будем.*

б) Бо мақсади худдорӣ аз такрори бемавқеъ мафҳуме, ки як маротиба мукаммал зикр шудааст, бори дуюм ихтисоран ифода меёбад: *Ононе, ки дорои як чиз буданд ё аз харҷи ҳаррӯзаашон чизе посира карда метавонистанд, ё ба кадом роҳе, ки бошад, чизе ба дасташон меафтод, дар исрофот ва бидоат сарф мекарданд Ононе, ки надоштанд, хонаи худро, колои худро фурӯхта, сарфи* ҳавасот мекарданд.

Агар дар ҷумлаи дуюм мафҳуми **як чиз** ихтисор намегардид, такрори бемавқеъ ба амал меомад. Чунончи:

Ононе, ки дорои як чиз буданд...

Ононе, ки ***як чиз*** *надоштанд...*

в) Ё худ дар ҷумлаи: “*Гирем, ки ҳукумат тамоми ин маблаҒро намедиҳад, нисф ҳам намедиҳад, чоряк ҳам намедиҳад”* мафҳуми “ин маблаҒро”, ки ҷузъи ибораҳои *тамоми ин маблаҒро, чоряки ин маблаҒро*

ташкил медиҳад, дар ибораҳои дуюму сеюм ихтисор намекард, такрори бемавқеъ ба миён меомад, чунончи:

Гирем, ки ҳукумат тамоми ин маблагро намедиҳад, нисфи ***ин маблагро*** *ҳам намедиҳад, чоряки* ***ин маблагро*** *ҳам намедиҳад”.*

3. Дар асарҳои публитсистии С. Айнӣ аз роҳҳои гуногуни ифода истифода шудааст. Маълум мешавад, ки нависанда аз ин захираи муродифоти забони модариаш хуб огоҳӣ дорад ва дар мавриди зарурат аз он ҳунармандона фоида бурда метавонад:

Нуфуси мавҷудаамон як қисм хаммор, қисме қиммор, лоақал базлӣ ва кӯбкоритоз шуда буданд // Як қисми нуфуси мавҷудаамон хаммор, қисме қиммор, лоақал базлӣ ва кӯбкоритоз шуда буданд …; Бог, замин, сарой ва хонаҳоямон бисёрӣ ба бонкҳои рус гарав ё ба судхӯрҳои худамон ба «байъи ҷоизи шаръӣ» фурӯш шуда буд // Бисёрии бог замин, сарой ва хонаҳоямон ба бонкҳои рус гарав ё ба судхӯрҳои худамон ба «байъи ҷоизи шаръӣ» фурӯш шуда буд; ***Иморатҳои*** *шоҳонаи шаҳри нав ва растаҳои хушсавдои шаҳри куҳна –* ***ҳама*** *моли аромина, яҳудӣ ва русҳои сарватдор шуда буд //* ***Ҳамаи иморатҳои*** *шоҳонаи шаҳри нав ва растаҳои хушсавдои шаҳри куҳна моли аромина, яҳудӣ ва русҳои сарватдор шуда буд.*

4. Ифодаи «…***набуда, чӣ буд?»*** чунин унсури ҷумлаҳои саволии риторикист, ки дар забони гуфтугӯ хеле маъмул аст. С. Айнӣ ин имконоти муассири тасдиқро моҳирона корбаст кардааст: *Инҳо, бе шакку шубҳа, аломати завол ва фанои ирқӣ ва қавмӣ* ***набуда, чӣ буд?***

Мазмуни ҷумлаҳои сода ва мураккаби саволии риторикӣ дар қолабҳои мувозӣ ифода ёфта бошанд, дараҷаи муассирии тарзи ифода дучандон фузун мегардад: *Дар дунё* ***кадом ҳукумат аст****, ки ба маорифи раия ҳамин дараҷа базлӣ ҷаҳд намояд,* ***кадом салтанат аст****, ки танҳо дар роҳи илм ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф кунад?*

Қолабҳои ҳамгуна ва ҳамсохти ***кадом ҳукумат аст, ки*** … ва ***кадом салтанат аст, ки*** … дар услубшиносӣ яке аз воситаҳои муассири наҳвӣ ба шумор мераванд ва онҳоро мувозии наҳвӣ (синтаксический параллелизм) меноманд (Гвоздев, Очерки по стилистике русского языка).

Пайвандаки «***аз он ҷое ки»*** дар ифодаи муносибати маъноии сабаб дар осори адабиёти суннатии форсу тоҷик истифода мешуд. Бо таъсири он дар забони асару мақолаҳои С. Айнӣ ва ҳамзамононаш низ гоҳ-гоҳ чунин мувозиҳо дучор меоянд, вале дар забони имрӯзаи тоҷикӣ он аз истифода баромадааст.

Чунин хусусияти сабки нигориши С. Айнӣ дар мақолаҳояш ҳам падидор мегардад, ки бо такрори як пайвандак паси ҳам чанд ҷумлаи пайравро оварда, дар интиҳо бо ёрии сарҷумла ба ифодаи матлаб хотима мебахшад. Вале гоҳе ин ҷиҳати услуби муаллифро таҳиягарони мақолаҳо пай набурда, як ҷумлаи С. Айниро ба чанд ҷумла ҷудо кардаанд:

Аз он ҷое ки *қонуни асосии Ҳукумати Шуроӣ ба ҳоли мазлумон ва фақирон пардохтан аст, ки вом ва давоми Ҳукумати Шуроӣ вобаста ба рафоҳи ҳол ва соҳибҳуқуқ шудани миллатҳои маҳкумаи ранҷдидаи дар аҳди Николай аст, ба ҳоли мо пардохтанӣ шуд.* ***Аз он ҷое ки*** *асли марази мо ҷаҳлу нодонист, аввал ба мо дари давохонаи илму маърифатро бикушод (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 102).*

5. Тариқи даъват ба амал, мубориза ва корнамоӣ дар ҳаёти сохтори нави иҷтимоӣ аз публитсистикаи солҳои аввали баъди инқилоб оғоз ёфтааст. Чунин даъват бо ёрии шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандии феъл (аорист) ба шахси якуми ҷамъ, яъне нависандаю хонандагон ё гӯяндаю шунавандагони сершумор далолат мекард, бо сохтори наҳвии ҷумлабандии мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ҳам бетаъсир намондааст:

Агар мо хоҳем, ки дар дунё дар ҷиргаи миллали мутамаддинаи ҳайя зиндагонӣ намоем, аз ин фурсат фоида бурда, то ҷон дорем, аввал, дар илм ё маориф кӯшем. Дувум, чизҳоеро, ки Ҳукумати Шуроӣ ба мо дод, истеъмоли бад (суистеъмол) накарда, дар ҳамин ҳаққо сазовор буданамонро нишон диҳем. Ҳам дар қуввати ҳукумат такя карда, дар ислоҳи ахлоқ ва барҳам додани одоти разилаамон бикӯшем; Акнун шумо дар зарфи ду сол чӣ миқдор тазминот додани Самарқандро ҳисоб ва тарқим намоед, ба тарафи дигар шумурда, рақам занед, ки дар ин ду сол

танҳо ба маориф ва мактабҳои Самарқанд чӣ қадар пул сарф шудааст, баъд аз он мебинем, ки тафовут аз куҷо то ба куҷост?

Дар ибтидои матн ё ривоят муроҷиат кардан ба хонанда ва ӯро ба фикр водор кардан ҳам хоси услуби нависанда аст: *Шумо як қадаре фикр намоед! Дар дунё кадом ҳукумат аст, ки ба маорифи раия ҳамин дараҷа базлӣ ҷаҳд намояд, кадом салтанат аст. ки танҳо дар роҳи илм ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф кунад.*

Гуфтаҳои мардумро далел оварда, ба шарҳи муфассали он пардохтан ҳам аз ҷумлаи тарзҳои матнсозии нависанда ба шумор меравад. Дар ин маврид таркиби калимот ва тарзи ҷумлабандӣ ба забони гуфтугӯ қаробат пайдо мекунад: *Мардум мегӯянд: «Ҳукумати Шуроӣ буду нобуди раияро рабуд, ин қадар тазминот андохт, ин миқдор мусодира кард*».

Таркиби ҳамнисбати ***бинобар ин*** матн сохтааст: *То ҳол аз Самарқанд чӣ қадар тазминот гирифта шуда бошад, ба ҳар кас тақрибан маълум аст, аммо ба маориф ва мактабҳои Самарқанд чизе, ки сарф мешавад, бояд ба ҳар кас маълум набошад. Бинобар ин ба тахмини ҳисоби пешакии исметаи яксолаи шаҳри куҳна мултафит шавед: – «Чаҳорсад миллион».*

Усули таъкид: «*Чаҳорсад миллион*» муътадил: Маблағи ҷудокардаи давлат ба Самарқанд чаҳорсад миллион аст.

Пайвандаки *дар сурате ки* хоси услуби коргузории расмӣ, ҳамчунин публитсистика аст: *Дар сурате ки ҳаштяк диҳад, танҳо масорифи яксолаи шаҳри куҳнаи Самарқанд панҷоҳ миллион манот мешавад.*

Хулоса, ҳар як мақолаи устод Айниро ба ҳамин тарз таҳлилу тадқиқ намудем. Маълум шуд, ки нависанда аз имконоти услубии ҳам воҳидҳои луғавӣ ва ҳам грамматикӣ дар мақолаҳояш истифода бурдааст, бинобар ин забони асарҳои публитсистии устод Айнӣ барои журналистони ҷавон ҳамчун намунаи сабаки забономӯзӣ хизмат карда метавонад.

«Мақолаи Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод?» (Шуълаи инқилоб 15 марти соли 1919)

Аз 69 ҷумлаи матни мақола дар 24 ҷумла хабар, муайянкунанда ва аъзоҳои дигар чида шудаанд. Дар ин ҷо қисми зиёдашро ҷумлаҳои мураккаб ташкил кардаанд, ки фоизи онро дар ҷадвал нишон додем. Ҳангоми таҳлил ҷумлаҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудем:

Дар ин мақола 10 ҷумлаи яктаркиба вуҷуд дорад. Барои намуна се ҷумларо аз назар мегузаронем**:** *Барои танвири афкори мо рӯзномаҳо, рисолаҳо, хитобномаҳо ва баённомаҳо нашр кард. Бинобар ин ба тахмини ҳисоби пешакии исметаи яксолаи шаҳри куҳнаи Самарқанд мултафит шавед: – «Чаҳорсад миллион».*

Ҳар ду ҷумла содаи яктаркибаи тафсилӣ буда, ҷумлаи аввал нопурра аст ва дар ин ҷумла пуркунандаҳо чида шуда омадаанд, ки дар охири ҳар кадоми онҳо пасванди «*ҳо*» оварда шудааст. Нависанда инро дониста бо мақсади таъкид истифода намудааст, ҳол он ки метавонист пасванди «-ҳо»-ро танҳо бо пуркунандаи охирин биёрад. Дар ҷумлаи дуюм мақсади гӯянда ба тариқи таъкид дар дохили нохунак оварда шудааст.

Дар матн 20 ҷумлаи дутаркиба мушоҳида гардид, ки яктоаш ҷумлаи содаи дутаркибаи хуллас буда, боқимонда ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилианд:

Мардум мегӯянд: «Ҳукумати Шуроӣ буду нобуди раияро рабуд, ин қадар тазминот андохт, ин миқдор мусодира кард…».

Ҷумлаи содаи дутаркибаи хуллас буда, дар таркиби он нутқи айнан нақлшуда оварда шудааст, ки ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ буда, дар таркиби он ҳоли миқдори *ин қадар, ин миқдор* ва хабарҳои *рабурд, андохт ва мусодира кард* чида шуда омадаанд.

1. *Бог, замин, сарой ва хонаҳоямон бисёрӣ ба бонкҳои рус гарав ё ба судхӯрҳои худамон ба «байъи ҷоизи шаръӣ» фурӯш шуда буд*. 2. *Иморатҳои шоҳонаи шаҳри нав ва растаҳои хушсавдои шаҳри куҳна ҳама моли аромина, яҳудӣ ва русҳои сарватдор шуда буд. 3. Қавми беилм имрӯз ё фардо маҳкуми заволанд. 4. Аз ин ҷост, ки мо – туркистониён, аз беилмӣ ва ҷаҳолат аввал шаҳр-шаҳр, қария-қария ва фирқа-фирқа шуда якдигарро*

задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва ягмо кардем, ирзу номуси якдигарро барбод додем…

Ҷумлаи 1 содаи дутаркибаи тафсилӣ. «*Шаҳри нав ва шаҳри куҳна*» бо ҳам мутазодбуда, дар ин ҷо «*аромина*» бо шакли ҷамъи шикастаи арабӣ сохта шудааст, ки «*арманиҳо*» ё «*арманиён*» шакли тоҷикии ҷамъбандии ин калима аст. Дар ин ҷо *сарватдор* оварда шудааст, ки муродифи он *сарватманд* аст. Инчунин, сифати «*хушсавдо*»-ро оварда, ки муродифҳояш *серсавдо* ва *бозоргир* мебошанд.

Дар ҷумлаи 2-юм ҳоли замон чида шудааст: «*имрӯз ё фардо»* бо пайвандаки ҷудоии «*ё*». Дар ин ҷумла хабари номии *маҳкуманд* ва мубтадои *қавм*, ки бо исми ҷомеъ ифода ёфтааст, аз ҷиҳати шумора ҳам мувофиқат кардааст. Ибораҳои *маҳкуми завол // ба завол маҳкум* муродиф буда, С. Айнӣ қолаби изофиро интихоб кардааст. Шояд сабаб он бошад, ки қолаби изофӣ нисбатан камистеъмол ва ба назар тару тоза мерасад.

Ҷумлаи 4 чунин сар шудааст: «*Аз ин ҷост, ки*». Ин таркиб ба ҷойи *бинобар ин*, *аз ҳамин сабаб* ҳамчун воситаи алоқаи ҷумлаи сода бо матни боло хизмат мекунанд. Бинобар ин бо вергул ҷудо кардани он лозим нест, чунки чунин таркибҳо барои сохтани матн чун воситаи грамматикии алоқа ба кор бурда мешаванд (44, 28). Дар ин ҷумла муайянкунандаи истисноии *Туркистониён* бар эзоҳи муайяншавандаи «*мо*», ки ба вазифаи мубтадои ҷумла омадааст, моҳиятан ба як ҷумлаи пайрави муайянкунанда баробар аст: *Аз ин ҷост, ки мо – туркистониён, аз беилмӣ ва ҷаҳолат аввал шаҳр-шаҳр, қария-қария ва фирқ-фирқа шуда якдигарро, задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва ягмо кардем, ирзу номуси якдигарро барбод додем…* (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 37).

Дар ин ҷумла ба вазифаи аъзоҳои чида ҳоли сабаб (аз беилмӣ ва ҷаҳолат) ва ибораҳои сифати феълӣ, ки ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадаанд, чида шудаанд. С. Айнӣ бо мақсади кӯтоҳбаёнӣ феъли ёвари «*шуда*»-ро як маротиба дар охир «*фирқа-фирқа шуда*» овардааст. Дар ин

ҷумла хабарҳои феълӣ низ чида шудаанд (*якдигарро задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва ягмо кардем, …барбод додем)*. Бо мақсади таъкид ҷонишини «*якдигар*», ки аввал ба вазифаи пуркунандаи бевоситаи суръатёфтаи «*якдигарро*», сипас ба вазифаи муайянкунандаи пуркунандаҳои чида чор маротиба такрор ба такрор оварда шудааст.

Аз байни мо сар барзада – ибораи сифати феълӣ ба вазифаи муайянкунандаи мубтадои «*мутафаккир*» омадааст. *Давои ин дард илму маърифат будан* – ибораи масдарӣ // *илму маърифат будани давои ин дард*.

Ҷумлаи мураккаби пайваст: 7

а) пайиҳам: 3; Масалан: *Воқиан маблағҳо тазминот афтод, анборҳо мусодара шуд ва ҳам аз ҳамин шаҳрҳои Туркистон зиёдтар тазминот ба Самарқанди мо афтод.*

Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам, аз се ҷумлаи сода таркиб ёфта аст

б) хилофӣ: 2. Масалан: *Хулосаи калом, Ҳукумати Шуроӣ ба мо ҳар чизро дод ва ҳар чиро доданист, лекин мо дуруст фоида гирифта наметавонем ё намехоҳем.*

Ҷумлаи муруаккаби пайвасти хилофӣ. Ҷумла бо воҳиди туфайлӣ «*хулосаи калом*» оғоз гардидааст. Дар хабарҳои ҷумла: *дод, доданист, наметавонем, намехоҳем* оҳанги тасдиқу инкор дарҷ гардидааст, ки хонандаро ба амиқ дарк намудани маъно водор месозад.

Ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб: 2. Масалан:

Ба ҳамин тарз сарват аз миёни мо рафта, оилаҳо парешон шуда, оилаи тоза аз сари нав барпо карда натавониста, нуфуси мо рӯз ба рӯз кам шуда, рӯ ба харобӣ оварда будем.

Мисоли овардашуда ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб буда, аз панҷ ҷумлаи сода бо интонатсияи пайваст ба ҳамдигар алоқаманд гардидаанд. Ҷумлаи якум дутаркибаи тафсилӣ, ҷумлаи дуюм дутаркибаи хуллас, ҷумлаи сеюм яктаркибаи тафсилӣ, ҷумлаи чорум дутаркибаи

тафсилӣ, ҷумлаи панҷум яктаркибаи хуллас буда, дар он хабар бо воҳиди фразеологии феълӣ ифода ёфтааст.

Дар як мақола 18 ҷумлаи мураккаби тобеъ истифода гардидааст, ки аз он 7 ҷумла бо пайрави муайянкунанда сохта шудаанд: Масалан: 1. *Дар дунё кадом ҳукумат аст, ки ба маорифи раия ҳамин дараҷа базлӣ ҷаҳд намояд, кадом салтанат аст, ки танҳо дар роҳи илм ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф кунад? 2.Ҳукумати Шуроӣ ҳар чизе, ки барои зиндагии як қавм, як гурӯҳ, як мамлакат лозим аст, ба мо дод, ё мехоҳад ба мо бидиҳад.*

Ҷумлаи аввал мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда. Дар ин ҷумла С. Айнӣ ба воситаи таркибҳои «*кадом ҳукумат ва кадом салтанат*» ба ҷумла оҳанги ифоданокӣ зам кардааст.

Ҷумлаи дуюм мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда. Дар таркиби сарҷумла хабар чида шудааст (дод, бидиҳад). Дар таркиби чумлаи пайрави муайянкунанда муайянкунандаи соҳибии як *қавм, як гурӯҳ, як мамлакат* чида шудааст. Дар таркиби муайянкунандаҳои соҳибии чида калимаи «*як*» бо мақсади таъкид такрор шудааст. Чизи дигаре, ки дар таркиби ин ҷумла ба чашм мерасад, аз хурд ба калон чида шуда рафтани аъзоҳои чидаи ҷумла аст.

1.Ононе, ки дорои як чиз буданд ё аз харҷи ҳаррӯзаашон чизе посира карда метавонистанд, ё ба кадом роҳе ки бошад, чизе ба дасташон меафтод, дар исрофот ва бидоат сарф мекарданд. 2. *Ононе, ки надоштанд хонаи худро, колои худро фурӯхта, сарфи ҳавасот мекарданд*. 3. *Ҳол бадин минвол буд ки, ҳукумати Николай ва тарафдоронаш зеру забар гардида, Ҳукумати Шуроӣ барпо шуд*.

Дар ҷумлаи пайрави муайянкунандаи ҷумлаи мураккаби тобеи боло ҷузъи «*…ё ба кадом роҳе, ки бошад*» дар забони матбуоти имрӯзаи мо дар шакли инкорӣ кор фармуда мешавад: «…ё б*а кадом роҳе,ки набошад»*. Онро М. Шакурӣ чунин маънидод кардааст: «Яке аз ғалатҳое, ки дар вақтҳои охир бисёр паҳн шудааст ва мантиқи суханро барбод медиҳад, сохтани ҷумлаи тасдиқ бо пешванди инкории «*на-*» мебошад.

Пас, бо пешванди *на* ифода шудани тасдиқ дар навиштаҳои имрӯза аз куҷо пайдо шуд? Ин тарзи сухан аз тоторӣ ба ӯзбекӣ ва баъд ба тоҷикӣ гузашт. Мояи ин саҳв нодуруст фаҳмидани вазифаи ҳиссачаи русӣ мебошад. Дар назари тилмоҷҳо ҳиссачаи русии *ни* ва *не* як чиз намудааст. Ҳар ҷо ки ба русӣ *ни-* меояд, онро ҳаммаънои *не* донистаанд. Ин фаҳмиш ғалат аст. Агарчи *ни-* дар асл ҳиссачаи инкор аст, дар китобҳои луғат чунин эзоҳе низ дорад: «Частица усилительная, употребляется в утвердительном предложении». Аз ин эзоҳ равшан аст, ки як вазифаи *ни* қувват додани сухан аст ва ба ҷумла маънои тасдиқро медиҳад. Аз ҳамин сабаб дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и А. Деҳотӣ ва Н. Ершов ҷумлаи «Кого *я ни спрошу,* никто *не* знает» ин тавр тарҷума шудааст: Аз ҳар касе, ки пурсам, намедонад. Чунон ки мебинем, *ни спрошу пурсам* тарҷума шудааст, на *напурсам*. Афсӯс ки, ин нозукии масъала ҳам аз назари баъзе тарҷумонҳои имрӯза ва тақлидгарони онҳо дур монда истодааст» [Шакурӣ М., 2005, с. 339 – 340].

Ҷумлаи 2 мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда аст. Аммо дар ин ҷо пуркунандаи бевоситаи суратёфтаи «*худро*» ду маротиба такрор шудааст, ки ин бо мақсади таъкиди *амал* омадааст. … надоштанд – чумлаи пайрави нопурра аст, зеро дар он аъзои ҳатмии ҷумла (пуркунанда) фурӯгузор шудааст.

Ҷумлаи 3 мураккаби омехта аст, ҷумлаи пайрави замон ба ҳар ду ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаи пайрави пайваст муносибати маъноии муштарак дорад ва бо пайвандаки «*ки*» ба онҳо тобеъ шудааст. Ҷумлаи пайрав дар аввал (пеш аз сарҷумла) омадааст.

Матни зеринро аз назар мегузаронем. Ҳангоми таҳлил ҳамагӣ **3 ҷумлаи пайрави шарт** муайян гардид, ки яке аз ин ҷумлаҳои пайрави шарт бо пайвандаки «*дар сурате ки*», ки хоси услуби публитсистика ва коргузории расмист, истифода гардидааст. 1. *Дар сурате ки ҳаштяк диҳад, танҳо масорифи яксолаи мактабҳои шаҳри куҳнаи Самарқанд панҷоҳ миллион манот мешавад.* 2. *Мааззолиқ, мо шаробхӯронро манъ накунем, қиморбозонро ба маҳкамаи адлия насупорем, дар хуфия ба ҷойи як*

пут биринҷ як ман пухта номи онро орзую ҳавас гузорем, дар ҳамин соли қаҳтию гаронӣ ба ҳар асп соле даҳ ман ҷав, ду ҳазор банд беда хӯронда, кӯбкорӣ тозонем, айби худи мост, на айби ҳукумат!...

3. *Гар гадо коҳил бувад, тақсири соҳибхона чист*?

Ҷумлаи аввал мураккаби тобеъ бо пайрави шарт. Пайвандаки «*дар сурате ки*» ба вазифаи пайвандаки «*агар*» омадааст.

Ҷумлаи дуюм мураккаб бо пайрави шарт. Сарҷумла баъди ҷумлаи пайрав омадааст. Дар ин ҷо С. Айнӣ калимаи *масориф*ро овардааст, ки бо шакли ҷамъи шикастаи арабӣ сохта шудааст.

Ҷумлаи сеюм мураккаби тобеъ бо пайрави шарт. Сарҷумла баъди ҷумлаи пайрав омадааст. Пайвандаки *«гар»* кӯтоҳшудаи пайвандаки шартии «*агар*» аст. Ҷумлаи саволии риторикӣ буда, дар қолаби андарз сохта шудааст.

Дар мақола **2 ҷумлаи мураккаб бо пайрави макон** сохта шудааст: Масалан: 1. *Аз он ҷое ки асли марази мо ҷаҳлу нодонист, аввал ба мо дари давохонаи илму маърифатро бикушод.* 2. *Барои омӯзгор расонидан ба ҳар тарафи мамлакат ва, ҳар ҷое ки худи мо хостем, курси омӯзгорон кушода, маишати давомкунандагонро аз худ таъмин кард*.

Ҷумлаи аввал мураккаби тобеъ, бо пайрави макон. Сарҷумла дар охири ҷумлаи пайрави макон омадааст. Воситаи алоқаи он пайвандаки тобеъкунандаи «*Аз он ҷое ки*» ва интонатсия мебошад.

Ҷумлаи дуюм мураккаби тобеъ бо пайрави макон.



Ҷумлаи пайрави монандӣ дар мақола ҳамагӣ якто истифода гардидааст. Масалан: *3. Чунончи ҷондоре бе обу ҳаво зиндагӣ карда наметавонад, инчунин фарзандони одам низ бе илму маърифат зиндагӣ карда наметавонанд.*

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли монандӣ, ки он пеш аз сарҷумла омада, бо пайвандаки *«чунончи» (чунон ки*) ба сарҷумла тобеъ шудааст. Дар забони адабиёти классикӣ баробари пайвандаки тобеъкунандаи монандии «*чунон ки*» пайвандаки *чунончи (чунон чи)* ба кор бурда мешуд. С. Айнӣ дар пайравии ҳамин хусусияти наҳвии гузаштагон ба ҷойи *чунон ки* баъзан пайвандаки «*чунон чи*»-ро кор фармудааст. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ *чунон ки* ҳаммаънои калимаи туфайлӣ – *масалан*, *барои мисол* ва ғайра истифода мешавад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави монандӣ хабарҳо такрор меёбанд (зиндагӣ карда наметавонад ва зиндагӣ карда наметавонанд).

Ҷумлаи пайрави мубтадо ҳамагӣ якто истифода гардидааст: *Дар ин сурат гуфта мешавад, ки Ҳукумати Шуроӣ давоҳои иллатҳои музминаи моро ба дасти худамон дод.*

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мубтадо. *Давоҳои иллатҳои музмина* – киноя аз тадбирҳои ислоҳи норасоиҳо.

Ҷумлаи пайрави сабаб низ якто истифода гардидааст: *Лекин мо ҳанӯз… фарзандонамон оқибат сарбоз мешавад гуфта, ба хаёлоти бемаънӣ ва ба гуфторҳои беасос машғулем.*

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб аст. Сифати феълии «*гуфта*» ба вазифаи пайвандаки тобеъкунанда омадааст. Ин қолаби ифода хоси забони гуфтугӯ буда, дар забони адабӣ маъмул нест. Инчунин «*хаёлоти бемаънӣ*» дар шакли ҷамъи солими арабӣ сохта шуда, бо мақсади гурез аз такрори пасванди «-*ҳо*» оварда шудааст, чунки бори дуюм шакли ҷамъи тоҷикии он – *гуфторҳо* оварда шудааст. Дар ин шакл сохтани ҷумла боиси равонии тарзи ифодаи фикр гардидааст. Дар ин ҷо хабари «*сарбоз мешавад*» бо мубтадои *фарзандонамон* аз ҷиҳати шумора мувофиқат накардааст.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар мақола 8 ҷумларо ташкил медиҳанд:

Масалан: *Барои ононе, ки дорои хату савод нестанд ва умрашон аз синни таҳсилӣ гузаштааст, курсҳои бегоҳӣ ва шабона таъсис гардид.*

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави чида аст, ки ду ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба воситаи пайвандаки «*ки*» ба як сарҷумла тобеъ шудааст. Дар ин ҷумла нависанда *курсҳои бегоҳӣ ва шабона* гуфтааст, ки дар ин ҷо *курси шабона* маълум, ки дар замони имрӯза нест, аммо ба ҷойи он *курси гоибона* таъсис гардидааст.

Ҷумлаҳои мураккаби омехта шаш ҷумларо ташкил доданд: *Агар панҷоҳ соли дигар, худо накарда, ба ҳамон тарз мегузашт, номи Туркистон дар саҳфаи таърих мемонд, яъне, вақте ки нуфуси мо ва амлоки мо кам мешуд, нуфус ва амлоки дигарон зиёда мегардид, дигар номи ин қитъаро «Туркистон» гуфтан бемаънӣ шумурда, масалан, «Новая Русия» мегуфтанд. Акнун шумо дар зарфи ду сол чӣ миқдор тазминот додани Самарқандро ҳисоб ва тарқим намоед, ба тарафи дигар шумурда рақам занед, ки дар ин ду сол танҳо ба маориф ва мактабҳои Самарқанд чӣ қадар пул сарф шудааст, баъд аз он мебинед, ки тафовут аз куҷо то ба куҷост?*

Ҷумлаи пайрави замон бар шарҳи ҷумлаи пайрави шарт омадааст.



Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ғайричида ва дараҷагӣ:

Акнун шумо дар зарфи ду сол чӣ миқдор тазминот додани Самарқандро ҳисоб ва тарқим намоед, ба тарафи дигар шумурда рақам занед, ки дар ин ду сол танҳо ба маориф ва мактабҳои Самарқанд чӣ қадар пул сарф шудааст, баъд аз он мебинед, ки тафовут аз куҷо то ба куҷост?

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави ғайричида ва дараҷагӣ. Объекти амал аввал бо ибораи масдарӣ (дар зарфи ду сол чӣ

миқдор тазминот додани Самарқанд), баъд бо ҷумлаи пайрави пуркунанда шарҳ ёфтааст.

Дар ин ҷо *тарқим* калимаи арабӣ буда, тоҷикии он *ҳисоб кардан, рақам гузоштан* аст ва нависанда барои гурез аз такрор як бор *ҳисоб* ва бори дуюм бо мақсади таъсирбахштар баромадани таъкиди сухан *тарқим* ва бори сеюм *рақам занед* гуфтааст.

Ҷ.м.т.серт.ғайричида
ва дараҷагӣ



Дараҷагӣ ҳамагӣ **3 ҷумла:** *Дар ин сурат гуфта мешавад, ки қатъи назар аз харҷҳои дигар, танҳо дар роҳи илму маорифи Самарқанд тазминоте, ки аҳолии Самарқанд ба ҳукумат дода буданд, чанд-чанд шуда, (изъофан, музоифатан) сарф шудааст (дар ин ҳисоб мо 16 манот додани як қадоқ гӯшти 60 манотиро дохил намекунем).*

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷагӣ. Ҷумлаи муътариза дар дохили ин ҷумлаи мураккаб омадааст.



Ғайричидаю дараҷагӣ: 1. *Агар мо хоҳем, ки дар дунё дар ҷиргаи милали мутамаддинаи ҳайя зиндагонӣ намоем, аз ин фурсат фоида бурда то ҷон дорем, аввал дар илм ва маориф кӯшем.*

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби омехта бо навъҳои ҳампайрави ғайричида ва дараҷагӣ.



Ҷумлаи мураккаби омехта 6 ҷумла. Масалан: *6. Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем… ва дар солҳои охирӣ баъзе мутафаккирини аз байни мо сар барзада дарди моро ба худи мо нишон доданд, давои ин дард илму маърифат буданро ба мо фаҳмонданд ё хостанд бифаҳмонанд, мо чун омосдоре, ки дар муқобили ништари ҷарроҳ мешурад, гавго мекунад, шуридем, гавго барпо кардем.* 26. *Боз мо ба чӣ қадар мактаб ва курс, ки эҳтиёҷ баён кунем, кушода хоҳад дод, ба чӣ қадар китоб, рисола, рӯзнома ва маҷмуае, ки лузумашро исбот намоем, нашр хоҳад кард. Ба ҳамаи ин чизҳое, ки дар боло баён кардем, ҳукумат танҳо харҷ дод, дигар тадохуле, хадешарасонӣ накард, яъне тарзи ичрои ин корҳоро ба худи мо вогузошт, ҳамаи ин корҳоро мо ба дилхоҳи худ ва, ба тарзе ки ба худамон нофеъ медонем, ба ҳамон тарз таъсис ва ичро мекунем…*

Ҷумлаи 6 мураккаби омехта аз се ҷумлаи сода, ки ду ҷумлаи аввал бо алоқаи пайвасти пайиҳам ва ҷумлаи содаи сеюм бо алоқаи пайвасти ҷудоӣ ба ду ҷумлаи содаи аввал бо интонатсияи пайвасти ҷудоӣ пайваста, бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда тафсил ёфтааст. Ҷумлаи содаи аввал яктаркибаи тафсилӣ буда, хабарҳои чида бо такрори калимаи «*боз*», ки ба вазифаи ҳоли замон омадаанд, шарҳ ёфтаанд. Ҷумлаи содаи дуюм дутаркибаи тафсилӣ буда, хабари он чида шудааст. Ҷумлаи содаи сеюм бо пайвандаки «*ки*» ҷумлаи пайрави

муайянкунандаро бо худ тобеъ намудааст, ки дар он хабари ҷумла чида аст.

Ҷумлаи 26 мураккаби омехта. Ду ҷумлаи пайрави шарт бо «*ки*» ба сарҷумла тобеъ шудааст. Сарҷумла яктаркибаи чидааъзо.



«Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии Тоҷикистон» («Овози тоҷик», 6 марти 1925) (29 ҷумла)

Дар ин мақола ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ ҳамагӣ 15-то истифода гардидааст. Масалан:

1. Аз Маскав, аз нашриёти марказии Шарқ, як дӯсти ман навишта. 2. *«Дар ин ҷо шуъбаҳои нашриёти ӯзбакӣ, тоҷикӣ ва туркманӣ ҳаст.»*.

Дар ҷумлаи аввал «*Аз Маскав*» – …истисноӣ, хабар бо сифати феълӣ. Ҷумлаи дуюм давоми ин ҷумла нутқи айнан нақлшуда буда, ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилиро ташкил медиҳад. Дар ин ҷумла муайянкунанда чида шуда омадааст: *ӯзбакӣ, тоҷикӣ ва туркманӣ*.

Яктаркибаи тафсилӣ ҳамагӣ як ҷумларо ташкил додааст. Масалан:

Барои чоп кардан ба соли 1925 ба ӯзбакҳо 125, ба тоҷикҳо 25 ва ба туркманҳо 40 варақи чопӣ ҳаҚ доданд. Дар ин ҷумла нависанда пешоянди «*ба*»-ро ба вазифаи пешоянди «*дар*» кор фармудааст, инчунин пасвандгунаи «-*ҳо*» бо пуркунандаҳои чида се маротиба омадааст.

Ҷумлаи содаи саволии аслӣ: 4; Масалан: *Оё дар Самарқанд барои тоҷикон чизе тартиб ёфтааст?*

Ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ 1. Масалан:

Кори ӯзбакон ба пеш рафтан аст, аммо аз тоҷику туркман ин ҷо одами коркун нест. Дар ин ҷумла хабари номӣ: *ба пеш рафтан аст*, одами коркун (корманд), – он.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда 1. Масалан: *Дар хотир гирифтан лозим аст, ки моҳи аввали соли 25-ум гузашт.* Ба хотир гирифтан, аммо дар хотир нигоҳ доштан…

Бо пайрави шарт 3. Масалан: *Агар андаке сустӣ ва мусоҳила ба кор равад, Тоҷикистон аз 25 варақаи табъи Маскав маҳрум хоҳад монд.*

Бо пайрави хабар 1. Масалан:

Бинобар он хостам, масъала дар пешгоҳи назари кордорони Тоҷикистон ва ходимони маориф ва адабиёти Тоҷикистон афтода, музокира ва гуфтушунид ёбад. Дар ин ҷо бинобар он – ман хостам, (ки) кордорон, муайянкунанда ва хабари чида, ихтисори такрори феъли ёвар;…

Ҷумлаи пайрави мақсад 1. Масалан:

Акнун барои пеш бурдани нашриёти Тоҷикистон ба як дастурамали муайян ва бо як хати харакати равшан ба кор шуруъ кардан лозим аст, то ки барои тоҷикон чизи корӣ ва зарур нашр ёбад. Дар ин ҷо акнун – ибораи масдарӣ, дастурамал, хати ҳаракати равшан, нашр ёбад.

Ҷумлаи пайрави замон 1. Масалан:

То китоб ҳозир мешавад, нимаи сол аз даст меравад. Дар ин ҷо «то китоб» – ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон (то // то …ки) // тайёр мешавад; аввали сол гузашт (26) // нимаи сол аз даст меравад.

Ҷумлаи пайрави бепайвандак 1. Масалан:

Бинобар он хостам, масъала дар пешгоҳи назари кордорони Тоҷикистон афтода, музокира ва гуфтушунид ёбад. Дар ин ҷо «бинобар он – ман хостам, (ки), кордорон муайянкунанда ва хабари чида, ихтисори такрори феъли ёвар»…

Ғайричида 2. Масалан:

Ба ҳарфе ки ман шунидаам, ҳозир дар Самарқанд «Соли нахустин» ном китоби алифбо, ки таълифкардаи рафиқ Саидризо се ҷузъ китоби

«Табиёт» ва ҷузъи китоби ҳисоб аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷима ёфта истодааст. Ба ҳарфе ки // чунон ки ҷумлаи пайрави мутобиқат ва муайянкунанда, ибораи номӣ бо ёрии пасвандгунаи «ном» // ки …таълиф кардааст, рафиқ (на бародар).

Дараҷагӣ 1. Масалан:

Ба фикри ман, аз ин ҳаҚ истифода кардан кори душворе нест, агар коркуни ҷумҳурияти Тоҷикистон ва ходимони маориф ва адабиёти тоҷикон қадре ҷиддитар ба кор шуруъ кунанд, на ин ки 25 варақи чопии Маскав, дар худи Тоҷикистон ҳам хеле чизҳоро ба майдони матбуот оварданашон мумкин аст. Ин ҷо *ба фикри* – пайвандаки сабаб (чунки, зеро), ки бояд пеш аз *агар* ояд, фурӯгузор шудааст; воҳиди туфайлӣ ибораи масдарӣ, коркун, ходимон, на ин ки // на танҳо, варақаи чопӣ…

Омехтаи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо чида 1. Масалан:

Ҳар чизе, ки табъ ёфтанист, ё ки дар дасти таълифу тарҷима аст, пешакӣ, то ки аз як китоб ду нусха дар ду ҷой табъ ёфта, исрофи пулу когаз нашавад, чунончи як алифбо дар Самарқанд чоп шуд, як алифбои дигар дар Маскав табъ хоҳад шуд, ба зудӣ дар Самарқанд ба таҳти дасти мисли рафиқ Саидризо як одами чандзабондон ҳайати таълифу тарҷима барои Тоҷикистон ташкил дода, феълан ба кор шуруъ кардан зарур аст.

Ҳар чизе – ҷумлаи мураккаби тобеъ бо сертаркиби чида: ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сарҷумла ва ду ҷумлаи пайрави мақсад бо ду ҷумлаи пайрави истисноӣ низ ба сарҷумлаи «*ҳар чизе …пешакӣ (ва) ба зудӣ дар Самарқанд ба таҳти дасти мисли Рафиқ Саидризо як одами чандзабондон ҳайати таълифу тарҷима барои Тоҷикистон ташкил дода, феълан ба кор шуруъ кардан зарур аст*» тобеъ шудаанд; феъли таркибии «*табъ ёфтан, табъ шудан*»; пешоянди таркибии *дар дасти*, калимаи мураккаби «*чандзабондон*», зарфи *феълан*.

Дар мақолаҳои солҳои бистум ифодаи зарурат бо феъли модалии *боистан* ва калимаҳои *лозим, даркор, зарур* ва ғайра дар қолаби ҷумлаҳои содаю мураккаби тобеъ мушоҳида мешавад. Акнун барои пеш бурдани

нашриёти Тоҷикистон … ба кор шуруъ кардан *лозим* аст; Ин ҳайатро *лозим* аст, ки …; Кордорони Ҷумҳурияти Тоҷикистонро *лозим* аст, …

Чунин ҷумлаҳо хусусияти ба бунёдкорӣ даъват намудан доранд. Дар таркибсозии феъл С. Айнӣ феъли ёвари *ёфтан*ро низ бештар истифода кардааст.

«Ленин ва Шарқ» («Овози тоҷик», 12 феврали 1925) 34 ҷумла

Дар ин мақола аз 34 ҷумла 16-тои онро ҷумлаҳои сода ташкил кардаанд, ки аз он яктаркибаи тафсилӣ ҳамагӣ дутост:

Рафиқ Ленин мулоҳиза кард.

Дар ин ҷумла калимаи *рафиқ* нисбат ба *доҳӣ* оварда шудааст.

Дутаркибаи тафсилӣ 12 ҷумларо дар бар гирифтааст. Масалан: *Рафиқ Ленин тамоми ин ҷузъиёту куллиёти оламро бо чашми дурбин ва пурбини худ дид ва мувофиқи ин биниши худ хати ҳаракат барои озодии Шарқ кашид.*

Дар ин ҷумлаи дутаркибаи тафсилӣ ду хабар чида шудааст. Тавсифоти *чашми дурбин ва пурбин, хати ҳаракатро кашидан* ба маънои нақшаи стратегияи амалиёт истифода шудааст. **Ҷумлаи муътариза дуто**, масалан:

Ин фирқа (баъзе ашхос истисно шаванд) иборат аз тамоми аҳли Шарқ ва ба иборати дигар як тӯда миллати мазлумаи маглуба ҳасту бас.

Ин ҷумлаи дутаркибаи чидааъзо (хабар) буда, дар таркибаш ҷумлаи муътариза *(баъзе ашхос истисно шаванд)*ва аъзои истисноӣ *(ба иборати дигар…)* дорад. Мувофиқати *ашхос истисно шаванд*, ибораи *миллати мазлумаи маглуба* қобили қайд аст.

Қонуни эшон барои фарангиён ва барои аҳли Шарқ дигар аст. Ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилии муътариза аст.

Дар ин мақола ҷумлаи мураккаби пайваст ҳамагӣ 5 ҷумларо ташкил додаанд. Масалан:

Пайиҳам 3 ҷумла истифода шудааст :

Дар қарни охир, аз олами Шарқ ҳам баъзе мутафаккирон баромада ва ҷо-ҷо ҳаракатҳо ҳам муқобили торочгарони Ғарб мушоҳида мерафт.

Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам аст. Таркиббандии *мушоҳида рафт* (шуд) низ имконпазир будааст. Одатан, дар чунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст пайвандаки «ва» кор фармуда намешавад.

Ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ 2-торо ташкил додааст. Масалан:

Рафиқ Ленин мурда, лекин афкори ӯ, дастурамалҳои ӯ зинда аст.

33. *Рафиқ Ленин мурда, лекин васиятҳои қиматдор ба мерос гузоштааст.*

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо пайвандаки пайвасти хилофии «лекин».

Сертаркиб: 1. *Дар натиҷаи ин ҳуҷум ва тороҷ олами Шарқ фақир шуд, олами Шарқ гулом шуд, олами Шарқ аз дастгоҳҳои чизсозӣ тамоман маҳрум монда, аз кӯдаки навзод гирифта то мурдаи дар гӯри ин олам, яъне аз парпеч гирифта то кафан ба дасти сармоядорони Ғарб муҳтоҷ шуд.*

Ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб, ки зоҳиран аз панҷ ҷумлаи сода, аслан аз се ҷумлаи сода иборат аст, зеро барои таъкид олами Шарқ бо ҳар кадоми хабарҳои чида такрор омада, се ҷузъи предикативӣ сохтааст, вагарна «*Олами Шарқ, гулом, аз дастгоҳ… маҳрум монда*» гуфтан мумкин. Дар ин матн «*аз кӯдаки навзод гирифта то мурдаи дар гӯр*» ва аъзои истисноии «*яъне аз парпеч гирифта то кафан*» тарзи чида шудани аъзо ва бо пешоянду пасоянди «*аз…гирифта*» қайд аст.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳамагӣ 18-торо ташкил додааст, ки аз он **6-тояш ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда** мебошанд. Масалан: *Олами Ғарб,* ки ҳама ҷо кам ё беш аз корхонаҳои мошинӣ холӣ набуд*, он қадар ба мол эҳтиёҷ надошт.*

Ҷумлаи мураккаб бо пайрави муайянкунанда; кам ё беш, корхонаҳои мошинӣ (саноат, таҷҳизоти техникӣ).

Бо пайрави пуркунанда 2-то. Масалан: *Рафиқ Ленин мулоҳиза кард: (***21а***) олами Шарқ чанд сад сол аст, ки бори гуломии сармоядорони Ғарбро мекашид, ҳар чизи буду нобуди худро ҳар рӯз ба ин тороҷгарон ва ягмогарон месупорад.*

Ҷумлаи аввал нутқи айнан нақлшуда (нутқи айнан ботинӣ) дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави чида: бори ғуломӣ мекашад, *…месупорад, …поймол мебинад, …мехарад, соҳиб нест* ва ғайра. Ин муҳокима бо якчанд ҷумлаи содаву мураккаби тобеъ ба тариқи сунъӣ ҷудо карда шудааст: 21.1: ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, 21.3: ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ, 21.4: Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, 21.5: ҷумлаи содаи яктаркибаи чидааъзои истисноӣ.

Бо пайрави шарт 1-то. Масалан: *Шарқ, ки худро ба ҳаракатҳои миллӣ аз дасти сармоядорони бегона раҳоӣ диҳад, ба ҳеҷ ваҷҳ аз сари нав ба дасти сарватдорони худ гирифтор нахоҳад шуд.*

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави шарт бо пайвандаки «ки».

Бо пайрави хабар 3-то. Масалан,

Сабаб ин буд, ки рафиқ Ленин як қисми муҳимми ҳаёти қиматбаҳои худро дар роҳи озодии Шарқ сарф кард.

Ин ҷумла зоҳиран ҷумлаи мураккаб, аслан ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ. Доҳиро бо калимаи «рафиқ» ба забон гирифтан падидаи сохти нави иҷтимоӣ ва тақозои вазъи сиёсии ҳамонзамона буд. Аз ҳамин сабаб С. Айнӣ ҳам риоя кардааст.

Сертаркиби ғайричида 3-то. Масалан: *Агар заҳматкашони Русияро пешрави лашкари инқилоб ба шумор дод, мазлумони Шарқро ҳам аз қувваҳои асосии ин лашкар шумурд ва муздуроне, ки имрӯз дар олами Ғарб ба тахти гуломии давлатҳои сармоядор кор мекунад, қувваи эҳтиётии аскари инқилоб ба қалам дод.*

Ҷумлаи мураккаби сертаркиби ҳампайрави ғайричида буда, пайвандаки *агар* шартро ба тариқи қиёс ифода кардааст. Хабари *ба шумор дод* чун муродифи *шуморида бошад* омадааст. Муродифоти луғавии *ба шумор дод // шумурд // ба қалам дод* ҷолиби қайд аст.

Дараҷагӣ 1-то. Масалан:

1.Рафиқ Ленин дар таърихи инқилоб аз Ғарб дида ба Шарқ зиёдтар аҳаммият дод.1. Зеро рафиқ Ленин медонист, ки олами Шарқ умуман дар зери пойи гуломии сарватдорони Ғарб дар фишурда шудан аст.

Дар ин ҷо ҷумлаи дуюм бо *зеро* барғалат ҷудо карда шудааст: ҳар ду як ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷагӣ бо пайрави сабаб ва пуркунандаи рафиқ, олами Шарқ, Ғарб (мамлакатҳо), таъбири маҷозии дар зери пойи касоне будан, дар фишурда шудан будан // фишурда шуда истода будан (муродифоти ифодаи амалу ҳолати давомнок).

Омехта 1-то. Масалан:

Дар ин ҳол илова бар ин ки Шарқ халос мешавад, ба сабаби бозор аз даст рафтан ва омаду шуди моли хом баста шудан, дар Ғарб ҳам буҳрони иқтисодӣ пайдо шуда, асоси ҳашмати давлатҳои сармоядор дар ларза меафтад.

Ҷумлаи мураккаби омехта; *ҷумлаи пайрав бо пайвандаки* ***илова бар ин ки****, ибораҳои масдарии* ***бозор аз даст рафтан, омадушуди моли хом баста шудан.***

Аз таҳлили басомади хелҳои ҷумлаи маводи публитсистии С. Айнӣ (соли 1925) маълум мешавад, ки дар сабки рӯзноманигории С. Айнӣ истифодаи қолабҳои мураккаби ҷумла, ба хусус ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва сертаркиб, бар қолаби ҷумлаҳои сода бартарӣ доштааст. Аз 32 ҷумлаи сода 27-тои он дутаркибаи тафсилӣ аст. Таркиби ҷумлаҳои сода аз ҳисоби чида шудани аъзоҳо (хусусан хабар) хеле тафсил ёфтааст. Зикр ва шарҳи воқеа ба фаровон кор фармудани ҷумлаҳои хабарӣ, аҳёнан истифода намудани ҷумлаҳои саволии риторикӣ ва амрӣ тақозо кардааст. Ба забони мақолаҳои С. Айнӣ муфассал шарҳ додани аломату хусусият бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва истифодаи ҷумлаи муътариза хос аст.

Таносуби ҷумлаҳои сода ва мураккаби соли 1919 бар соли 1925 фузунтар гардидани миқдори ҷумлаҳои сода (аз 36% ба 54, 3%) ва камтар шудани ҷумлаҳои мураккаб (аз 64% ба 54,3%) ба назар мерасад. Ба ҳар

ҳол, тамоюли мураккабшавии сохтори наҳвии ҷумлабандии забони мақолаҳо дида мешавад (аз 54,3 % ба 66,1 %).






Мақолаи "Ленин ва Шарқ" (С.1925)
Ч.с.якт.тафс.
3%
Ч.с.дут.тафс.
33%
Ч.с.нопурра
3%
Ч.с.муътариза
5%
Ч.м.пайваст
14%
Ч.м.тобеъ
42%

3.5. Воситаҳои муассири наҳвӣ

Дар матни зерин муаллиф ҷумлаҳои саволии риторикиро бо такрори сарҷумла оғоз мекунад: *Дар дунё кадом салтанат аст, ки…; кадом салтанат аст, ки…* Чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеи саволӣ, ки дар қолаби такрори анафора сохта шудаанд, мақсади нависандаро хеле барҷаста ифода мекунанд, яъне нависанда таъкид карданӣ аст, ки дар дунё ягон салтанате нест, ки ба масъалаи маориф ин қадар эътибори зиёд дода, маблағҳои бешуморе харҷ карда бошад:

Шумо як қадаре фикр намоед! *Дар дунё кадом салтанат аст*, ки ба маорифи раия ҳамин дараҷа базлӣ ҷаҳд намояд? *Кадом салтанат аст*, ки танҳо дар роҳи илм ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф намояд? (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 107).

Дар матни зерин ҷумлаҳои саволии риторикӣ бо такрори ҳиссачаи саволии «*оё*» сохта шудаанд ва ин ҷумлаҳо ҳамин кори фикрро ба тариқи таъкид ифода кардаанд:

Баъд аз ин муқаддимаи дуру дароз *як назар андозем*: *оё мо* озодии худро *мехоҳем ё намехоҳем*? *Оё мо* соҳиб шудан ба ҳуқуқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро толиб *ҳастем ё нестем*? *Оё мо* поймол нашудани зану фарзанд, аёл ва атфоли худро *хосторем ё не*? *Оё мо* халосии олами исломро аз дасти аҷониб *орзу мекунем ё намекунем*? Ба ин суолҳо ҳар туркистонӣ, ҳар мусулмон «*мехоҳем!, толиб ҳастем!, хосторем!, орзу мекунем*!» гуфта ҷавоб хоҳад дод (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 135).

Бо ёрии пайвандаки пайвасти ҷудоии «ё» дар шакли такрор овардани феъл барои қувват додани интонатсияи пурсиш ва таъкиди матлаби нигоранда истифода мешавад, вагарна бидуни чунин такрор ҳам пурсиш ифода ёфта метавонад: оё мо озодии худро мехоҳем?

Ҷолиби қайд аст, ки нависанда дар ҷумлаҳои водоркунанда ҳам аз имконоти луғавии забон моҳирона истифода кардааст. Барои он ки ҷумлаҳо якранг набароянд, бори аввал *фикр намоед*, баъд *мулоҳиза*

фармоед, дар охир *фикр кунед* матлабро ба тарзҳои гуногун ифода кардааст. Исмҳои *фикр* ва *мулоҳиза*, инчунин феълҳои *кардан, фармудан, намудан* низ муродифи ҳамдигар буда, бо мақсади гурез аз такрор истифода шудаанд. Он ҳам аҷиб аст, ки нависанда ба хонандаи худ боэҳтиромона бо ҷонишини шахси дуюми ҷамъ «*Шумо*» муроҷиат мекунад. Бо ин васила нависанда, аввалан, муносибати худро нисбат ба хонандагон ифода карда бошад, сониян, барои дилгарм кардани онҳо ба мутолиаи мақолаҳо аз ин имконоти услубии забон фоида бурдааст:

Хабари ҷумлаҳоро танҳо ба тариқи тасдиқ низ овардан имконпазир буд: *оё …мехоҳем, …толиб ҳастем, …хосторем, …орзу мекунем.* Нависанда барои таъкиди пурсиш шакли инкории феъл ва ҳиссачаро низ овардааст: *… мехоҳем ё намехоҳем, … толиб ҳастем ё нестем, хосторем ё не, … орзу мекунем ё намекунем.*

Бо зикри шумора:

Ба ин *ду сабаб ҳаст: яке* – камтаҷрибагии муаллимин, *дуввум* – бекитобист (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 59). Зеро таҳсили илм *ду роҳ дорад*, *якеро* «умумӣ ва ихтиёрӣ», *дигарашро* «хусусӣ ва иҷборӣ» гуфта метавонем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 47). Аз рӯйи шунидам, дар болои хостани забон дар адабиёти нави навиштаи тоҷик *ду фикри асосӣ меравад: яке* қабул кардани забони умумии форсӣ…, *дигаре* забони содаи авоми тоҷик (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 105). Аз аҳли Шарқ танҳо *ду давлат* ба ҳақиқати «масъалаи Шарқ» пай бурданд: *якум* – давлати Жопуния. *Дуввум* – давлати Усмонӣ (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 112). …дар пеши назари роҳбарони инқилоб *ду масъалаи* бузург истода буд:

Яке – нафтро ба даст дароварда, роҳҳои оҳан, дастгоҳ ва корхонаҳоро ба ҳаракат даровардан. *Дуввум* – ба зудӣ ба муованати аҳли Шарқ, ки зулмдидагонанд, расида, давлатони сарватдори Фарангро аз Шарқ, бад-ин восита аз рӯйи дунё тард кардан (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 145).

3. Ҳиссачаи таъкидии ***ҳатто****.* Нахустин, ки иборат аз «умумӣ ва ихтиёрист», ҳанӯз дар байни мо номавҷуд аст, ҳ*атто* мардуми мо чӣ будани таҳсили «умумӣ ва ихтиёри»-ро намедонанд… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 163). Дигар он ки Ҳукумати Бухоро аз роҳи фурӯмоягӣ ду маҳоли Дизах, ки Қӯрғонтеппа ва Қизилқум бошад, ба хоки худ ҳамроҳ сохта ва ҳ*атто* аз ин маҳаллот ба фоидаи хизонаи Бухоро бидеӣ ва молиёт гирд овардааст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 152). Ҳар гоҳ давлати Бухоро бо мо дӯст буд, инҳоро набоистӣ ҳ*атто* бо худ роҳ дод (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 168).

3. Банди наҳвӣ (синтаксисӣ)

Истилоҳи «период»-ро А. Н. Гвоздев навъи махсуси ҷумлаи мураккаби сайқалёфта шуморидааст, ки аз лиҳози мундариҷа шарҳи муфассали мавзуъ буда, чанд қисматро дар бар мегирад, вале аз ҷиҳати шакл хусусияти муназзамӣ ва мавзунӣ дорад [Гвоздев А. Н., 1955, с. 443]. Ба ақидаи тадқиқгарони дигар, «период» қолаби мураккаби наҳвист, ки мундариҷаи мукаммал дошта, аз лиҳози шакл дорои хусусиятҳои мавзунӣ ва муназзамии ҷузъҳост, гарчи банди наҳвӣ бештар дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби чида воқеъ мегардад [Атобуллоев С., 198 , с. 193]. Таҳқиқгарони банди наҳвӣ хотирнишон кардаанд, ки дар вазифаи ҷузъи аввали банд, одатан, ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб, шарт, хилоф, тарз ва монандӣ меоянд.

Аскарҳои англис чаро ба Русия мераванд? Мо чаро барои маҳв кардани бародарони ҳамсинфи худамон, яъне коргарони Русия, ба он ҷо меравем? То ба чанд мо қурбони ҳавои соҳибҳавасон мешавем? Бас аст фиребҳое, ки то ба ҳол хӯрдем! (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 122).

Дар бандҳои наҳвӣ муносибати салбӣ ё эҷобӣ ва эҳсосоти гуногуни нигоранда басо барҷаста ва табиӣ ифода меёбад. Адибони пуртаҷриба ва пухтакор дар мавридҳои зарурат аз ин имконоти муассири тасвир истифода мебаранд.

Дар матнҳои зерин нависанда аввал сабаби воқеаро ба воситаи таркибу зарфҷонишин – *ба чӣ сабаб, барои чӣ, чаро, ба чӣ орзу* саволгузорӣ карда, баъдан воқеаро баён менамояд:

Хусусан, дар зарфи се соли охирӣ, ки ба сояи Русияи Шуроӣ Туркистон рӯйи озодиро дид ва соҳиби ҳуқуқ ва имтиёз гардид, маазолик дар роҳи маърифат ҷасурона қадам гузошта натавонист, *ба чӣ сабаб*? *Ба сабаби ин ки* илму маърифатро ба фатвои ҳукумати Бухоро ҳаром медонист!

Қитъаи Фарғона, ки дар Туркистон ҳукми як гулзорро дошт, се сол боз аз хуни муслимин гулгун мешавад, *барои чӣ?* Барои ин ки аз ҳукми амири Бухоро ва ба ишорати уламои Бухоро ҳарокоти дуздони қуттоуттарикро, бо вуҷуди ин ки ҷуз қатлу тороҷи муслимин ва ғайр аз ҳатки маъсумин коре надоранд, машруъ донист (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 190).

Як қисм разилтабъони Туркистон, ки се сол боз ба Ҳукумати Шуроӣ дил гарм накарда, ҳар шаб ба хоби худ хаёли англисҳои манҳусро мебинад, *чаро? Зеро* дар ҳамсоягии худ, дар зери ҳимояти давлати олӣ зару сими англисҳо шаъшаапош аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 190).

Дар ин маврид ҳам С. Айнӣ барои якранг набаромадани баёни фикр аз пайвандакҳои ҳамвазифаи *ба сабаби ин ки, барои ин ки ва зеро* истифода мебарад.

…аз тарафи Улуғбек, набераи Темур чӣ сон муассисаҳои илмӣ бино ёфт, ин пештоқе, ки дар муқобилаш мабҳут нишастаам, аз тарафи ин ҷавони аломмаи Улуғбек ба чӣ орзу сар ба фалак кашида шуд? (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 162).

Қавми тоҷик, азбаски аз рӯзномаҳои ӯзбакӣ дуруст истифода карда наметавонист, надонист, ки Ҳукумати Шуроӣ ва фирқаи иштирокиюн ба масъалаҳои миллӣ чӣ назар дорад? Забон ва адабиёти миллатҳоро ба чӣ дараҷа тақдир мекунад? Ва умуман адабиётро чӣ миқдор қиммат ва

эътибор медиҳад?...?...?... Акнун мебинем, то ҳамияти қалами кадом шермард даванда аст? (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 98).

Дар матни аввал пурсиши *чӣ сон* ва ба *чӣ орзу* дар ифодаи эҳсоси ифтихор ва қаноатмандии нигоранда ёрмандӣ карда бошад, дар матни дигар пурсишҳои *чӣ назар дорад, чӣ дараҷа тақдир мекунад, чӣ миқдор қиммат ва эътибор медиҳад ва аломати ?...?...?...* барои масъалагузорӣ оварда, сипас ба шарҳи муфассал гузаштааст.

Аломати савол бо се нуқта (?...?...?...) идома ёфтани хабарҳои чидаро ифода мекунад.

Нависанда матлабро ба тариқи муҳокимаи мантиқӣ ифода мекунад: аввал сабаби амалу ҳолатеро зикр намуда, сипас натиҷагирӣ мекунад, бо ин васила эътирози қатъии худро муассир ифода мекунад.

Дар ҷумлаи зерин муаллиф барои хонанда фикри худро тавре баён мекунад, ки дар зеҳни хонанда ба вай ҳамчун шоҳиди бевоситаи воқеаи тасвиршаванда пайдо мешавад. Дар ин ҷо ба «*мо*» тавре нишонрас намудааст, ки ҳамаи аҳолии Туркистонро ифода мекунад, ки яке аз онҳо худи нигоранда аст. Инчунин, тариқи саволгузории *чӣ шуд?* ва *чист*? матлаби гӯянда муассир ифода меёбад:

Дар хотири мо – туркистониён, қавме, ки дар вақти ҳукумати Николай аз аскарӣ то беруни ҳудуд мегурехтанд, барои халос шудан аз аскарӣ даст, пой, чашм ва соири аъзои муҳимаи худро талаф мекарданд, худро ба ҳар гуна таҳлука андохта, барои *раҳоӣ ёфтан* аз аскарӣ чора меҷустанд, *чӣ шуд*, ки ба ихтиёри худ хурду бузург ба сафи ҳарб медаванд, синаи худро сипари тири душман намуда, мудофааи ватан мекунанд, на танҳо мудофааи ватан, балки зану фарзанд, модару падари худро гузошта, ба Туркистон раҳсипор мешаванд? Илова бар ин, сафари пурхатари Шарқ ва пархоши ҷонхароши муталлибинро дар Шарқ дар назар гирифта, ба як ҷиддияти самимӣ ҳозирӣ мебинанд?...

Воқиан, амсоли ин суолҳо дар назари *мо* – туркистониён, ки ҳанӯз озодӣ чист ва истиқлол чӣ маънӣ дорад, дӯст кист ва душман кадом аст,

орзу чист ва омол кадом аст, намедонем, табиӣ менамояд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 135).

Муаллиф дар аввал матлаби худро ба тариқи пурсиш ифода намуда, дар охир худ ба он ҷавоб медиҳад. Ин ҳам яке аз роҳҳои сохтани банди наҳвӣ (синтаксические периоды) ва ба тариқи муассир ифода кардани фикр аст. Дар ин гуна ҷумлаҳои саволии риторикӣ аввал нависанда ба тариқи саволгузорӣ диққати хонандаро ҷалб менамояд: *Дар дунё кадом ҳақ ва имтиёз аст? Дар дунё ҳамчун коре ҳаст? Чӣ гуна орзуву омол аст?*

Ин ҷумлаҳои саволии риторикиро муаллиф бо мақсади тез кардани диққати хонанда меорад. Дар охир худи нависанда ҷавоби ин суолҳоро меорад, ки «*монанди инро дар таърих касе надидааст, ки касе меҳнат кунад ва дигаре озод зиндагӣ кунад*». Инчунин, дар давоми матн чор маротиба ба воситаи ҳиссачаи саволии «*оё*» аз хонанда ба ҳамин монанд фикрҳоро мепурсад ва дар охир «*Не, бародарон*» гуфта ҷавоб мегӯяд. Ин тарзи ифодаи фикр дар мақола хеле ҷолибу таъсирбахш аст ва хонандаро водор месозад, ки зудтар ба маънои он сарфаҳм равад:

Дар дунё кадом ҳақ ва имтиёз *чӣ гуна* орзу ва омол аст, ки бе хидмате, бе машаққате ба даст дарояд? *Дар дунё* ҳамчун коре ҳаст, ки дигарон ҷон диҳанд, дигарон машаққат кашанд, мову шумо озод ва соҳибҳуқуқ бошем? Амсоли инҳоро то ҳол таърих нишон надодааст ва баъд аз ин ҳам нишон нахоҳад дод. *Оё* ниёгони мо он ҳама сафарҳои мушаъшаъро ба сояи аскарии дигарон ҳосил карда буданд? *Оё* муҷоҳидини ислом, диёри исломро дар бистари осудагӣ ғунуда муҳофиза намуда буданд? *Оё* Афғонистон ба истиқлол ва озодӣ аз аскарӣ гурехта ноил шуд? *Оё* ба мо ҷон ширину ба дигарон ширин нест? *Не,* бародарон! Ба ҳама ҷон ширин аст, ҳама ҳаққу имтиёзро бо қувваи аскарӣ муҳофаза мекунанд ва хоҳанд кард (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 135).

Дар матни зерин ҳиссачаи саволии «*оё*» ду маротиба оварда шуда, ба воситаи ин муаллиф ба хонанда мурочиат мекунад, ки «*То кай бетараф менишинем, дар зарфи се соли иинқилоб чанд нафар ҷавон ба*

Асокири Сурх додем?» гуфта аз хонанда мепурсад ва дар охир худ ҷавоб мегӯяд:

Оё мо ҳанӯз дар ин масъалаҳо, дар ин музокираҳо, дар ин иҷроот бетараф менишинем? *Оё* ҳанӯз «олма пиш, оғизма туш!» (себ паз, ба даҳонам афт, даро) мегӯем? Таҳкими озодии худамон ва тахлиси аҳолии Шарқ шамшерҳои буррон ва ҷавонони қаҳрамон мехоҳад. Як қисми ин шамшерҳо ва ин ҷавононро лозим аст, ки худамон омода кунем.

3.6. Ҷумлаҳои саволии риторикӣ

С. Айнӣ на танҳо дар асарҳои бадеияш, балки дар мақолаҳои публитсистиаш ҳам аз воситаҳои муассири наҳвӣ моҳирона истифода мебарад. Яке аз он воситаҳои муассири наҳвӣ саволи риторикист. Саволе ба миён меояд, ки фарқи ҷумлаи саволӣ аз ҷумлаи саволии риторикӣ дар чист? Дар ҷумлаҳои саволӣ фикре ифода мешавад, ки ба гӯянда маълум нест ё ягон нуктаи он чандон равшан нест ва ба воситаи савол онро донистан ё равшан кардан мехоҳад. Дар ин маврид аз воситаҳои пурсиш фоида бурда, матлаби худро ба тариқи савол баён мекунад. Аммо мақсади ҳама аз ин гуна пурсиш донистани чизи номаълум ва ё равшан кардани ягон нуктаи факте нест. Гӯянда баъзан фикри ба худаш маълум ва равшанро ҳам бо оҳанги савол ифода мекунад. Маҳз аз ифодаи мақсади аслии мутакаллим ҷумлаҳои саволиро ба ду хел: ҷумлаҳои саволии аслӣ ва ғайриаслӣ ё риторикӣ ҷудо мекунанд.

Дар ҷумлаҳои саволии аслӣ пурсиш бо мақсади донистан ё равшан кардани ҳодиса ё воқеаи номаълум ё носаҳеҳ воқеъ мегардад. Гӯянда бо савол шунавандаро водор мекунад, ки ба пурсиш ҳатман ҷавоб диҳад. Гоҳе дар ҷумла фикр бо оҳанги савол ифода ёбад ҳам, мақсади пурсанда чизеро донистан нест, балки бо ин восита фикри худро пуртаъсир ифода кардан аст. Чунин ҷумлаҳои саволиро ғайриаслӣ ё риторикӣ меноманд. Дар ҷумлаҳои саволии ғайриаслӣ ё риторикӣ асли мақсади гӯянда чизеро пурсида донистан нест, балки тасдиқ ё инкори фикреро таъсирбахш ифода кардан аст [Камолиддинов Б., 2010, с. 53 – 54]. Ҷумлаҳои саволии риторикиро, ки дар мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ истифода шудаанд чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. Муаллиф дар ибтидои сухан як ҷумларо оварда, хонандаро ба фикру мулоҳиза кардан водор месозад: *Шумо як қадаре фикр намоед…; Акнун шумо мулоҳиза фармоед…; Шумо як бор фикр кунед…* Ин ҷумлаҳои амрӣ ба он мақсад оварда шудаанд, ки нависанда мехоҳад диққати

хонандаро ба ягон нуктаи муҳими фикр ҷалб намояд. Бо ин тариқа матлаби худро нишонрас ва муассир ифода мекунад. Дар хусуси ифодаҳои риторикӣ Х. Ҳусейнов чунин гуфтааст: «Ҳар як ифодаи риторикие, ки дар назди хонанда гузошта мешавад, вай маҳз бо мақсади муайян, барои ба таври махсус ҷалб намудани диққати хонанда оварда мешавад» [Ҳусейнов Х., 1973, с. 148].

Одатан, С. Айнӣ пас аз чунин ҷумлаҳои водоркунанда матлаби худро бо оҳанги пурсиш баён месозад. Мақсад аз чунин ҷумлаҳои саволии риторикӣ аз хонанда чизеро пурсидан нест, балки мақсади худро бо ёрии интонатсияи саволӣ таъкид кардан аст.

Дар ин матн ҷумлаҳои саволии тасдиқӣ аст, ки он, аслан, ба маънои инкор далолат мекунад. Дар ин гуна ҷумлаҳои саволии риторикӣ матлаб танҳо инкори муқаррарӣ нест, балки бо мақсади шаддидан рад кардан истифода шудаанд. Сохти ҷумлаи мураккаби тобеъ ба қувват додани маънои инкор мусоидат менамояд. Ҷумлаҳои пайрави сабаб ва шарт барои инкори қатъӣ замина фароҳам меоваранд:

Акнун шумо мулоҳаза фармоед, подшоҳзодаи як мулк, ки фирорӣ шуда, ба сояи подшоҳе меояд, оё ба вай ҳамин гуна муомала мекунанд?... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 176).

Шумо як бор фикр кунед, агар аҳли Шарқ ба фарангиён як сол ашёи хом *надиҳад*, ғаллаву мева *надиҳад*, аскар *надиҳад*, баръакс синаи худро сипар карда, дар муқобили истибдоди эшон бархезад, ҳоли эшон чӣ мешуда бошад? (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 216).

Такрори хабари ҷумлаи пайрави шарт барои қувват додани маънои сарҷумла «*ҳоли эшон чӣ мешуда бошад*» оварда шудааст.

2. Нависанда аввал сабаби воқеаро маънидод карда, баъдан ба воситаи оҳанги пурсиш хулосаи худро мебарорад. Масалан, дар матни зерин аввал зикри сабаб, яъне муомилаи подшоҳ бо меҳмон оварда шуда, баъдан ба воситаи ҳиссаи саволии «*оё*» фикри нависанда нисбат ба шахси якум оварда мешавад. Ногуфта намонад, ки дар ин ҷо аз

воситаҳои муассири наҳвӣ, яъне гурез аз такрори калима низ истифода шудааст, ки он калимаҳо *муомала* ва *сулук* мебошанд. Ҳарчанд ки *сулук* калимаи арабии барои тоҷикон нофаҳмост, аммо ин услуби навишт хоси С. Айнӣ аст ва барои рангин баромадани ҷумла аз ин имконоти забон истифода мебарад:

Як подшоҳе, ки ба як шоҳзодаи меҳмон ин муомаларо раво медорад, *оё* ба раиягони зери дасти худ чӣ гуна сулук мекарда бошад?... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 176).

Дар матни дуюм низ нависанда аввал сабаби кушта шудани қаҳрамони мақолаашро оварда, ба воситаи ҷумлаи саволии тасдиқӣ фикри худро баён мекунад:

Ё ин ки қозӣ Абдуссамадхоҷаи судур, ки пушт дар пушт хонадонаш аз ҷиҳати илму тақво сабаби ифтихори Бухоро ва Самарқанд буд, дар чоҳи бедоди асорат кушта нашуд, магар ба гуноҳи ин ки ба ҳаракоти разилонаи амир ва аҳли дарбор қалбан розӣ набуд? (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 186).

Дар матни зерин муаллиф ба воситаи ҳиссачаи саволии «*оё*» ду ҷумлаи саволиро пайи ҳам оварда, дар охир бо як ҷумлаи саволии риторикӣ ва хабарӣ бо таъкид инкор мекунад: «Аҳолӣ ба ин истиқлол бовар карда метавонад?» гуфта саволгузорӣ мекунад ва дар охир «А*лбатта не, сад бор не*!» гуфта, ҷавоб мегардонад:

Лекин, оё аҳолии Қафқоз ба ин истиқлол эътимод карда метавонанд? Оё ба қоғазҳое, ки ба вазидани як боди мухолиф дар биёбони нисён парешон мешавад, бовар карданашон *мумкин аст*? // мумкин нест.

Ба ин суолҳо «албатта не, сад бор не!» ҷавоб медиҳем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 105).

Дар матни дигар С. Айнӣ ба воситаи пайвандакҳои *ба кучо, оё* ва *ё ин ки* саволгузорӣ карда, баъдан «*Ба ин наздикӣ маълум хоҳад шуд*» гуфта ҷавоб мегӯяд:

Охирин роҳ ва хати ҳаракате, ки давлатҳои Онтонта ин бор гирифтаанд, ба кучо хоҳад анҷомид? Дар воқеъ давлатҳои Фарангистон аз самими қалб Ҳукумати Шуроиро шинохта, оё бо болшевикҳои Русия муомилаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ хоҳанд кард? Ё ин ки боз як бори дигар як ҳилаи сиёсӣ карда, толеи худро таҷриба менамоянд? Ба ин наздикӣ маълум хоҳад шуд (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 138).

Лекин мо дар зарфи сесолаи иинқилоб чанд нафар ҷавон ба сафи Асокири Сурх додем? *Ҳеҷ!* (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 176).

Дар матни дигар бо пайвандаки «*кадом*» муаллиф ҷумлаи саволиро бо ҷумлаи хабарӣ ва матлаби асосиро ба тариқи таъкид ҷамъбаст мекунад:

Эй иинқилоби наҷоткор! Эй байрақи сурх! Ту муқаддас ҳастӣ! Ту ки як оташи барафрӯхта ва виҷдони сӯхтаи мазлумин ҳастӣ, диёри зулмро, кадом вақт хоҳӣ, сӯзонӣ? Туркияи мазлум чашм ба роҳи туст! Чашм ба роҳи туст!!! (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 176).

Хулоса, С. Айнӣ дар мақолаҳои публитсистии солҳои 20-ум эҷоднамудааш аз воситаҳои муассири забон чунон моҳирона истифода намудааст, ки имрӯз дар роҳи эҷод ба мо роҳнамои хубе хоҳанд шуд.

3.7. Такрори унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ

Маҳз С. Айнӣ буд, ки меъёри таъсирнокии забони матбуотро аз рӯзи аввали нашри он дар софию печонӣ, равонию оммафаҳмияш медид. Силсилаи мақолаҳои устод дар саҳифаҳои «Шуълаи инқилоб», «Бедории тоҷик», «Овози тоҷик» имрӯз ҳам муосирияти худро дар гузоришу ҳалли масъалаҳои мухталифи забон гум накардааст. [Бердиева Т., 1991, с. 34].

Дар тасвири пуробуранги воқеаҳои зиндагӣ истифодаи воситаҳои таъсирбахши лексикии забон, интихоб ва тарзи истеъмоли луғат чӣ андоза муҳим бошад, кор фармудани воситаҳои синтаксисӣ, аз рӯйи талаботи фикр, тақозои маъно ва мақоми сухан ҷо ба ҷо гузошта, ба риштаи ибораю ҷумла кашидани калимаҳо низ ба ҳамон андоза муҳим аст. «Ҷо ба ҷо гузоштани калима муҳимтарин асрори эҷодии ҳар як нависанда аст ва ҳар касе, ки ин сирро намедонад, тамоман навишта наметавонад» – мегӯяд услубшиноси рус И.И. Давидов [Давыдов И. И., 1854, с. 468].

Аслан, калимаҳо мафҳумҳои ҷудогонаро мефаҳмонанд, фикр танҳо дар ҳамон маврид ифода меёбад, ки ин калимаҳо аз рӯйи қоидаҳои забон бо ҳамдигар алоқаманд шуда омада, ҷумларо ташкил диҳанд. Бинобар ин, саҳеҳу равшан баён кардани мақсад ба мавқеъ, тарзи алоқаи калимаҳо, банду баст ва сохти ибораю ҷумлаҳо ҳам вобаста аст.

Бо мақсади таъсирбахш ифода намудани фикр, одатан, аз чунин воситаҳои синтаксисӣ: интонатсия, задаи мантиқӣ, тартиби калима ва ҳоказо истифода мекунанд [Камолиддинов Б., 1974, с. 147] .

Такрори калимаю ибораҳо чун воситаи таъсирбахш ифода кардани фикр дар забони асарҳои бадеӣ ва мақолаҳои публитсистӣ мавқеи муҳим дорад. Дар ин ҷо хусусиятҳои услубӣ ва ҷиҳатҳои характерноки калимаҳоро дар мақолаҳои С. Айнӣ дида мебароем.

Такрор дар забон вазифаҳои мухталифи лексикӣ – семантикӣ, грамматикӣ ва услубиро адо мекунад. Баъзе воситаҳои синтаксисии

такрори калимаю ибораҳо дар як қатор асару мақолаҳои илмӣ мухтасар шарҳ дода шудаанд [Таджиев Д. Т., 1955, с. 20.]. Бар замми ин, такрор дар назм чун санъати сухан ба таври васеъ истифода мешавад [Зеҳнӣ Т., 1992, с. 159 – 162].

Такрори калима, таркиб, ибора, ҷумла ва ҳатто порчаҳои яклухт дар услубшиносӣ ба навъҳои зиёде ҷудо карда мешавад [Гвоздев А. Н., 1955, с. 222 – 226], ки аксарияти онҳо дар мақолаҳои солҳои бистуми устод Айнӣ дучор меоянд.

Нависанда барои қувват додани ифодаи фикр, таъкид намудани маъно ва, махсусан, қайд намудани амалу аломате, ки дар калима ё ибораи такрор зикр ёфтааст, аз ин воситаи таъсирбахши синтаксисӣ фоида бурдааст:

Такрори унсурҳои лугавӣ:

а) калима:

Дар ин матн бо мақсади таъкиди маънои аъзоҳои чида калимаи *якдигар* чор маротиба такрор шудааст: Аз ин ҷост, ки мо – туркистониён, аз беилмӣ ва ҷаҳолат аввал шаҳр-шаҳр, қария-қария ва фирқа-фирқа шуда *якдигарро* задем, *якдигарро* куштем, хонаи *якдигарро* тороҷ ва яғмо кардем, ирзу номуси *якдигарро* барбод додем (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 37). …коргарони заводҳои пахта ба эътибори аксарият *тоҷик аст*. Қаровулони ҳар шаҳр *тоҷик аст*, саройбон *тоҷик аст* (Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 72). Аскар *нест*, аслиҳа *нест,* озуқа *нест*, пул *нест*, муҳимтар аз ҳама сарони коркуни таҷрибакор *нест*... (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 144).

Аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки такрори калима барои ҳамоҳангии ифода, ҷозибанок баромадани сухан хизмат мерасонад. Нависанда дар баёни воқеа калимаеро такроран оварда, онро амиқ ва ҳарҷониба маънидод мекунад ва бо ин васила тамоми диққати хонандаро ба он ҷалб менамояд.

б) ибора:

Нависанда барои диққати хонандаро ба мазмуни ягон калима ё ибора ҷалб намудан фикри асосиро дар ҷумлаи аввалин ифода карда,

баъд ҳамон ҷузъи ҷумларо, ки асли мақсадро дар бар мегирад, такрор ба такрор меорад ва ба тафсил шарҳу эзоҳ дода, мундариҷаи онро ҳарҷониба кушода медиҳад. Чунончи, дар мисоли зерин ибораи *олами Шарқ* истифода шудааст:

Дар натиҷаи ин ҳуҷум ва тороҷ *олами Шарқ* фақир шуд, *олами Шарқ* ғулом шуд, *олами Шарқ* аз дастгоҳҳои чизсозӣ тамоман маҳрум монд…(Айнӣ С., Ахгари инқилоб, 75).

Такрори калима. Такрори сарҷумла дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ: *Моро лозим аст, ки* ҳарчи зудтар ба сафи Асокири Сурх даромада, ба худ ва ба навъи худ хидмат намоем. *Моро лозим аст, ки* ҳарчи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф ва танвири афкор раҳсипор гардида, аз байни худамон аҳли қаламҳои намоён ба майдони мубориза расонем (9). *Ҳамон рӯз аст рӯзи* озодӣ, *ҳамон рӯз аст рӯзи* халосӣ, *ҳамон рӯз аст рӯзи* суруру шодӣ, ки подшоҳони сарватдори Фарангистон бо тоҷу тахти худ ба ҷаҳаннам шитобанд. Иншоолло, *ҳамон рӯз* наздик аст! (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 110).

Чунон ки аз мисолҳои охирин маълум мегардад, сарҷумлаи такрор барои таъсирбахш баромадани сухан ва саҳеҳу равшан ифода кардани матлаби нависанда мусоидат намудааст.

Такрори унсурҳои грамматикӣ:

а) пешоянд: Ҳеҷ шубҳа нест, ки инсон *барои* муомала кардан бо милали мухталифа, *барои* ҳуқуқ гирифтан аз ҳукумат, *барои* омезиш кардан бо хешу ақрабо, *барои* тарбият кардани авлод ва оила, *барои* пеш бурдани касбу ҳунари шахсии худ, *барои* таъмини маишати ҳаррӯза, хулоса *барои* зиндагӣ кардан дар дунё, ба як фикри соиб (рост) ва хати ҳаракати дуруст муҳтоҷ аст (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 103).

Чи тарзе ки аз мисоли боло аён аст, С. Айнӣ барои таъсирбахш баромадани суханаш пешоянди «барои»-ро ҳафт маротиба такрор намудааст.

б) пайвандак: Ҳ*ангоме ки* ранҷбарони Русия алами инқилобро бардошта, моро аз асорати панҷоҳсолаи ҳукумати мустабидда халос

кардаанд, ҳ*ангоме ки* ранҷбарони Русия дар халосии аҳли Шарқ, умуман, мо – мусулмонон, хусусан, аз зери бори ғуломии шаддодони Ғарб камар бастаанд, ҳ*ангоме ки* Ҳукумати Шуравии Русия тамоми фаҳшхонаҳоро баста, ба ҷойи он яке бар сад дорулилмҳо, мактабҳо, мадрасаҳо, курсҳо кушода, оқибат ҳ*ангоме ки* Ҳукумати Шуравии Туркистон ба фармоиши Ҳукумати Шуравии Марказии Русия аксари кори идораи Туркистонро ба супурдан ба дасти мусулмонон қарор додаст, *мо* тамошобинӣ мекунем, *мо* ҳанӯз *ин* ҳ*ама* сели инқилобро абри даргузар, *ин* ҳ*ама* шуру ғавғоро талотуми ҳавои айёми баҳор мепиндорем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 103).

Дар ин ҷо такрори ҷонишинҳои «*мо*» ва «*ин ҳама*» дар ифодаи ҳиссу ҳаяҷони нависанда роли калон бозидаанд.

Агар мо шараф хоҳем*, агар* мо номус хоҳем*, агар* мо иззату обрӯй хоҳем*, агар* мо ҳуқуқ хоҳем, ба иборати кӯтоҳ – *агар* мо ҳаёт хоҳем, бояд, ки фурсат нагузаронда, чанг ба домони сайфу қалам занем (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 130). *Модом ки* мо озодиро мехоҳем, *модом ки мо* истиқлол ва имтиёзро соҳибем, *модом ки* истихлоси олами исломро хоҳонем, *модом ки* поймол шудани ватан, зан ва фарзандамонро раво надорем, хулоса – *модом ки мо* аз мурдан ва зиндагии бадтар аз марг метарсем, бояд ки имрӯзро ба фардо нагузошта, аз худ фирқаҳои ғарбӣ ташкил диҳем… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 138).

Одатан, нависанда амалеро зикр намуда, бо ёрии пайвандакхои «агар» ва «модом ки» шарҳ медиҳад, ки он амал чӣ тарз бояд халли худро ёбад. Дар охири ҷумла роҳи ҳалли ин мушкилотро меорад. Пайвандаки *агар* дар матн чор маротиба ва пайвандаки *модом ки* панҷ маротиба такрор шудаанд.

в) ҳиссачаи инкории «на»:

…*на* ба сайф рағбат дорем, *на* ба қалам, *на* ёди озодӣ дорем, *на* орзуи ҳуқуқ… (Айнӣ С., Куллиёт. – Ҷ. 9, 139).

Муаллиф таъкид мекунад, ки мо, шарқиён, аз ҳама қафомондаем ва ба ҳеҷ чиз рағбат надорем. Ин таъкид ба воситаи ҳиссачаи инкории «*на*» хеле ҷолибу таъсирбахш баромадааст.

Агар такрори ду овоз дар ду калима хилофи фасоҳати забон, аз ҷумла ба услуби рӯзноманигорӣ низ, шуморида шуда бошад, пас такрори калимаю ибораҳои бемавқеъ тамоман хилофи ҳусни баён аст. Калимаю ифодаҳои забонзада назари хонандаро бозмедоранд, шунавандаро зуд дилбазан мекунанд, нутқро хира, камтаъсир, муғлақ мегардонанд. Такрори калима ба равшании ифодаи фикр халал мерасонад. Мақсади асосӣ дар байни калимаҳои зиёди нодаркор нопадид гардида, ба шунаванда номафҳум мемонад [Камолиддинов Б., 1974, с. 155].

Аз таҳлили чанд мисоли боло маълум мегардад, ки С. Айнӣ калимаю ибораҳоро донистаю надониста такроран кор нафармудааст, балки аз он чун воситаи услубии забон бо мақсади муайян истифода бурдааст.

Хулоса

Дар рушду нумӯи забони адабии тоҷикӣ, дар бой гардонидани сарватҳои луғавию грамматикии он, дар инкишофи услубиёти забон саҳми устод Айнӣ хеле бузург аст. Ӯ дар мақолаҳои публитсистиаш барои рангину ҷолиб ва ба хонанда фаҳмо шудани мавзуъ аз ҳама гуна воситаҳои забонӣ истифода бурдааст. Муҳимтарин хулосаҳое, ки пас аз омӯзишу баррасии забон ва услуби мақолаҳои публитсистии дар солҳои 20-ум эҷоднамудаи С. Айнӣ бардоштем, аз инҳо иборатанд:

1. С. Айнӣ, ки ҳам шоиру ҳам нависандаи бомаҳорат ва нисбат ба услуби асари бадеӣ серталаб буд, бо таъсири ҳамин принсип дар мақолаҳои публитсистиаш ҳам ба такрори безарурати калимаҳо роҳ надодааст [5-М].

2. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар матни мақолаҳои С. Айнӣ нисбат ба асарҳои бадеии ӯ зиёдтар истеъмол шудаанд, зеро дар он замон истифодаи онҳо роиҷ гардида буд.

Дар забони тоҷикӣ қисми зиёди калимаҳои иқтибосии арабӣ бо мурури замон ҳазм шуда, тобишҳои маъноӣ, услубӣ пайдо кардаанд [2-М].

3. Ҳангоми таҳқиқ маълум гардид, ки сабку услуби нависанда майл ба сода ва равонии сухан дорад [4-М].

4. Калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ дар мақолаҳо барои нишон додани фосила, замон ва ҳамчун воситаи луғавии ифодакунандаи ҳодисаҳои таърихии азбайнрафта дар сухани тасвирии нависанда дар ҳамон шакли маъмули худ ба кор бурда шудаанд [15-М].

5. С. Айнӣ барои боло бардоштани фасоҳат ва муассирии забони мақолаҳо аз воситаҳои тайёр ва рехтаи забон барои дақиқ ва хушобуранг ифода кардани маънии дилхоҳ хеле фаровон истифода кардааст. Нависанда аз ин воситаҳои тасвир бо тақозои услуби баён барои ҳарчи

амиқтар кушода додани моҳияти масъалаҳои муҳимми давраи инқилоби Бухоро истифода бурдааст [8-М; 9-М].

6. Устод Айнӣ ба сохти ҷумлабандиҳои анъанавии классикӣ тағйирот дароварда, истифода намудани бисёр калима ва ибораҳои ба забони ҳозираи тоҷик хосбударо аз ҳаёти оммаи васеи миллати тоҷик гирифт, ки ин ҳама, бешубҳа, муваффақиятҳои барҷастаи меъёри грамматикаи ҳозираи моро таъмин намуд [4-М].

7. Ҷумлаҳои сода дар мақолаҳои С. Айнӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини тасвири воқеа буда, онҳо, одатан, бо мақсади дар шакли кӯтоҳи пурмазмун дода тавонистани амалу ҳолатҳо ва ҳиссиёти гуногун ба кор бурда мешаванд [3-М; 4-М].

8. Нависанда аз имконоти услубии ҳам воҳидҳои луғавӣ ва ҳам грамматикӣ дар мақолаҳояш истифода бурдааст, бинобар ин забони асарҳои публитсистии устод Айнӣ барои журналистони ҷавон ҳамчун намунаи сабаки забономӯзӣ хизмат карда метавонад [6-М; 13-М].

9. С. Айнӣ дар мақолаҳои публитсистии солҳои 20-уми эҷоднамудааш аз воситаҳои муассири забон чунон моҳирона истифода намудааст, ки имрӯз дар роҳи эҷод ба мо роҳнамои хубе хоҳанд шуд [10-М].

Нависанда барои тамоми диққати хонандаро ба мазмуни ягон калима ё ибора ҷалб намудан фикри асосиро дар ҷумлаи аввалин ифода карда, баъд ҳамон ҷузъи ҷумларо, ки асли мақсадро дар бар мегирад, такрор ба такрор меорад ва ба тафсил шарҳу эзоҳ дода, мундариҷаи онро ҳарҷониба кушода медиҳад.

Аз таҳлилҳоямон ба ҳамин хулоса омадем, ки С. Айнӣ ҳамеша аз пайи фасеҳ ва беғалат ифода кардани фикр буд ва ба дигарон низ ҳаминро талқин мекард.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Натиҷаҳои назариву амалии рисола имкон дод, ки баъзе тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия пешниҳод намоем:

1. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар ҷараёни эҷоди адабиёти бадеӣ, мақолаҳои публитсистӣ истифода бурдан аз фоида холӣ нахоҳад буд.

2. Дар заминаи таҳлили маводи амаливу назарии рисола имкони такмил додани назарияи жанри мақола ба миён меояд.

3. Дар асоси маводи амалии диссертатсия барои ёрӣ ба донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавон дастури методӣ навиштан зарур аст.

4. Омӯзиши забон ва услуби мақолаҳо имкон медиҳад, ки меъёри забони адабӣ дар тамоми жанрҳои журналистика, хусусан, дар медиаматн риоя карда шавад, ки ин дар покизагии забони миллӣ ва рушди он саҳми беназир хоҳад гузошт.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I.Сарчашмаҳо

1. Айнӣ, С. Ахгари иинқилоб [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974 – 264 с.

2. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977 – Ҷ. 9. – 480 с.

3. Аҳмади Д. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] / Д. Аҳмад. – Душанбе: Дониш, 1989 – 338 с.

II. Адабиёти илмӣ
а) ба забони тоҷикӣ

4. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969 – Ҷ. – 416 с.

5. Айнӣ, С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис [Матн] / С. Айнӣ. –/ Шарқи сурх. – 1948 – № 11. – С. 39 – 40.

6. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода [Матн] / А. Абдуқодиров. –Душанбе: Дониш, 1988. – 124 с.

7. Абдуқодиров, А. Хусусиятҳои луғавии назми Мирзо Турсунзода [Матн] / Абдуқодиров. – Нашриёти «Ношир», Хуҷанд – 2011. – 156 с.

6. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод – 2004. – 88 с.

7. Ализода, С. Маслаки мо ҳақ / С. Ализода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 160 с.

8. Атобуллоев, С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ [Матн] / С. Атобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1984. – Ҷ. 4. 193 с.

9. Бозоров, Н. Моҳияти факт дар публитсистика [Матн] / Н. Бозоров. – Душанбе: Сино, 2004. – 112 с.

10. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. Барои хонандагони омӯзишгоҳҳои ғоибона [Матн] / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1942. – С. 36-55.

11. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос [Матн] / Т. Бердиева. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 128 с.

12. Бобоҷонова, Д., Ваҳҳобов Т. Муқаддимаи лексикологияи забони адабӣ-тоҷикӣ [Матн] / Д. Бобоҷонова. – Хуҷанд: Ношир, 2010. – 75 с. Гадоев, Н. Баъзе хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб / Н. Гадоев. – Душанбе, 2017. – 232 с.

13. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] / Гулмуродзода П. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.

14. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Наш. дав. Тоҷикистон, 1963. – 171 с.

15. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷ. 3. Ҷумлаи мураккаб. – Душанбе, Дониш, 1989. – 215 с.

16. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 225 с.

17. Ғаффоров, Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. Услубшиносӣ [Матн] / Р. Ғаффоров, С. Ҳошимов , Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1995. – 191 с.

18. Эгамбердиев, Р. Маънои киноя дар фразеологизмҳо (дар асоси забони асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ») [Матн] / Р. Эгамбердиев. – Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Ун-ти давл. ба номи А. Навоӣ. Серияи нав. – № 240 – Самарқанд, 1973. – С. 5 – 11.

19. Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе, 2010. – 325 с.

20. Журналистика ва замони муосир (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) – Душанбе, 2013. – 128 с.

21. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 386 с.

22. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ – Душанбе: Дониш, 1987. – 326 с.

23. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.

24. Зоғакова, Г. Идиомаҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ. Авт. дисс... канд. филол. наук [Матн] / Г. Зоғакова. – Душанбе, 2011. – 24 с.

25. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфалогия, – Қ. 1. – Душанбе: Маориф, 1973. – 262 с.

26. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.

27. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Собириён, 2010. – 280 с.

28. Камолиддинов, Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 172 с.

29. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот [Матн] / Б. Камолиддинов. –Душанбе, 2007. – 52 с.

30. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд [Матн] / Б. Камолиддинов. –Душанбе: Интернюс, 2001. – 171 с.

31. Камолиддинов, Б. Сухандонон сухан санҷида гӯянд [Матн] / Б. Камолиддинов. –Душанбе: Оптима, 2005. – 200 с.

32. Камолиддинов, Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.

33. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 120 с.

34. Камолиддинов, Б. Қонуни “сарфи неру” ва забони матбуоти тоҷик [Матн] / Б. Камолиддинов. – Равшангари афкори ҷомеа. – Душанбе, 2009. – С. 52 – 58.

35. Камолиддинов, Б. Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 2015. – 56 с.

36. Кучаров, А. Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ [Матн] / А. Кучаров. –Душанбе, 2013. – 140 с.

37. Қосимова, М. Н. Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан [Матн] / М. Н. Қосимова. – Душанбе, 2005. – 145 с.

38. Қаландаров, С. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Наводир-ул-ваҷоеъ»-и Аҳмади Дониш [Матн] / С. Қаландаров. – Душанбе: Олами китоб, 2010. – 196 с.

39. Маҷидов, Ҳ. Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Ун-ти давлатии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С. 61-78.

40. Маҷидов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва калима [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Мактаби советӣ. – 1984. – №4. – С. 19-21

41. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Луғатшиносӣ. –Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ.1. – 242 с.

42. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Маҷидов Ҳ . – Душанбе, 1982 – 104 с.

44. Маҷидов, Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳофразеологии феълии забони ҳозираи адабии тоҷик (рисолаи номзадӣ) [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1968. – 249 с.

45. Маҷидов, Ҳ. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов. // Мактаби советӣ. – 1986. – №10. – С. 25-28.

46. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Забоншиносӣ [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Ҷ.2. – 350 с.

47. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 267 с.

48. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1959. – 385 с.

49. Мунзим. Дар бораи забони адабии тоҷикӣ [Матн] / Мунзим. // Тоҷикистони сурх, 1929 – 16 январ.

50. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Забоншиносӣ [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Ҷ. 2. – 350 с.

51. Мирзоева, М. М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ [Матн] / М. М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.

52. Мирзоева, М. М. Доир ба тарҷумаи воҳидҳои фразеологии «Марги судхӯр» [Матн] / М. М. Мирзоева // Ҷашнвораи устод Айнӣ. – Душанбе: Сино, 2000. – С. 4. –7.

53. Муҳаммадиев, М., Нурмуҳаммадов, Ю., Талбакова, Ҳ. Лексикаи забони адабии тоҷик [Матн] / М. Муҳаммадиев, Ю. Нурмуҳаммадов, Ҳ. Талбакова. – Душанбе, 1997 – 189 с.

54. Муҳаммадиев, М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. –162 с.

55. Мирзоев, С. Матбуот ва забони он [Матн] / С. Мирзоев // Оинаи забон. – Душанбе, 2003. – С. 54 – 59.

56. Мирзоева, М. Ҷ. Баъзе нуқсонҳои тарҷума дар матбуот [Матн] / М. Ҷ. Мирзоева // Оинаи забон. – Душанбе, 2003. – С.41-45.

57. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2007. - Қ.1. – 79 с.

58. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2008. – Қ.2. – 85 с.

59. Мухторӣ, Қ. Муносибати устод Айнӣ ба забони осори классикони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Қ. Мухторӣ // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забон. – Душанбе, 2004. – С. 91-95.

60. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ [Матн] / Қ. Мухторӣ. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 130 с.

61. Наврӯзшоев, Б. Таркибу ибораҳои устувори феълии забони тоҷикӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ [Матн] / Б Наврӯзшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. – С. 49-50.

62. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти ҷамъиятиву сиёсии забони тоҷикӣ дар асри XX [Матн] / С. Назарзода. – Душанбе, 2004. – 302 с.

63. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо [Матн] / С. Назарзода. – Душанбе, 2013, – 371 с.

64. Ниёзмуҳаммадов, Б., Рустамов, Ш. Забони тоҷикӣ. Синтаксис. Барои синфҳои 7 – 8. [Матн] / Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1981. – Қ.2. – 197 с.

65. Ниёзмуҳаммадов, Б. Таълимоти Сталин дар бораи забон ва вазифаҳои нависандагони Тоҷикистон [Матн] / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Шарқи Сурх, № 6, 1951, с. 12.

66. Олимҷонов, М. Хусусиятҳои луғавию услубии насри таърихӣ (дар асоси эҷодиёти Сотим Улуғзода) [Матн] / М. Олимҷонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. – 152 с.

67. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 339 с.

68. Сабзаев, С. М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар [Матн] / С. М. Сабзаев. –Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.

69. Сабиржанов, С. Собственно вопросительные предложения в современном таджикском литературном языке [Текст] / С. Сабиржанов. – Душанбе: Мир издателей, 2011. – 226 с.

70. Саломов, М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ [Матн] / М. Саломов. – Душанбе, 2001. – 137 с.

71. Саломов, М. Ифодаи маҷоз дар забони тоҷикӣ [Матн] / М. Саломов // Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Диловар, 1999. – С. 68-75.

72. Саъдуллоев, А. Саҳифабандӣ ва чопи газета [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2007. – 128 с.

73. Саъдуллоев, А., Гулмуродзода, П. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1998. – б89 с.

74. Саидов, Н. С. Лексические и фразеологические особенности рассказов А. Самада / Н. С. Саидов. – Душанбе, 2016. – 254 с.

75. Тоҷиев, Д. Т. Воситаҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [Матн] / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе, 2015. – 114 с.

76. Тарҷума ва балоғати сухан. – Душанбе, 2004. – 220 с.

77. Тарҷума ва тарҷумаи бадеӣ. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 156 с.

78. Тоҷиев, Д. Т. Осори мунтахаб / Д. Т. Тоҷиев. – Душанбе, 1976. – 244 с.

79. Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба [Матн] / Д. Т. Тоҷиев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 40 с.

80. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.

81. Усмонов, И., Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И. Усмонов, Д. Давронов. – Д., 2008. – 378 с.

82. Холиқназар, Ӯ. Ғалат менависем [Матн] / У. Холиқназар. – Душанбе , 2003. – 143 с.

83. Хоҷаев Д., Зикриёев Ф., Муллохонов А. Забони тоҷикӣ [Матн] / Д. Хоҷаев, Ф. Зикриёев, А. Муллохонов. – Душанбе: Собириён, 2007. – 159 с.

84. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои XII-XVI [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.

85. Хоҷаев, Д. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2021. – 140 с.

86. Ҳоҷиев, С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX [Матн] / С. Ҳоҷиев. – Душанбе: Дониш, 1987. – 187 с.

87. Ҳошимов, С. Баъзе хусусиятҳои синонимҳо дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ [Матн] / С. Ҳошимов // Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Душанбе: УДТ, 1971. – С.19-27.

88. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и С. Айнӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 184 с.

89. Ҷумъаев, М. Хусусиятҳои лексикию семантикии “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] / М. Ҷумъаев. – Душанбе: «Эҷод», 2009. – 159 с.

90. Шакуров, М. Забони мо-ҳастии мост [Матн] / М. Шакуров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 228 с.

91. Шакурӣ, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 400 с.

92. Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 174 с.

93. Шодиев, Б. Хусусиятҳои луғавию фразеологии очерку қиссаҳои Мутеулло Нақмиддинов / Б. Шодиев. – Душанбе, 2013. – 168 с.

б) ба забони русӣ

94. Авалиани, Ю.Ю. К семантической структуре слова и фразеологической единицы (ФЕ) (по материалам иранских языков) [Текст] / Ю.Ю. Авалиани // Труды Самаркандского гос. ун-та. им. А. Навои. – Новая серия. – Том №225. – Вопросы фразеологии, стилистики и грамматического строявосточных языков. – Самарканд, 1972. – С. 62-67.

95. Алефириенко, Н. Ф. Фразеология в свете современних лингвистических парадигм [Текст] / Н. Ф. Алефириенко. – М.: Элпис, 2008. – 271 с.

96. Арнольд, И. В. Стилистика современного английского языка [Текст] / И. В. Арнольд. – Л.: Просвещение, 1973. – 300 с.

97. Виноградов, В. В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке; Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины. Лексикология и лексикография [Текст] / В. В. Виноградов. – М.: Наука, 1977. – С. 118 – 161.

98. Гвоздев, А. Н. Очерки по стилистике русского языка [Текст] / А. Н. Гвоздев. – М., 1955. – 460 с.

99. Давыдов, И.И. Опыт общесравнительной грамматики русского языка [Текст] / И.И. Давыдов. – изд. 3, СПб, 1854, стр. 468.

100. Иванникова, Е. А. Об основном признаке фразеологических единиц [Текст] / Е. А. Иванникова. – Проблемы фразеологии: Исследования и материалы. – М.-Л.: Наука, 1964. – С. 70 – 83.

101. Капранов, В. А. Лексическая контаминация в таджикском языке [Текст] / В. А. Капранов. – Душанбе, 1979. – С. 57.

102. Камолиддинов, Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке [Текст] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 288 с.

103. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка [Текст] / Х. Маджидов – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.

104. Пейсиков, Л. С. Лексикология современного персидского языка / Л. С. Пейсиков. – М.: Изд. МГУ, 1975. –203 с.

105. Рубинчик, Ю. А. Основы фразеологии персидского языка [Текст] / Ю. А. Рубинчик. – М.: Наука, 1981. – 275 с.

106. Таджиев, Д. Т. Слово «об» – вода в современном таджикском языке [Текст] / Д. Т. Таджиев // Труды ИЯ АН СССР. –М., 1952. – Т.1. – С. 123-142.

107. Хушенова, С. В. Об изафетных фразеологических единицах [Текст] / С. В. Хушенова // Изв. Н Тадж. ССР. Отд-ние обществ наук. – 1965. – №4. – С. 56-64.

108. Шанский, Н. М. Лексикология современного русского языка / Н. М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – 326 с.

III. Фарҳангу луғатномаҳо

109. Муҳаммадиев, М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ [Матн] / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 271 с.

110. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 952 с.

111. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.2. – 949 с.

112. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 949 с.

113. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 944 с.

114. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ. – Душанбе, 2006. – 784 с.

115. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷ.1. – 952 с.

116. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ.2. – 802 с.

МУҲИМТАРИН ВИЖАГИҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ТАЪЛИФОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААСТ:

1. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ФР ва КАО ҶТ:

[1-М] Сафаралиева, М. Р. «Забони хушкардаи» С. Айнӣ чӣ гуна забон аст? [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 4/4 (91). – Душанбе: Сино, 2012. – С. 158-168.

[2-М] Сафаралиева, М. Р. Мавқеи калимаҳои арабӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 4/5 (94). – Душанбе: Сино, 2012. – С. 41-51.

[3-М] Сафаралиева, М. Р. Гурез аз такрор ва забонзада шудани калима дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ [Матн] /М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 4/6 (97). – Душанбе: Сино, 2012. – С. 93-99.

[4-М] Сафаралиева, М. Р. Қайдҳо доир ба сабақҳои устод Айнӣ дар бобати унсурҳои забон [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 9. – Душанбе: Сино, 2022. – С. 74-80.

[5-М] Сафаралиева, М. Р. Такрори унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №1. – Душанбе: Сино, 2023. – С. 62-68.

[6-М] Сафаралиева, М. Р. Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №2. – Душанбе: Сино, 2023. – С. 74-81.

[7-М] Мирзоева, М. Ҷ., Сафаралиева, М. Р. Истифодаи синонимҳо дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ [Матн] / М. Ҷ. Мирзоева, М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3. – Душанбе: Сино, 2023. – С. 18-26.

[8-М] Сафаралиева, М. Р. Ибораҳои фразеологӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ [Матн] /М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №4. – Душанбе: Сино, 2023. – С. 98-105.

II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои дигар:

[9-М] Сафаралиева, М. Р. Ифодаҳои маҷозӣ дар мақолаҳои солҳои бистуми С. Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – «Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ». – Душанбе, 2012. – С. 123-124.

[10-М] Сафаралиева, М. Р. Воситаҳои муассири наҳвӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – «Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ». – Душанбе, 2013. – С. 112-114.

[11-А] Сафаралиева, М. Р. Такрори унсурҳои луғавию грамматикӣ дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – «Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ». – Душанбе, 2013. – С. 145-150.

[12-М] Сафаралиева, М. Р. Доир ба ҷумлаҳои саволии риторикӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – «Журналистика ва замони муосир». – Душанбе, 2013. – С. 119-127.

[13-М] Сафаралиева, М. Р. Баъзе қайдҳо доир ба сабақҳои устод Айнӣ аз забономӯзӣ ва ҳусни баён / М. Р. Сафаралиева. – Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара, № 3 . – Данғара, 2015. – С. 70-73.

[14-М] Сафаралиева, М. Р. Банди наҳвӣ дар мақолаҳои С. Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ». – Душанбе, 2022. – С. 180-184.

[15-М] Сафаралиева, М. Р. Калимаҳои куҳнашуда дар мақолаҳои С. Айнӣ [Матн] / М. Р. Сафаралиева. – Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ». – Душанбе, 2023. – С. 174-179.

Ихтисораҳо

ВФ – Воҳидҳои фразеологӣ

ФИР – Фарҳанги ибораҳои рехта

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ